# РУШДИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Ба ифтихори 25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Душанбе
Маориф
2016

**ББК 84 тоҷик 7–5**
**Р-57**

**Р-57. Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ.** – Душанбе: Маориф, 2016. 200 саҳ.

**Муҳаррири масъул:**
**доктори илми фалсафа, профессор**
**Нуриддин Саид**

Ин маҷмӯа, ки “Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ” унвон гирифтааст, дар асоси маълумоти омории соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлилҳои коршиносони ватанӣ ва байналмилалӣ, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия шуда, дастовардҳои соҳаи маорифро дар даврони бисту панҷ соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелу асноди мушаххас бозгӯ менамояд. Дар маҷмӯаи мазкур мушкилоти мавҷудаи соҳа ва роҳҳои бартараф намудани онҳо низ ба сифати пешниҳод зикр гардидаанд.

**ISBN 978-99947-1-284-7** **© Маориф,2016**

# Мундарича

Пешгуфтор.....................................................................................4
**Боби 1. Рушди таҳсилот дар солҳои истиқлолият**
§ 1. Таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва махсус..........................7
§ 2. Таҳсилоти иловагӣ ва кор бо мактаббачагони шоиста..19
§ 3. Таъмини соҳаи маориф бо омӯзгорон дар солҳои истиқлолият.....................................................................................30
§ 4. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ..............................37
§ 5. Таҳсилоти олии касбӣ.........................................................56
§ 6. Низоми миллии имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ ҳамчун падидаи даврони истиқлолияти давлатӣ...66
§ 7. Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон....................86
§ 8. Таъмини таълимию методии раванди таҳсилот............93
§ 9. Назорати раванди таҳсилот..........................................102
**Боби 2. Истиқлолияти давлатӣ ва рушди илм**
§ 1. Такмили пажӯҳишҳои илмии соҳаи маориф ва таҳсилот..................................................................................106
§ 2. Рушди илми донишгоҳӣ.................................................135
§ 3. Таҳкими матбуоти даврӣ ва илмӣ.................................153
**Боби 3. Тақвияти заминаи таълимӣ ва моддии соҳаи маориф ва илм дар солҳои истиқлолияти давлатӣ**
§ 1. Рушди маблағгузории соҳаи маориф ва илми донишгоҳӣ.......................................................................................171
§ 2. Густариши таҳия ва нашри адабиёти таълимию илмӣ..177
§ 3. Таҳкими идоракунӣ ва иттилоотонии соҳаи маориф ва илми донишгоҳӣ.....................................................................182
§ 4. Рушди сохтмони иншооти соҳаи маориф дар солҳои 1991-2015.......................................................................................187
**Боби 4. Густариши робитаҳои байналмилалии муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дар даврони истиқлолият**
§ 1. Рушди робитаҳои байналмилалии муассисаҳои таълимию илмӣ...........................................................................193
§ 2. Ташкил намудани таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ.................................194
Охирсухан...................................................................................199

## ПЕШГУФТОР



Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли 2015 таъкид доштанд, ки ҳатто дар солҳои вазнини ибтидои истиқлолият "тамоми фикру андешаи ман ҳамчун Сарвари давлат дар баробари таъмин намудани сулҳу оромии кишвар ба ҳалли масъалаҳои маориф ва дастгирии ин соҳаи барои ҷомеа ва давлат ниҳоят муҳим банд буд. Ва чунонки мушоҳида мекунед, ман ҳамаи имконияту василаҳоро ба хотири таҳким бахшидани пояҳои илму маориф равона карда, ба рушди ин соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ диққати махсус медиҳам ва ин масъаларо ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумат бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо дастгирӣ менамоям".

Пешвои миллат соҳаи маорифро самти афзалиятнок эълон намуда, онро барҳақ, омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номидаанд. Ба ҳамин далел Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи бемайлони соҳаи маориф ва илм, сатҳу сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таҳсилот, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисосу унвондор таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ тайи бисту панҷ соли истиқлолияти давлатӣ соҳаи маориф ва илм ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардида, барои

рушди бемайлони соҳаи маориф ва илм заминаи мусоид фароҳам овარданд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ фаъолияти худро бо мақсади таҳкими ҳадафҳои аслии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – бунёди ҷомеаи мутамаддини демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, дорои иқтисоди пешрафта, тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандии хонандагону донишҷӯён, ташаккули шахсияти онҳо, амнияти иттилоотӣ ва рушди зеҳнии ҷавонон ба роҳ монда, баҳри ташкил ва танзими низоми таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, тарбияи кадрҳои илмӣ, ба манбаи асосии таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони баландсавияи дар бозори меҳнат рақобатпазир табдил додани муассисаҳои таълимию илмии кишвар ҷаҳду талош намуд.

Қобили зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешрафт ва такони ҷиддӣ бахшидан ба рушду takомули илму маориф, техникаю технологияи навин, беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф, тарбияи насли нави муҳаққиқони соҳаи техника дар кишвар дар солҳои истиқлолияти давлатӣ соли 2010-ро “Соли маориф ва фарҳанги техникӣ” эълон кард. Ин ба фароҳам овардани заминаи рушду такомули тафаккури техникиву технологӣ дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ мусоидат намуд.

Боиси ифтихор аст, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ мақому манзалати устоду олим хеле боло рафт. Ин ҳама аз ғамхориҳои Раҳбари давлат ва боварию эътимод ба кормандони соҳа дарак медиҳанд: «Давлату Ҳукумат ба шумо эътимоди комил дорад, зеро инсоният ба омӯзгор ҳамеша ниёз дошту дорад. Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст, ба дигарон таълим медиҳад. Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеч гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд,

ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд».

Ин маҷмӯа, ки “Рушди маориф ва илм дар даврони истиқлолияти давлатӣ” унвон гирифтааст, дар асоси маълумоти омории соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлилҳои коршиносони ватанӣ ва байналмилалӣ, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия шуда, дастовардҳои соҳаи маорифро дар даврони бисту панҷ соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелу асноди мушаххас бозгӯ менамояд. Дар маҷмӯаи мазкур мушкилоти мавҷудаи соҳа ва роҳҳои бартараф намудани онҳо низ ба сифати пешниҳод зикр гардидаанд.

Боварӣ дорем, ки маводи китоби мазкур барои кормандони соҳаи маориф ва илм ба сифати дастури роҳнамо хидмат менамояд. Мутолиаи он барои доираи васеи хонандагон, ки бевосита ё бавосита бо мактабу маориф ва илм иртибот доранд, алалхусус, муҳаққиқони соҳаи педагогика ва таҳсилот, ҷомеашиносону муаррихон судманд хоҳад буд.

***Нуриддин Саид***
***вазири маориф ва илми***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# БОБИ 1. РУШДИ ТАҲСИЛОТ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## § 1. ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ, УМУМӢ ВА МАХСУС

Дар соҳаи маориф зинаи таҳсилоти умумӣ чун зинаи асосии таҳсилот мавқеи муҳимеро ишғол мекунад. Ин аст, ки дар даврони истиқлолият кӯшишҳо ба дигаргунсозии мазмуну моҳияти таълим дар замони нав, баҳри ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва шаклгирии мактаби миллӣ равона гардида, як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд. Ин санадҳо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумиро танзим намуда, дар ҳамоҳангсозии муносибатҳои субъектҳои раванди таълим, фароҳам овардани шароити мусоиди донишандӯзии хонандагон, истифодаи усулҳои ҳамкорӣ дар таълим ва технологияи инноватсионӣ, таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ ва дар маҷмӯъ ба баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат карда метавонанд.

Дар зарфи 25 соли истиқлолияти давлатӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03. 05. 2002, №220 «Дар бораи Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03. 03. 2006, №94 «Дар бораи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 07. 2009, №427 «Дар бораи Низомномаи намунавӣ барои хонандагони болаёқат», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №223 «Дар бораи барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01. 08. 2012, №382 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03,07.2011, №427 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши за-

бонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №457 «Оид ба Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012-2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.08. 2011, №762 «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №826 «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.07. 2013, №1004 «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12. 2013, №1056 «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2014, №295 «Дар бораи Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2014, №785 «Дар бораи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2015, №256 Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2014, №215 «Оид ба Низомномаи аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои намунаи махсус», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.05.2015, №316 "Дар бораи Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат" дар ноҳияи Ҳисор, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2015, №357 "Дар бораи Муассисаи давлатии таълимии "Меҳровар", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.08.2015, №494 "Дар бораи Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.08.2015, №497 "Дар бораи муассисаҳои давлатии таълимии литсейҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои хонандагони болаёқат" ба тасвиб расида, ҷиҳати иҷро дастраси раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ гардонида шуданд.

Инчунин, бо қарорҳои ҳайати мушоварaи Вазорати мао-

риф ва илм тартиби бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабули хонандагон ба мактабҳои президентӣ, литсей ва гимназияҳо барои хонандагони болаёқат, Барномаи омода намудани кӯдакони 6-7-сола ба мактаб (барои як моҳ), низомномаи "Муаллими соли Тоҷикистон", низомномаи "Мураббии соли Тоҷикистон", низомномаи "Китобхони беҳтарин", низомномаи таҳсили ғоибона дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастури вазифавии муовини директори муассисаи таълимии хонандагони болаёқат оид ба олимпиада тасдиқ гардиданд.



Ҷиҳати таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимии давлатии мактабҳои президентӣ "Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии давлатии Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат», "Сохтори намунавии мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат", "Низомнома ва тарҳи Нишон ва Парчами мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат", "Речаи намунавии таълиму тарбия дар мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат", "Низомномаи

ягонаи сукунат дар муассисаҳои таълимии давлатии мактабҳои президентӣ барои хонандагони болаёқат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия ва бо қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.03.2014 тасдиқ ва дастраси муассисаҳои таълимии давлатии мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат гардонида шуд.

Соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 944 муассисаи томактабӣ мавҷуд буд, ки аз ин шумора 553 адад дар шаҳрҳо ва 391 адад дар деҳот фаъолият мекарданд. Фарогирии умумии кӯдакон 141496 нафарро ташкил медод, ки аз ин 106807 нафар ба муассисаҳои томактабии шаҳрӣ ва 34689 нафар ба муассисаҳои томактабии деҳот рост меомад. Имрӯз шумораи кӯдакистонҳо дар ҷумҳурӣ ба 578 адад ва шумораи кӯдакон ба 92024 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 1991 49472 кӯдак кам мебошад.

Масъалаи таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тадриҷан ҳалли худро ёфт. Агар дар соли 2007 шумораи кормандони соҳаи омӯзгорӣ дар муассисаҳои томактабӣ 4711 нафарро ташкил дода бошад, ҳоло дар муассисаҳои томактабии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 8441 нафар мураббӣ фаъолият менамоянд, ки дар муқоиса 3730 нафар зиёд мебошад.

Дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва дастраси муассисаҳои томактабӣ гардонида шуданд. Бори аввал дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» (қарори ҲҶТ аз 28.12.2013, №1056) қабул гардид, ки заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии рушди соҳаи томактабиро муайян менамояд.

Бо мақсади барқарор намудани муассисаҳои томактабӣ ва рушди минбаъдаи онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ду барномаи давлатӣ қабул гардид: «Барномаи давлатии рушди соҳаи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои 2006-2010» аз 31.10.05, №395 ва «Барномаи давлатии рушди соҳаи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» аз 4.11.2011, № 457.

Дар самти рушди муассисаҳои томактабии хусусӣ “Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи

умумии хусусӣ" қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 № 295 қабул гардид, ки самтҳои асосии рушд ва тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории хусусиро дар самти ташаккул ва рушди муассисаҳои томактабии хусусӣ муаяйн менамояд.

Ҳамчунин, стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба навовариҳои соҳа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (30.12.2014,№785) тасдиқ гардид.

«Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (29.04.2015,№256) тасдиқ гардида, кормандони соҳа дастрас карда шуд.

Дар робита ба амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012-2016» бояд таъкид намуд, ки агар шумораи марказҳо дар соли таҳсили 2011 - 338 адад бошад, дар соли 2015 ба 1588 адад расид, ки 1250 марказ зиёд мебошад. Фарогирии кӯдакон дар соли 2011 6955 нафарро ташкил дода бошад, ин теъдод дар соли 2015 ба 39789 нафар расид, ки 32834 нафар зиёд мебошад.

Таҳлили шумораи муассисаҳои таълимӣ нишон дод, ки дар зарфи 24 сол дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 657 адад, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 685 адад зиёд гардида, дар навбати худ солҳои 2013-2015 тибқи тадбирҳои андешидашуда оид ба табдили мақоми муассисаҳои таълимӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ 158 адад ва муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ 57 адад кам шудааст.

Дар замони шӯравӣ ягон мактаби типи нав, хусусӣ ва ғайридавлатӣ амал намекард. Имрӯз бошад, дар ҷумҳурӣ 151 муассисаи типи нав, аз ҷумла 83 гимназия (61 гимназияи давлатӣ, 22 гимназияи ғайридавлатӣ), 68 литсей (60 литсейи давлатӣ, 8 литсейи ғайридавлатӣ) фаъолият менамоянд. Ҳамчунин, дар ин давра 9 адад мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд, ки дар онҳо беҳтарин шароити таълим муҳайё карда шудааст.

Вазорати маориф ва илм ҷиҳати татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2014, №295 «Дар бораи Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020» чораҳои амалӣ меандешад. Аз ин ҷост, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии хусусӣ сол ба сол зиёд гардида истодааст.

Соли 2015 шумораи умумии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 1784367 нафар (аз ҷумла духтарон 851183 нафар)-ро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 1991-92 461967 нафар кӯдак бештар ба мактаб фаро гирифта шудааст.

Дар соли таҳсили 2014-2015 теъдоди омӯзгорон дар ҷумҳурӣ 110317 нафар буда, 61865 нафарро занон (56,0%) ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 75781 нафар дорои маълумоти олӣ, 30832 нафар дорои маълумоти миёнаи касбӣ, олии нопурра, 3704 дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд, яъне дар муқоиса бо соли хониши 1991-92 теъдоди омӯзгорон 15317 нафар ё 16,1% зиёд гаштааст.

Соли 1991 теъдоди муассисаҳои интернатӣ 41-то буда, 5-тои он мақоми ҷумҳуриявӣ дошт. Теъдоди хонандагон дар соли таҳсили 1991-1992 3,6 ҳазор нафарро ташкил медод.

Дар айни замон, дар ҷумҳурӣ 77 мактаб-интернат амал мекунанд, ки 74-тои он дар тобеияти Вазорати маориф ва илм қарор дошта, 3 мактаб- интернат марбут ба дигар вазорату кумитаҳо мебошанд. Дар ин муассисаҳо 12175 нафар хонанда таҳсил мекунанд, ки аз онҳо 3208 нафарашон духтар, 1459 нафарашон кӯдакони имконияташон маҳдуд, 205 нафарашон ятими кулл, 1779 нафарашон бепадар, 399 нафарашон бемодар, 2145 нафарашон аз оилаи камбизоат буда, 6188 нафарашон дар маҳалли зист мактаб надоранд. Дар қиёс ба соли хониши 1991-92 теъдоди муассисаҳои интернатӣ 8575 нафар зиёд шудааст.

Бо мақсади ба низом даровардани фаъолияти мактаб-интернатҳо Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии типи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №347 аз 30.06.2007 тасдиқ

гардид.

Бори аввал дастури таълимии “Забони ишора” (Язык жеста) дар Тоҷикистон таҳия гардида, барои чоп омода карда шудааст.

Бори аввал соли 2009 ба номгӯйи маводи хӯроквории тарбиягирандагони мактаб-интернатҳо дар ҳамкорӣ бо Институти озуқаи назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, мувофиқ ба синну соли тарбиягирандагон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 04 соли 2011, №228 Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” тасдиқ шудааст, ки самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд барои гирифтани таҳсилот мусоидат менамояд.

Инчунин дар ин самт ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 2 июли 2013, №1004 моддаи 22 “Таҳсилоти махсус” илова шудааст.

Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низомнома дар бораи тартиби таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва низомнома дар бораи ташкили таҳсил дар хона тасдиқ шудааст.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ дар 12 муассисаи таҳсилоти томактабӣ (8-то дар шаҳри Душанбе, 4-то дар вилояти Суғд) 3422 кӯдаки имконияташон маҳдуд бо таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ имрӯз 6566 кӯдак (???) бо таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Бо мақсади ҷалби хонандагон ба таҳсил, пешгирии аз таҳсил дур мондани хонандагон, ба оворагардию қонуншиканӣ роҳ надодани онҳо Вазорати маориф ва илм ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маориф барои табдили мақоми муассисаҳои таълимии ибтидоӣ ба асосӣ ва

муассисаҳои умумии асосӣ ба миёнаи умумӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

Натиҷаи ин тадбирҳо аст, ки шумораи хонандагони аз таҳсил дурмонда аз 2630 нафари соли таҳсили 2012-2013 дар соли баъдӣ ба 261 нафар расид.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илм бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар маҷмӯъ дар ду соли охир 133 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ба умумии асосӣ ва 159 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ба миёнаи умумӣ табдил дода шуданд. Тадбири мазкур барои пешгирии аз таҳсил дур мондани хонандагон мусоидат менамояд.

Дар асоси стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тибқи он таълими фанҳои нав – табиатшиносӣ (дар синфҳои 1-4), таърихи дин (синфи 8), маърифати оиладорӣ (синфи 10) ва асосҳои иқтисодиёт (синфи 11) ба нақша гирифта шуд. Оид ба фанҳои нави таълимии ба нақша воридгардида барнома ва китобҳои дарсӣ таҳия ва таълиф гардиданд.

Инчунин бо мақсади муҳайё намудани шароит барои гузаштан ба таълими равиявӣ ва касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо мусоидат хоҳад намуд.

Ҳамчунин нақшаи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар гардида, дар он замимаҳои ҷудогона барои ба роҳ мондани таълими равиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар иртибот ба ин масъала тибқи талаботи нақшаи таълимӣ роҳбарони муассисаҳои таълимӣ муваззаф гардидаанд, ки дар муассисаҳои дорои зиёда аз ду синфи мувозии 10 ва 11 тибқи озмун ва майлу рағбати хонандагон таълими равиявиро ба роҳ монанд.

Инчунин тартиби ба синфҳои равиявӣ ҷудо намудани хо-

нандагон таҳия ва бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Тибқи ин талабот имрӯз дар ҷумҳурӣ 4279 синф бо теъдоди 104843 нафар хонанда, аз ҷумла 42983 хонанда (????) бо таълими равиявӣ фаро гирифта шудаанд.

Бори аввал дар таърихи маорифи кишвар таҳияи стандартҳои фаннӣ шурӯъ карда шуд. Дар айни ҳол стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ таҳия гардида, дар озмоиш қарор доранд. Таҳияи стандартҳои фанҳои таълимӣ барои синфҳои зинаи дуюму сеюми таҳсилот аз ҷониби гурӯҳи корӣ идома дорад. Афзалияти стандартҳои фаннии мазкур дар салоҳиятнокии дониши хонандагон зуҳур гардида, имкон медиҳад, то дар баробари донишҳои назариявӣ маҳорату малакаи хонандагон ташаккул ёбад.

Бояд қайд намуд, ки то ин давра марҳилаи сеюми барномаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди дастгирӣ қарор дода шудааст. Имрӯз дар 3394 муассисаи асосӣ ва миёнаи умумии ҷумҳурӣ 735942 нафар хонандагони синфҳои 7-11 бо таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз рӯйи барномаи мазкур муассисаҳои таълимӣ бо 53556 компютер таъмин шудаанд, ки ин 110,8%-ро ташкил медиҳад (1 компютер ба 13,5 хонанда рост меояд).

Барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №223 «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015» таҳия ва тасдиқ гардидааст. Дар давраи амалигардонии барномаи мазкур муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо 2908 кабинети муҷаҳҳаз таъмин карда шудаанд. Бо назардошти муҳим будани масъала лоиҳаи нави “Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2014-2020» аз ҷониби Вазорати маориф ва илм омода карда шуд.

Бо мақсади дарёфт ва рушди истеъдодҳо бо қарори Ҳу-

кумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо қабул гардида, тибқи он дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар имрӯз марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо таъсис дода шуд. Ташкили чунин марказҳо имкон фароҳам овард, ки кор бо хонандагони қобилиятнок ривоҷ ёфта, теъдоди иштирокдорон ва ғолибони олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ сол ба сол афзояд. Агар шумораи иштирокчиёни олимпиадаи ҷумҳуриявӣ дар соли 2009 588 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2015 шумораи онҳо ба 1330 нафар расидаст. Ё худ агар теъдоди ғолибони олимпиадаи байналмилалӣ дар соли 2010 96 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2015 ин нишондод ба 148 нафар расид.

Яке аз монеаҳои беҳтар гардидани сифати таҳсилот куҳна гардидани низоми баҳогузории амалкунанда (панҷхола) мебошад.

Низоми баҳогузории амалкунанда (панҷхола) бо ислоҳоти соҳа мувофиқ набуда, зарурати гузариш ба низоми нави баҳогузорӣ ба миён омадааст. Бо назардошти ин зарурат дар асоси Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи тадбирҳоро таҳия намудааст, ки иҷрои саривақтии он зери назорати бевоситаи вазири маориф ва илм қарор дорад. Дар ин робита бо фармоиши вазири маориф ва илм гурӯҳи корӣ ҷиҳати таҳияи Консепсияи гузариш ба низоми баҳогузории бисёрбала таъсис (???) дода шуда, таҳияи ин санади муҳим оғоз гардидааст.

Бо ин мақсад аз соли таҳсили 2014-2015 дар чанде аз муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Ваҳдат, Ҳисор ва ноҳияҳои Рӯдакиву Варзоб раванди озмоиши гузариш ба низоми баҳогузории бисёрбала идома дорад. Натиҷаи озмоиш дар ҳар марҳилаи рейтинг ҷамъбаст ва бо иштироки мутахассисон, омӯзгорони муассисаҳои озмоишӣ баррасӣ карда мешавад. Аз раванди озмоиш бармеояд, ки омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон тадриҷан ба низоми бисёрбала (10, 12, 20 ва 100) одат намуда, онро қабул менамоянд.

Раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ ҷиҳати татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон то соли 2020 таҳким бахшидани фаъолиятро дар самтҳои зерин зарур шуморида, кафолати рушди минбаъдаи соҳаро ба ҳалли як қатор масъалаҳо марбут медонад. Чунончи:

Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти умумӣ имкон фароҳам меорад, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа таҳким бахшида шавад.

1.Таъмини фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ талаботи конститутсионии шаҳрвандонро қонеъ карда, барои беҳ гардидани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ заминаи мусоид мегузорад. Дар ин самт ба роҳ мондани шаклҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ, таъмини пояи моддӣ, техникӣ ва кадрии марказҳои инкишофи кӯдакон ба фарогирии бештари кӯдакон бо таълиму тарбияи томактабӣ, татбиқи саривақтии Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020, муҳайё намудани шароитҳои зарурии моддӣ, техникӣ, инноватсионӣ ва кадрии муассисаҳои томактабӣ имконияти хубтар фароҳам меоварад. Ҳамчунин, баргардонидани биноҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки то ин вақт ғайримақсаднок истифода бурда мешаванд, метавонад дар фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ таъсири бештар расонад. Аз тарафи дигар ҷалби бахши хусусӣ ба таъсиси муассисаҳои томактабӣ низ фарогирии кӯдаконро ба таҳсилоти томактабӣ меафзояд. Омили дигари беҳтар гардидани сифати таълиму тарбияи томактабӣ таъминот ва бо маводи таълимию методӣ ва истифодаи мақсадноки он дар такя ба усулҳои нави таълим аст, ки метавонад ба самаранок гардидани машғулиятҳо мусоидат намояд. Яке аз тадбирҳои муҳим дар ин самт сабти филмҳои омӯзишӣ барои кӯдакони синни томактабӣ дар шакли «саёҳати афсонавӣ» аст, ки онҳо ҷаҳонбинии кӯдаконро васеъ намуда, дар рӯҳияи зебоипарастӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ тарбия менамоянд ва ба ин васила маънавиёти кӯдаконро инкишоф медиҳанд. Омили дигари пешрафти кор дар ин маврид таъмини муассисаҳои томактабӣ бо кадрҳои их-

тисосманди дорои таҳсилоти олии касбист, ки алҳол Вазорати маориф ва илм дар ин роҳ чораҳо андешида истодааст.

2.Ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар табдил додани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ба асосӣ ва асосӣ ба миёнаи умумӣ мебошад, ки барои дастрасии таҳсилот ба шаҳрвандон шароит муҳайё намуда, ҷиҳати пешгирии аз таҳсил дур мондани кӯдакони синни мактабӣ имконияти мусоид фароҳам меорад.

3.Таҳияи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ бо назардошти салоҳиятҳои хонандагон барои ташаккули маҳорату малакаи ҳаётии онҳо кумак менамояд. Таҳияи китобҳои насли нав бо назардошти салоҳиятҳои хонандагон барои беҳтар намудани сатҳу сифати дониш, малакаву маҳорат ва истифодаи амалии он дар ҳаёт имконият медиҳад.

4.Таъмини самаранокии курсҳои такмили ихтисос ба такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва афзун намудани салоҳиятнокии касбии онҳо заминагузорӣ менамояд.

5.Таҳким бахшидани фаъолияти иттиҳодия ва шӯроҳои методӣ ҷиҳати дар амал татбиқ кардани натиҷаи таҳқиқоти педагогӣ ва дастовардҳои таҷрибаи педагогӣ, тавассути таъмини омӯзгорон бо технологияи муосири таълим ва навгониҳои усулӣ дар такмил додани маҳорату малака ва салоҳияти касбии онҳо мусоидат менамояд.

6.Чораандешӣ ҷиҳати бо таҳсили ҳатмӣ фарогирии хонандагони аз таҳсил дурмонда талаботи конститутсионии шаҳрвандонро ба таҳсил таъмин менамояд.

7.Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилоти хонандагон ба таъмини болоравии сифати таҳсилот ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии кишвар, фароҳам овардани шароит барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва мамлакатҳои хориҷӣ, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ кумак менамояд.

8.Таҳким бахшидани пояи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таъмин намудани муассисаҳо бо кабинетҳо ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ, компютер, лавҳаҳои электронӣ ва дигар маводи техникии таълимӣ му-

соидат менамояд.

9.Гузариш ба низоми нави баҳогузорӣ имконият фароҳам меорад, ки сифати таҳсилот, дониш, маҳорат, малака ва салоҳиятнокиву рафтори хонанда арзёбӣ карда шавад.

10.Фароҳам овардани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, моддию техникӣ ва кадрии муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати гузариш ба низоми 12-солаи таҳсилот барои воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ кумак менамояд.

11.Таҳияи консепсияи нави миллии тарбия бо инъикоси ҷанбаҳои миллии тарбия барои дар рӯҳияи баланди хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносӣ тарбия намудани хонандагон замина мегузорад.

12.Таҳким бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои таълимии дорои синфҳои камнуфус, фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқии онҳо барои фарогирии хонандагон ба таҳсил ва пешгирии аз таҳсил дур мондани хонандагон нақши муҳим мебозад.

13.Таҳияи нақшаву барномаҳои таълимӣ (инҳо ҳар сол иваз мешаванд?) барои мактабҳои президентӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат ҷиҳати дарёфт, рушд, дастгирӣ ва ҳавасмандии ҷавонони боистеъдод шароити мусоид фароҳам меорад.

## § 2. ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ВА КОР БО МАКТАББАЧАГОНИ ШОИСТА

Тарбия як ҷузъи асосии кори таълимӣ буда, барои расидан ба ҳадафҳо дар азхуднамоии илму касбҳои гуногун заминагузор аст. Чун фард дар ҷомеа омили таконбахш ва пешбарандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ маҳсуб мегардад, таъсир ва нақши ӯ низ дар сохтори ҷамъиятӣ ногузир мебошад.

Соҳаи маориф дар сохтори фаъолияти худ ду шохаи асосии пайваста ва ногусастаниеро чун таълим ва тарбия дар алоқамандӣ инкишоф медиҳад. Мазмуни илмӣ ва фалсафии он низ далел бар он аст, ки ҳар ду ҷиҳат дар алоҳидагӣ аз ҳам нопурра ва ғайриимкон хоҳанд буд, яъне инсони комил бояд

ҳам ботарбия бошаду ҳам босавод. Агар мактаб ба насли ҷавони мо илмро омӯзонад, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ чун муассисаҳои ёрирасон бо тарбия, мукаммал гардонидани дониши онҳо машғул буда, дар интихоби касбу ҳунар ба онҳо ёрӣ мерасонанд.

Сол аз сол тамоюлҳои мусбат, киояндаи дурнамои инкишофи тарбияро ҳамчун соҳаи афзалиятноки ҳаёти иҷтимоии кишвар муайян мекунад, меафзояд.

Тавре маълум аст, таҳсилоти иловагӣ қисми таркибии соҳаи маориф буда, ба рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, қонеъ гардонидани майлу рағбат ва талаботи маънавии онҳо нигаронида шудааст. Он маълумоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумии хонандагонро пурра гардонида, барои интихоби касб замина мегузорад.

Аз соли 1991 экспедитсияи ҷумҳуриявии сайёҳӣ-кишваршиносии хонандагон таҳти шиори «Тоҷикистон – кишвари азизи ман» ба фаъолият оғоз намуд, ки мазмуни асосии онро анҷом додани корҳои ҷустуҷӯйӣ-тадқиқотӣ оид ба таърих, иқтисодиёт, экология, табиат, фарҳанги кишвари азиз бо иҷрои ҳатмии корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

Тибқи нақшаи дурнамои экспедитсия солҳои 1997, 1999, 2000-ум дар шаҳрҳои Панҷакент, Душанбе ва дараи Қаратоғ слёти 2-юми бостоншиносони наврас, слёти ҷумҳуриявии сайёҳон-кишваршиносони наврас аз рӯйи ҷамъбасти экспедитсияи X11-уми мактаббачагон ва мусобиқаи X-уми сайёҳони наврас ташкил ва гузаронида шуданд.

Дар ин давра дастгирии ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ, ба монанди «Лингва», Маркази экологии шаҳри Душанбе, Фонди “Айсар”, барномаи рушди фонди аҳолии СММ дар Тоҷикистон, ҷамъияти насрониён дар чорабиниҳои гузаронидашуда баръало эҳсос мешуд.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.02. 1996 №93 «Оид ба барномаи давлатии тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 ва дар давраи то соли 2010», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2003, №582 «Оид ба барномаи давлатии рушди туризм дар Тоҷикистон барои солҳои

2004-2009» фаъолияти корҳои сайёҳӣ-кишваршиносӣ дар ҷумҳурӣ вусъат ёфта, бахри амалӣ намудани онҳо корҳои судманде ба анҷом расонида шуданд.

Бо иштироки аъзои клубҳои экологӣ, аъзои маҳфилҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ беш аз 18 саёҳати бисёррӯза, 14 мактабу лагерҳои саҳроии экологӣ, 9 экспедитсияи экологӣ, слёту мусобиқаҳо ва дигар чорабиниҳои сайёҳӣ-кишваршиносӣ ташкил ва гузаронида шуданд.

Натиҷаи ин чорабиниҳо буд, ки 450 нафар аъзои маҳфилҳо соҳиби нишони сарисинагии «Сайёҳи Тоҷикистон» гардида, 600 нафари дигар меъёрҳои варзишӣ-сайёҳӣ аз рӯйи дараҷаҳои 2, 3-и наврас ва дараҷаи 3-и калонсолро соҳиб гаштанд.

Дар қатори ҳамаи ин дастпарварони марказҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар гузаронидани якчанд маъракаҳои экологӣ, аз қабили ниҳолшинонӣ, тоза кардани ҳавзу ҷӯйборҳо ва гирду атроф аз партовҳо саҳм гузошта, ба ин мақсад зиёда аз 30000 бех ниҳоли мевадиҳандаву сояафкан ва гулу буттаҳо дар мавзеъҳои дараи Қаратоғ, водии Вахш, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ваҳдат, Шаҳринав, Варзоб ва шаҳри Душанбе шинонда шуданд.

Аз соли 1995 дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ташкилоти ҷамиятии экологии кӯдаконаи «Зумрад» таъсис дода шуд, ки мақсади асосии он кор бо кӯдакони душвортарбия, бепарастор, ятиму камбизоат ва ҳар чи бештар ҷалб намудани онҳо ба кори маҳфилҳо ва дигар чорабиниҳои кӯдакона мебошад.

Беш аз 20 сол мешавад, ки ҶКЭ «Зумрад» бо кӯдакон ва барои расондани хизмат дар таълим ва офияти иҷтимоии кӯдакону ҷавонони аз синни 9 то 21-сола кор мекунад. Бархе аз онҳо таълимгирандагони мактаб-интернати №1-и ш. Душанбе ва хатмкунандагони хонаҳои кӯдакон, дигарон – кӯдакони кор мекардагӣ аз оилаҳои серфарзанд, оилаҳои нопурра ё носолим бисёр вақт аз оилаҳое мебошанд, ки волидайнашон муҳоҷир, майзада ё нашъамананд.



Дар солҳои 2007-2010 ташкилот дар амалӣ гардонидани як қатор лоиҳаҳо, аз ҷумла «Бозӣ карда, ҳуқуқро дониста, ояндаро месозем», «Барномаи интегратсияи кӯдакон ва ҷавонони Тоҷикистон», «Ҳаракати сулҳ», ки аз ҷониби Барномаи «Навигариҳои бахши ҳуқуқӣ» ва Барномаи шуъбаи мубориза зидди маводи мухаддир ва тартиботи ҳуқуқии сафоратхонаи ИМА дар Тоҷикистон, Донишгоҳи робитаҳои хориҷи (IFA)-и Вазорати корҳои хориҷии Олмон ва КАРИТАС-и Олмон, бахши мониторинги меҳнати кӯдаки назди МТСЗН, ТБҶ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» дастгирӣ ёфта, барои беҳбудии ҳаёти чунин кӯдакон ва ҷавонон, соҳиб шудани онҳо ба маълумоти иловагӣ, истироҳати бофароғат ба воситаи лагерҳои экологӣ, ташаббусҳои сулҳдӯстона, мактаби ҳаёт ва тамоюли касбӣ-техникӣ равона шудаанд, саҳм гузоштааст.

Мутобиқи қарори ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 1999, №215 низомномаи Созмони талабагии муассисаҳои таълимии (мактабҳои) маълумоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Созмони талабагӣ дар ҳал намудани масъалаҳои муҳимми тарбиявии мактаб, ки аз ҷониби давлат муайян карда

шудаанд, ҳамчун ҳимоятгари ҳуқуқҳои хонандагон, ташаббускори озмунҳои фаннӣ, ҳафтаҳои фаннӣ, ки дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон гузаронида мешаванд, мавқеи муҳим дорад. Фаъолияти асосии он мактаб, хонанда, робитаи "омӯзгор-хонанда" ва ҷараёни таълимӣ мебошад.

Мақом ва нақши созмони талабагӣ дар мактаб, эътибору нуфузи он дар байни хонандагон, омӯзгорон ва волидон яке аз натиҷаҳои самарабахши корҳои тарбиявии мактаб ба шумор меравад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар семоҳаи аввали соли 2015 шумораи аъзои созмони талабагӣ дар ҷумҳурӣ 1.179.969 нафарро ташкил намуд, ки аз инҳо дар зинаи Ахтарон 377.289 нафар, Ворисони Сомониён 580.921 нафар ва зинаи Сомониён 220009 нафар аъзои созмон ба қайд гирифта шуданд. Ин нисбат ба соли 2001 961596 нафар зиёд мебошад.

Созмони талабагӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун органи худроҳбарикунанда фаъолият намуда, хонандагонро ба рафтори хуби инсонӣ, муносибати башардӯстона, дарки зебоипарастии муҳити атроф, ошноӣ бо маданияти ҷаҳонӣ, рушди қобилиятҳои бадеӣ ва эҷодӣ ҳидоят мекунад. Масъалаҳои таҳаммулпазирӣ, муқовимат зидди ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ, тарбия дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни миллатҳои гуногун, муҳофизати муҳити зист, тарзи ҳаёти солим, ҳимояи ҳуқуқҳои худ аҳамияти бештаре пайдо мекунад.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.01.2015, №1/1 "Дар бораи таъмин намудани тамоми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо атрибутҳои Созмон" дар ҳамкорӣ бо нашриёти"Субҳи дониш" ва роҳбарони созмони талабагӣ як қатор корҳои ташвиқотӣ бурда шуда, теъдоди муайяни атрибутҳои созмон (парчам, шайпур, гарданбанд, кулоҳ, нишонаҳои сарисинагӣ ва ҳ.) омода ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ирсол карда шуданд.

Қариб ҳамаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо гарданбанд, нишони сарисинагӣ таъмин буда, дар ҳамаи онҳо гӯшаҳои Созмон вуҷуд доранд.

Аз тарафи кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва мутасаддиёни кори созмони талабагӣ ба воситаи нашрияҳои “Ворисони Сомониён”, “Сомониён” мунтазам мақолаву ахбор ба табъ расонида шуда, барои ҳалли мушкилоти соҳаи таҳсилоти иловагӣ таклифу пешниҳодҳои муфид оварда мешаванд. Дар ҳамкорӣ бо ДҶТИБКСМ моҳе як маротиба ба ёрии ҷонишинони директор оид ба таълиму тарбия ва роҳбарони созмони талабагӣ курсҳои кӯтоҳмуддат ва семинару машваратҳо доир мегардад.

Чунин тарзи кор аз тарафи раисони шӯрои созмони талабагии вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ дар маҳалҳо низ ба роҳ монда шудааст.

26 феврали соли 2014 бахшида ба 14 солагии таъсисёбии Созмони талабагӣ дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва маросими қабули хонандагон ба сафи созмон баргузор гардид.

Аз ҷумла дар муассисаҳои таълимии шаҳри Ваҳдат 686 нафар, шаҳри Роғун 781 нафар, ноҳияи Тавилдара 1982 нафар, ноҳияи Тоҷикобод 930 нафар, ноҳияи Ҳисор 2555 нафар ва ноҳияи Файзобод 1455 нафар хонанда ба сафи зинаҳои Ахтарон, Ворисони Сомониён ва Сомониён қабул гардиданд. Бояд зикр намуд, ки дар ташкил ва гузаронидани ин чорабинии муҳимми маърифатӣ саҳми кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хело ҳам назаррас аст.

Дар шаҳри Душанбе дар пояи ҳайкали И.Сомонӣ дар майдони Дӯстии пойтахт бо иштироки зиёда аз 200 нафар аъзои фаъоли созмони талабагони шаҳр, собиқадорони соҳа ва меҳмонон маросими гулгузорӣ барпо гардид. Инчунин 30 нафар хонандагони фаъоли муассисаҳои таълимии пойтахт бори аввал дар вазъияти тантанавӣ бо қироати матни савганд расман ба сафи зинаи Ворисони Сомониён қабул карда шуданд.

Бо сарпарастии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз соли 1998 то соли 2011 Сессияҳои XXVII-XXX1X-уми Академияи хурди илмҳо гузаронида шуданд, ки ҳадафи асосии онҳо аз омода намудани мутахассисони моҳиру пурдон ва баландихитисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ иборат мебошад.

Баҳри иҷрои амалии фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.1996, №458 «Оид ба осорхонаҳои мактабӣ» солҳои 2001, 2006, 2008, чорабиниҳо аз қабили Семинари ҷумҳуриявӣ бо роҳбарони осорхонаҳои мактабӣ, озмуни ҷумҳуриявии "Намояндагони беҳтарин осорхонаҳои мактабӣ" ва слёти ҷумҳуриявии бостоншиносон ва этнографони наврас ташкил ва гузаронида шуданд.

Дар ин солҳо фаъолияти осорхонаҳои мактабии мактабҳои №45-и н. Ёвон, 52-и н. Ҳисор, 30 ва 10-и ноҳияҳои Шуғнону Роштқалъа, 99 ва 88-и ш. Душанбе ва дар нимсолаи аввали солҳои 2010-2011 вазъи осорхонаҳои мактабии ноҳияҳои Ховалинг, Восеъ, Мӯъминободи вилояти Хатлон, фаъолияти осорхонаҳои мактабии №.№ 82, 37, 94-и шаҳри Душанбе, осорхонаҳои мактабии мактаби №27-и шаҳри Хуҷанд, мактаби №4-и шаҳри Чкалов, осорхонаи адабӣ ба номи Шарифҷон Ҳусейнзодаи шаҳри Конибодоми вилояти Суғд мавриди санҷиш қарор дода шуда, аз натиҷаи бурду бохти фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ, мақоми онҳо дар тарбияи насли наврас суҳбату вохӯриҳо ороста, барои пешравии кор дастуру барномаҳо ва дигар маводи таълимӣ аз қабили "Барнома ва нақшаи мавзӯии маҳфилҳои "Географ-сайёҳ", "Таърихӣ-кишваршиносӣ", "Ташкили корҳои сайёҳӣ дар муассисаҳои таълимӣ", «Ёрӣ ба муаллим-сайёҳ», «Муҳити зист», «Табиатшиноси ҷавон», «Гулпарварӣ», «Парандапарварӣ» таҳия гардида, дастраси муассисаҳои номбурда гардонида шуданд.

Баҳри баланд намудани сатҳи дониш, ҷаҳонбинии маърифативу фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои инкишофи истеъдоди шахсият, дарки зебоиву эстетикии кӯдакону наврасон солҳои 1997, 1999, 2001, 2003, 2009 бахшида ба ҷашнҳои таърихӣ, аз қабили «Ваҳдат ва якпорчагии Тоҷикистони азиз», 1100-солагии таъсисёбии давлати Сомониён

давրҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявии озмуни «Ғунчаҳои санъат» байни мактаббачагони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ гузаронида шуданд.

Ҳунармандони наврас тавассути озмун тавонистанд аз усулҳои нафиси санъати мардумӣ, анъанаҳои миллӣ ва муосири бадеӣ моҳирона истифода бурда, истеъдоди хешро бо завқи том ва сифати олӣ ба мухлисонашон муаррифӣ намоянд.

Маълум аст, ки Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак маҳз ба адлияи ювеналӣ дар роҳи пурра амалӣ намудани меъёрҳои иловагии Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак чораҳои мушаххас андешида, низоми алоҳида барои шахсони то 18-соларо таъсис намуд. Чунин низом ба ҷойи татбиқи чораҳои ҷазо ва ҷазодиҳӣ гузаронидани чораҳои пешгирикунанда, дур шудан аз адолати судии расмӣ,ислоҳшавӣ ва реинтегратсия (аз нав ҳамроҳ шудан)-ро пешбинӣ менамояд.

Дар асоси Нақшаи амали миллӣ дар самти адолат нисбат ба ноболиғон барои солҳои 2010-2015 татбиқи барномаи адолати алтернативӣ оид ба ноболиғони бо қонун дар низоъбуда аз таърихи 25 ноябри соли 2004 дар заминаи Маркази «Насли наврас»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе оғоз гардида, баъдан аз соли 2009 барнома дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Панҷакент, ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, соли 2011 дар шаҳри Конибодом ва аз соли 2010 дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, ноҳияҳои Бохтар, Панҷ, Қубодиёни вилояти Хатлон ва дар ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон амалӣ гардид.

Мақсади барнома таъсис додани низоми некхоҳона ва мувофиқ ба ҳуқуқи кӯдак дар қонун ва амалия, инчунин таъсис додани барномаҳои реабилитатсионӣ ва интегратсионӣ мебошад.

Дар доираи лоиҳа оид ба баҳогузории 9 маркази таҳсилоти иловагӣ таҳқиқот ва якчанд семинару тренингҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Таҷрибаҳои гузаронидашуда собит сохт, ки тадқиқоти кормандони Марказ барои пайдо намудани тасаввурот дар

бораи ҳолатҳои иҷтимоӣ, тарбиявӣ, таълимӣ ва оилавии кӯдак дар комёб гаштан ба бозгашти наврасон ба ҳаёти солим дар асоси барномаи алтернативӣ дар тафаккури ноболиғон мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

16 апрели соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ” тасдиқ карда шуд, ки он сиёсати давлатӣ, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию молиявиро дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ ба танзим даровард.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ (соҳаи маориф) тибқи маълумоти оморӣ 83 маркази таҳсилоти иловагӣ ба қайд гирифта шуда, дар онҳо дар соли хониши 2014-2015 1411 маҳфил ва бо 48646 нафар аъзо фаъолият намуданд. Аз инҳо дар ВМКБ 9 марказ, 123 маҳфил, 3613 аъзои маҳфил; дар вилояти Суғд 28 марказ, 480 маҳфил, 17052 аъзои маҳфил; дар вилояти Хатлон 27 марказ, 390 маҳфил, 11524 аъзои маҳфил; дар 13 ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ 251 маҳфил, 8132 аъзои маҳфил ва дар ш. Душанбе 6 марказ, 166 маҳфил, бо 6905 нафар аъзо фаъолият намуданд, ки нисбат ба соли хониши 2013-2014 2491 нафар бештар мебошад.

Баҳри беҳбудӣ бахшидан ба кори соҳа дар давраи солҳои 2012-2015 аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ лоиҳаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа аз қабили «Консепсияи рушди таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи инкишофи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Тоҷикистон», «Барномаи байниидоравии рушди системаи муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон», “Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ”, Низомномаи Созмони хонандагони Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ”, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ пешниҳод карда шуданд, ки дар онҳо ҳалли масъалаҳои оид ба зарурати тағйирёбии шакли системаи тарбияи берунназмактабӣ, гузариши он ба ҳолати сифатан нав, мутобиқ кунонидани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ, омилҳои инкишофи таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои муҳимми инки-

шофи системаи таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон дар шаклҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ ҳамчунин Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳурияиии дарёфт ва рушди истеъдодҳо" (июли соли 2007) таъсис ёфта, ки он яке аз самараҳои беҳтарини давраи соҳибистиқлолии кишвар дар рушди соҳаи маориф мебошад. Марказ бо мақсади дарёфти ихтироъкорон, рушди истеъдодҳо, таъмин намудани хоҳиш ва майлу рағбати хонандагон ба донишомӯзӣ ташкил карда шуда, барои рушди фаъолияти илмӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодии хонандагони болаёқат шароит ба вуҷуд меорад. Самти асосии фаъолияти марказ ҷалби хонандагони болаёқат, ихтироъкор ва боистеъдод ҷиҳати аз худ кардани дастовардҳои навтарини илмию техникӣ, мукаммал ва васеъ омӯхтани фанҳои алоҳида, пурра ошноӣ пайдо кардан ба технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ихтироъкорӣ, инчунин омодагӣ ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад. Дар давоми 8 соли фаъолияти марказ ҳаракати олимпӣ дар байни муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ суръат гирифта, давра ба давра ривоҷ меёбад. Истиқлолияти давлатии кишвар пеш аз ҳама барои баромадани мактаббачагони болаёқати тоҷик ба сатҳи байналмилалӣ заминаи устувор ба вуҷуд овард. Дар оянда бо мақсади сайқал додани донишу малакаи ҷавонони боистеъдод теъдоди дастаҳо дар шаклҳои гуногуни олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ зиёд карда мешавад.

Марказ фаъолияти байналхалқии хориҷии худро мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналхалқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба амал мебарорад.

Мавриди қайд аст, ки давоми соҳибистиқлолии кишвар бо мақсади дарёфт ва рушди истеъдодҳо зиёда аз 10 шаклҳои гуногуни олимпиадаҳо – анъанавӣ, даставӣ, номӣ, фосилавӣ, зеҳнӣ, лоиҳаҳои илмӣ, байналмилалӣ, фосилавӣ, ҷумҳуриявии фаннӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он гузаронида мешаванд ва хонандагони болаёқати муассисаҳои таълимӣ имконияти сатҳи донишсанҷии худро пайдо намуданд. Ҳа-

масола олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннӣ дар 4 давр гузаронида мешавад, ки хонандагони болаёқат метавонанд дар асоси барномаҳои таълимӣ дониши малакаи омӯхтаашонро дар амал татбиқ намоянд.

Дар давраи истиқлолият ташкили 9 муассисаи типи нав бо таъмини шароитҳои замонавӣ, аз қабили мактаби байналмилалии президентӣ дар шаҳри Душанбе, мактаб ва литсейҳои президентӣ барои бачаҳои болаёқат дар ҳамаи минтақаҳои кишвар арзи вуҷуд намуданд, ки аз рушду нумӯъ ва мавқеи устувори соҳаи маориф дар сиёсати давлат шаҳодат медиҳад. Боиси дастгирист, ки маҳз шогирдони чунин муассисаҳо дар ҳамаи шаклҳои олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштироки фаъолона намуда, шаъну шараф ва парчами Тоҷикистони соҳибистиқлолро на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар миқёси давлатҳои пешқадами ҷаҳон баланд мебардоранд.

Бо мақсади дарёфт ва рушди истеъдодҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №353 "Дар бораи тасдиқ намудани барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020" дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ташкил карда шуда, фаъолият доранд.

Натиҷаи ғалабаи хонандагони болаёқати кишвар дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ дар давраи истиқлолияти кишвар чунин аст: 1947 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ , аз он ҷумла 380-ҷойи аввал, 630-ҷойи дуюм ва 937-ҷойи сеюм гардиданд.

Натиҷаи ғолибияти хонандагони болаёқати кишвар дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ дар давраи истиқлолияти кишвар 822 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ, аз он ҷумла 1 нафар сазовори шоҳҷоиза (Гран-при), 140 нафар ҷойи 1-ум, 242 нафар ҷойи 2-юм ва 440 нафар сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Бори аввал дар давраи истиқлолияти давлатӣ хонандаи тоҷик Муҳаммадфирӯз Ҳасанов дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз фанни математика сазовори ҷоизаи "Гран-при" гардид.

Инчунин бори аввал хонандаи тоҷик Баротов Улуғбек дар Олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни химия дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка сазовори ҷойи аввал ва медали тилло гардид.

Тайи чанд сол аст, ки Марказ бо хонаи омӯзгорони шаҳри Екатеринбург ҳамкории доимӣ дошта, имсол низ зиёда аз 3000 хонандаи болаёқати муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар олимпиадаи XI-уми фосилавии байналмилалӣ иштирок намуда, зиёда аз 200 нафарашон соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз ин шумора 60 нафар хонандагони болаёқати вилояти Суғд ва ВМКБ бо диплому медалҳои худ бо таври суҳбат дар Донишгоҳҳои Федератсияи Русия, аз он ҷумла шаҳрҳои Қазон, Волгоград, Екатеринбург дохил шуда, таҳсил намуда истодаанд.

## § 3. ТАЪМИНИ СОҲАИ МАОРИФ БО ОМӮЗГОРОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Масъалаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҷараёни таълиму тарбия маҳсуб гардида, аз оғози давраи соҳибистиқлолии кишвар дар маркази диққати роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1993 зимни суханронӣ дар назди донишҷӯёну омӯзгорони ҷумҳурӣ гуфта буданд: «Ояндаи ҷумҳурӣ бештар ба таҳсил ва ҳаматарафа дониш андӯхтани ҷавонон вобаста аст».

Дар солҳои аввали истиқлолият аз сабаби муҳоҷирати иҷбории омӯзгорон дар аксари муассисаҳои таълимӣ, хусусан, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон омӯзгорони касбӣ намерасиданд, ки таъсири ин омилҳо то ҳанӯз эҳсос мегардад.

Бо мақсади ислоҳи вазъи бавуҷудомада ва таҳкими заминаи ҳуқуқии соҳаи маориф соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул гардид ва дар заминаи он баҳри ҷалби мутахассисони ҷавон ба муассисаҳои

таълимӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ аз 12.06.1995 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани истифодаи мутахассисони ҷавон баъди хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус» ба тасвиб расид, ки он барои беҳтар гардидани таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ мусоидат намуд.

Қабули барномаҳои давлатӣ (Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010 аз 01.11.2004, №425, Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016 аз 02.10.2010, №475) дар таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ва кадрии муассисаҳои таълимӣ, дастгирӣ ва ҳавасманд-гардонии моддию маънавии омӯзгорон ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф шароити мусоид фароҳам овард.

Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ марҳила ба марҳила ҳалли худро ёфта, сатҳу сифати таълиму тарбия ва дониши хонандагон тадриҷан беҳтар гардид.

Дар тӯли солҳои 2004-2015 52354 мутахассиси соҳаи омӯзгорӣ тайёр карда, ба муассисҳои таҳсилоти умумӣ фиристода шуданд.



**Тақсимот**
**ва ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавони равияҳои омӯзгорӣ ба муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ**

| Соли хатм | Бо роҳхат фиристода шуд (нафар) | Ба ҷойи кор ҳозир шуд (нафар) | Ба ҷойи кор ҳозир нашуд (нафар) |
|---|---|---|---|
| 2004 | 4143 | 2493 (60,2%) | 1650 (39,8%) |
| 2005 | 3442 | 1766 (51,3%) | 1676 (48,7%) |
| 2006 | 3906 | 2513 (64,3%) | 1393 (35,7%) |
| 2007 | 4174 | 1732 (41,5%) | 2442 (58,5%) |
| 2008 | 4705 | 3158 (67,1%) | 1547 (32,9%) |
| 2009 | 4211 | 3929 (93,3%) | 282 (6,7%) |
| 2010 | 4255 | 3345 (78,6%) | 910 (21,4%) |
| 2011 | 4225 | 3480 (82,4%) | 745 (17,6) |
| 2012 | 7234 | 5775 (79,8 %) | 1459 (20,2 %) |
| 2013 | 4076 | 3042 (74,6%) | 1034 (25,4 %) |
| 2014 | 3826 | 2887 (75,5%) | 939 (24,5%) |
| 2015 | 4157 | 3211 (77,2%) | 946 (22,8%) |
| Ҳамагӣ дар 11 сол | 52354 | 37331 (71,3%) | 15023 (28,7%) |

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки гарчанде ҳозиршавии мутахассисони ҷавон ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нисбат ба солҳои пеш беҳтар шуда бошад ҳам, ҳоло ин ҷавобгӯйи талабот нест. Қисме аз мутахассисони ҷавон, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро хатм менамоянд, тибқи роҳхат ба ҷойи кор ҳозир намешаванд.

Бо мақсади ислоҳи вазъи мавҷуда аз 2 июли соли 2009, таҳти №391 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд» қабул гардид ва он дар таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ мусоидат намуд.

Дар баробари ин дар самти тайёр намудани кадрҳо, ҳа-

васмандгардонӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти кадрҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шуданд, ки дар ҳалли бевоситаи проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт мусоидат намуданд.

Ба ҷавононе, ки касби пурифтихори омӯзгориро пеша кардаанд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додани имтиёзҳои зиёде пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавони соҳаи маориф ва ҷалби онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ 3 майи соли 2006, №197 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» қабул карда шуд.

Қарзи имтиёзнок дар муддати 3 соли аввали фаъолияти меҳнатии омӯзгорони ҷавоне, ки маълумоти олии омӯзгорӣ доранд ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кор мекунанд, барои хариди чорвои калони шохдори ширдеҳ ё ин ки парвариши 20 оилаи занбӯри асал дода мешавад.

Қарзи имтиёзнок ба омӯзгорони ҷавоне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ҳастанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумии гуногун кор мекунанд, дар ҳаҷми то 6000 (шаш ҳазор) сомонӣ ба таври накдӣ ва ғайринакдӣ бо меъёри 3 фоизи солона ба муҳлати 5 сол дода мешавад.

Қарзи имтиёзнок аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба воситаи шуъбаву бахшҳои Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» пешниҳод карда мешавад.

Инчунин тибқи талаботи қарори мазкур ба омӯзгорони ҷавон ҷудо кардани замини наздиҳавлигӣ низ пешбинӣ карда шудааст.

Дар муддати 8 соли амалишавии қарори мазкур 4 ҳазору 608 нафар омӯзгори ҷавон аз ин имтиёзҳо истифода бурданд. Аз он 2 ҳазору 792 нафар бо замини наздиҳавлигӣ, 514 нафар бо замини полезкорӣ ва боғдорӣ таъмин карда шуда, 1302 нафар қарзи имтиёзок гирифтанд.

Теъдоди шахсони аз имтиёзҳо истифодакарда дар ВМКБ 293 нафар, вилояти Хатлон 1651 нафар, вилояти Суғд 1460 нафар, шаҳри Душанбе 7 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1197 нафарро ташкил медиҳад.

| Вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Замини наздиҳавлигӣ (нафар) | Замини полезкорӣ ва боғдорӣ (нафар) | Қарзи имтиёзнок (нафар) | Ҳамагӣ (нафар) |
|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 12 | - | 281 | 293 |
| Хатлон | 1178 | 208 | 265 | 1651 |
| Суғд | 825 | 229 | 406 | 1460 |
| Душанбе | 8 | 4 | 1 | 7 |
| НТҶ | 775 | 73 | 349 | 1197 |
| Дар ҷумҳурӣ | 2792 | 514 | 1302 | 4608 |

Дар муддати 8 сол ба 1302 нафар мутахассиси ҷавон 7 миллиону 390 ҳазор сомонӣ қарзи имтиёзнок дода ва он аз тарафи мутахассисони ҷавон мақсаднок истифода шудааст.

Таъмини имтиёзҳо ба мутахассисони ҷавони равияи омӯзгорӣ дар соли 2015 624 нафарро ташкил медиҳад. Ин рақам дар муқоиса ба соли 2014 105 нафар кам мебошад. Ин, албатта, аз он дарак медиҳад, ки дар маҳалҳо аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо қарори мазкур дар сатҳи зарурӣ амалӣ намегардад.

| Солҳо | Замини наздиҳавлигӣ (нафар) | Замини полезкорӣ ва боғдорӣ (нафар) | Қарзи имтиёзнок (нафар) | Ҳамагӣ (нафар) |
|---|---|---|---|---|
| 2014 | 459 | 16 | 254 | 729 |
| 2015 | 337 | 78 | 209 | 624 |

Барои омӯзгорони ҷавон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2015, №433 «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд», 10% иловапулӣ дода мешавад.

Мувофиқи ҳисоботи омории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 дар муассисаҳои таҳсило-

ти томактабӣ 4711 нафар мураббиён кор мекарданд, ки аз онҳо 1185 нафар таҳсилоти олӣ, 354 нафар таҳсилоти олии нопурра, 2362 нафар таҳсилоти миёнаи махсус, 810 нафар таҳсилоти миёнаи умумӣ доштанд.

Шумораи умумии кормандони омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар соли таҳсили 2015-2016 8441 нафар (8295 нафар зан)-ро ташкил дод (нисбат ба соли таҳсили 2007-2008 3730 нафар зиёд), ки аз ин шумора 2135 нафараш бо таҳсилоти олии касбӣ (нисбат ба соли таҳсили 2007-2008 950 нафар зиёд), 505 нафар бо таҳсилоти олии нопурра (нисбат ба соли таҳсили 2007-2008 151 нафар зиёд), 2703 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбӣ (нисбат ба соли таҳсили 2007-2008 341 нафар зиёд), 3098 нафар бо таҳсилоти миёнаи умумӣ (нисбат ба соли таҳсили 2007-2008 2288 нафар зиёд) мебошанд.

Шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соли таҳсили 1991-1992 95022 нафарро ташкил медод ва ин нишондод дар соли таҳсили 2015-2016 ба 110317 нафар (61865 нафар зан) расид, ки нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 15295 нафар зиёд аст. Аз шумораи зикршудаи омӯзгорон дар соли таҳсили 2015-2016 75781 нафар дорои таҳсилоти олӣ (нисбат ба соли таҳсили 2010-2011 16229 нафар зиёд), 5936 нафар дорои таҳсилоти олии нопурра (нисбат ба соли таҳсили 2010-2011 241 нафар кам), 24896 нафар дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ (нисбат ба соли таҳсили 2010-2011 927 нафар зиёд), 3704 нафар дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (нисбат ба соли таҳсили 2010-2011 851 нафар кам), мебошанд.

Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб гардида, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон зич алоқаманд аст.

Ҳар сол дар асоси дархости раёсату шуъбаҳои маорифи ҷумҳурӣ эҳтиёҷоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда мешавад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки норасоии кадрҳои омӯзгорӣ сол аз сол кам гардида, муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос таъмин карда мешаванд. Агар норасоии омӯзгорон дар оғози соли таҳсили 2005-2006

11141 нафарро ташкил дода бошад, ин рақам дар оғози соли таҳсили 2015-2016 3715 нафарро ташкил дод.

**Дархости**
**раёсату шуъбаҳои маорифи ҷумҳурӣ ба кадрҳои соҳибихтисоси омӯзгорӣ (дар оғози соли таҳсил)**

| Соли таҳсил | Минтақаҳои ҷумҳурӣ | | | | | Дар ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ВМКБ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | Шаҳри Душанбе | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | |
| 2005-2006 | 857 | 3442 | 2496 | 217 | 4129 | 11141 |
| 2006-2007 | 760 | 2704 | 1975 | 196 | 3246 | 8881 |
| 2007-2008 | 520 | 2214 | 1902 | 134 | 3190 | 7960 |
| 2008-2009 | 415 | 1504 | 1842 | 702 | 3079 | 7542 |
| 2009-2010 | 334 | 1133 | 904 | 433 | 1909 | 4713 |
| 2010-2011 | 180 | 1095 | 543 | 554 | 1289 | 3661 |
| 2011-2012 | 186 | 1111 | 885 | 449 | 1723 | 4354 |
| 2012-2013 | 79 | 1624 | 923 | 480 | 1771 | 4877 |
| 2013-2014 | 79 | 1710 | 602 | 252 | 1567 | 4210 |
| 2014-2015 | 180 | 955 | 674 | 565 | 1313 | 3687 |
| 2015-2016 | 163 | 777 | 956 | 446 | 1373 | 3715 |

Дар натиҷаи тақсимот ва ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон муассисаҳои таълимӣ 95% бо кадрҳои соҳибихтисоси омӯзгорӣ таъмин карда мешаванд.

Азбаски нарасидани омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ ҳодисаи табиӣ мебошад, дар ҳама давру замон ба пуррагӣ бартараф намудани он ғайриимкон аст. Омӯзиш ва таҳлили нақшаи дурнамои таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ муайян намуд, ки ҳар сол дар ҷумҳурӣ 6,3% бо сабабҳои узрнок аз кор мераванд.

Илова бар ин ҳар сол аз ҳисоби зиёдшавии аҳолӣ ва ба

синфи якум фаро гирифтани кӯдакони синни 7-сола эҳтиёҷи кадрӣ ба миён меояд.

## § 4. ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ

Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ яке аз ҷузъҳои таркибии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Раёсати мазкур дар сохтори вазорат аз моҳи январи соли 2007 пас аз ба тасвиб расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2006 №9 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2006 №594 «Дар бораи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва интиқол ёфтани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва литсейҳои касбӣ) аз сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳамчунин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷ, техникум ва омӯзишгоҳҳои касбӣ) аз Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ ба тобеияти раёсати навтаъсис гузаронида шуд ва имрӯз фаъолияти худро дар ду самти таълим – таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ амалӣ месозад.

Тибқи маълумотҳои омории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1990-1991 дар ҷумҳурӣ 43 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият намуда, аз ин шумора 9-тоашон омӯзишгоҳи омӯзгорӣ буда, аз рӯйи ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ мутахассис омода мекарданд. Дар ин солҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 40,7 ҳазор нафар донишҷӯён таҳсил менамуданд.

Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишвари мо дар натиҷаи бархӯрдҳои сиёсӣ ва муқовимати мусаллаҳона тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардиданд, махсусан, соҳаи маориф дучори буҳрони шадид шуд. Ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мушкилоти назаррас ба миён омад. Аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қариб, ки аз фаъолият монда буданд. Иншооту биноҳо хароб гаштанд, мутахассисони варзидаи соҳа кишварро тарк

намуданд. Паст будан ва сари вақт пардохт нагардидани маоши омӯзгорону кормандон, норасоии кадрҳоро дар муассисаҳои таълимӣ ба миён овард. Бо забони давлатӣ мавҷуд набудани китоб ва маводи таълимӣ низ яке аз мушкилоти соҳа мебошад.

Бо сабаби барҳам хӯрдани Маркази таълимӣ-методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти таҳияи нақша барномаҳои таълимӣ ба вуҷуд омад. Таълимгоҳҳои мазкур аз рӯйи нақша ва барномаҳои таълимии даврони шӯравӣ амал мекарданд. Хеле кам маблағгузорӣ намудани соҳа ба он оварда расонид, ки заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ кӯҳнаю фарсуда гашт. Барои рушди соҳаи маориф хароҷоти камсамар таъсири манфӣ расонд.

Ҳамаи ин мушкилиҳо дар нарасидани омӯзгорони касбӣ, китобу воситаҳои таълимӣ ва ба корҳои кишоварзӣ ҷалб карда шудани хонандагону донишҷӯён, мутаассифона, бевосита ба сифати таълим ва сатҳи тайёрии касбии мутахассисон таъсири манфӣ расонд.

Барои пешгирӣ намудани чунин вазъият ва баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шуданд, ки барои беҳтар намудани соҳаи таҳсилоти миёнаи



касбӣ мусоидат карда тавонистанд.

Вобаста ба зиёд шудани шумораи аҳолӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра барои таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҷумла, дар ноҳияи Рӯдакӣ (1991 собиқ ноҳияи Ленин), ноҳияи Мастчоҳ (16.06.1991№ 51-0) ноҳияи Ҷиргатол (1995), ноҳияи Нуробод (2004), ноҳияи Қубодиён (аз 12.01.1990 , №9 ) ва шаҳрҳои Роғун (аз 25.12.1995, №232 ) Турсунзода (аз 19.04.2001, №200) омӯзишгоҳи омӯзгорӣ таъсис дода, шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ ба 16-то расонида шуд.

Бо вуҷуди ҳама гуна мушкилиҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯён сол аз сол афзуд. Имрӯз дар кишвар корҳои зиёде анҷом дода шуда, дар ин муддат (1991-2001) коллеҷҳову омӯзишгоҳҳои нав ташкил карда шуданд ва шумораи онҳо ба 49-то расид.

Теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва шумораи донишҷӯён тайи солҳои 1991-2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин буд:

Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯён дар солҳои 1991-2003




***Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯён дар солҳои 2004-2016***




Дар давраи якуми соҳбистиқлолӣ (солҳои 1991-2001) шумораи муассисаҳои таълимӣ аз 43 то 50 адад буда, теъдоди донишҷӯён 23 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар айни замон, дар давраи дуюми соҳибистиқлолӣ (2002-2016) шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, аз 50 то 65 адад расида, теъдоди донишҷӯён низ ба 44 ҳазор нафар афзуда то 67, 105 нафарро ташкил дод.

Бахри амалӣ гардонидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №262 аз 01.07.1999 «Дар бораи ба зинаи якуми мактабҳои олӣ табдил додани мактабҳои миёнаи махсус» ба коллеҷҳои назди Донишгоҳи техникӣ табдил додани техникумҳои сохтмон, индустриалии Душанбе ва Техникуми энергетикии Қӯрғонтеппа қарор гирифт. Дар давраи истиқлолият ва сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ натанҳо мазмуни таҳсилот тағйир ёфт, балки муассисаҳои таълимӣ ба худ шакл ва мазмуни нав пайдо карданд. Барои ба сатҳи байналмилалӣ ва таҳсилоти ҷаҳонӣ мувофиқ намудани таҳсилот дар давраи истиқлолият як қатор омӯзишгоҳҳо ва техникумҳо тадриҷан ба коллеҷҳои мустақил ва сохтории муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҷумла омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07.1999, №262) ба коллеҷҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олӣ табдил дода шуданд. Нақша ва барномаҳои намунавии онҳо соли 1999 таҳия гардида, баъдан солҳои 2001

ва 2007 таҷдиди назар ва мавриди истифода қарор дода шуданд. Нақша ва барномаҳои таълимии курсҳои поёнии ин муассисаҳои таълимӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ мувофиқ гардонида шуда, ба хатмкунандагон барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ имтиёзҳо дода шуд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ то соли 2000 танҳо аз рӯйи як ихтисос – «Таҳсилоти ибтидоӣ» мутахассис тайёр карда мешуд. Баъди ба худ шакл ва мазмуни нав пайдо кардан ин муассисаҳо аз рӯйи ихтисосҳои «Математика», «Филологияи тоҷик», «Филологияи рус», «Филологияи ӯзбек», «Таърих», «Забони англисӣ» ва «Математика-информатика» мутахассис тайёр мекунанд.

Дар муассисаҳои соҳаи тиб, фарҳангу соҳаи кишоварзии ин зинаи таҳсилот низ тағйиротҳои куллӣ ба амал омад: омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд ва шаҳри Душанбе бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.1999, №100 ба коллеҷҳои тиббӣ, омӯзишгоҳҳои мусиқии шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб ва Душанбе ба коллеҷҳои санъат, омӯзишгоҳи рассомии шаҳри Душанбе ба Коллеҷи рассомии шаҳри Душанбе ба номи М.Олимов (аз 3.07.2003, №304) омӯзишгоҳи равшаннамоии ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ ба Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П. Бӯйдоқов (аз 06.08.2004, №365) Техникуми варзиши шаҳри Душанбе ба Коллеҷи тарбияи ҷисмонии шаҳри Душанбе (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикичстон №97 аз 2001) Техникуми маъдани кӯҳии шаҳри Душанбе ба Коллеҷи кӯҳии шаҳри Душанбе ба номи С.Юсупова (ба Қ.Ҳ.Ҷ. 30.05.2008, №278) совхозтехникуми ба номи В.В.Куйбышеви ноҳияи Коммунистӣ ба Коллеҷи махсусгардонидашудаи ноҳияи Бохтар (аз 16.07.1996, №316) Статтехникуми шаҳри Ваҳдат бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз (29.07.2001, №322) ба Техникуми омори шаҳри Ваҳдат, Мактаби олии таҷрибавии техникии шаҳри Исфара ба Коллеҷи технологии шаҳри Исфара (аз 1.09.2001 №342). Техникуми политехникии ноҳияи Зафаробод (аз 7.09.2001, №432) дар заминаи собиқ техникумҳои гидромелеоративӣ ва бинокории ноҳияи

Зафаробод аз нав таъсис дода шуданд. Дар ин давра Техникуми металлургии шаҳри Турсунзода ба Коллеҷи металлургии шаҳри Турсунзода ва Техникуми политехникии ш. Душанбе ба Коллеҷи политехникии назди ДТТ ба номи М.Осимӣ» табдил дода шуданд.

Дар даврони истиқлолият як қатор муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгории шаҳри Душанбе, Коллеҷи хореографии ба номи М. Собироваи шаҳри Душанбе, омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Истаравшан, Панҷакент (бо фармони ВТҶТ аз 13.05.1992, №301) Турсунзода (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2007, №460), Исфара (бо қарори мақомоти маҳаллии шаҳри Исфара №341 аз 16.06.2008) таъсис дода шудаанд.

Бо мақсади таъмини сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун бо кадрҳои коргарӣ ва муҳандисони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ Коллеҷи муҳандисию-техникии шаҳри Роғун (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, №672) таъсис дода шуд. Бо мақсади аз байн нарафтан ва ривоҷ додани санъати меъморию, заргарӣ, дуредгарию хиштпазӣ, оҳангарию кордсозӣ, танӯрсозию қошуқтарошӣ, кандакориву ҷомадӯзӣ ва гулдӯзию қолинбофӣ Коллеҷи ҳунарҳои мардумӣ дар шаҳри Истаравшан (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.02.2009, №76) таъсис дода шуд.

Барои ба танзим даровардани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ Коллеҷи техникии назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ бо Коллеҷи политехникии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ (1.09.2009, №555), Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ бо ОКТ №49 ноҳияи Рудакӣ (01.10.2009, №555) ҳамроҳ карда шуда ба Коллеҷи техникии назди ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ ва Коллеҷи техникию омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ табдил дода шуданд. Мақсади муттаҳид намудани коллеҷҳо бартараф намудани такроршавии ихтисосҳо, мустаҳкам гардидани пояи моддию техникии таълим, ихтисори воҳидҳои идоравию хоҷагӣ, беҳтар намудани шароити кори сохторҳои дигар буд.

Бинобар суст будани заминаҳои моддию техникӣ, таълимию кадрӣ ва набудани талабот як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷумла Коллеҷи савдои шаҳри Душанбе, Коллеҷи аграрии шаҳри Хуҷанд,

Коллеҷи политехникии шаҳри Панҷакент, филиалҳои техникуми политехникии шаҳри Душанбе дар ВМКБ ва ноҳияи Ховалинг, гӯрӯҳҳои таълимии дар ноҳияҳо буда, барҳам дода шуданд.

Ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, ин чорабиниҳо доир ба ташаккули соҳаи маорифи халқи тоҷик натиҷаҳои хуб медоданд. Инро мо дар мисоли зиёд гардидани миқдори муассисаҳо ва донишҷӯён равшан мебинем.

Дар ин солҳо муассисаҳои ғайридавлатӣ (Коллеҷҳои тиббӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб, Қайроққум, Турсунзода, ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Вахш, Рӯдакӣ, Бобоҷон Ғафуров, тиббию иҷтимоӣ дар шаҳри Душанбе, техникию иқтисодӣ дар шаҳри Кӯлоб, технологӣ ва инноватсионӣ дар шаҳри Панҷакент) ба фаъолият оғоз намуданд. Муассисони муассисаҳои таълимӣ барои тайёр намудани мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ, заминаи хуби моддию техникӣ фароҳам оварда, теъдоди зиёди ҷавононро бо таҳсил фаро гирифтанд.

Тарбияи фарзанди солим, бомаърифату соҳибмаълумот, ватандӯсту ватанпарвар ва бонангу номус вазифаи муҳим ва муқаддаси оила ва пеш аз ҳама модарон мебошад. Ҷавондухтарон бояд шахсони босавод, соҳибмаърифат, фарҳангӣ, эҷодкор ва номбардори миллату давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бошанд. Аз ин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010»-ро қабул намуд.

Самтҳои муҳимми ин сиёсат мустаҳкам намудани мавқеи зан дар иқтисодиёт, густариши соҳибкории занон, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии онҳо мебошад. Занон дар пешбурди ҷомеа нақши созандаю бунёдкорона доранд. Бахусус, дар айёме, ки Тоҷикистони соҳибихтиёр пеши худ

бунёди давлати демократии ҳуқуқпояи дунявиро мақсад гузоштааст, таъмини баробаҳуқуқии марду зан дар сохтмони давлати мутамаддин, ҳифзи ҳуқуқҳои занону духтарон ҳамчун категорияи мутлақи ҷомеа меҳвари ғояҳоиояндабинона ва ҳадафҳои сиёсати инсонпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Қабул ва ба амал татбиқ шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.08.2001, №391 дар бораи «Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» ва фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.02.2002, №58 далели он аст, ки фаъолияти пешгирифтаи давлат барои рушду тараққиёти ҷомеа нигаронида шудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ сол то сол шумораи занон зиёд мешавад. Агар дар соли 1991-1992 44 % занони донишҷӯ таҳсил менамуданд, соли 2005-2006 56% ва соли 2007-2016 ин рақам ба 60 % фоиз расид. Алҳол, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (соли 2016) ҳамагӣ 67105 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд, аз ҷумла, 38452 нафари онҳо духтарон мебошанд. Ба кори таълиму тарбия 5119 нафар омӯзгорон машғуланд, аз ҷумла, 1232 нафарашон занон мебошанд.

Дар вазифаҳои роҳбарикунанда ҳамчун директор 15 нафар (аз ҷумла 3 нафар номзади илм) ва 32 нафар ҷонишини директор занҳо фаъолият менамоянд.

Дар натиҷаи ташкилшавии муассисаҳои таҳсилоти намуди нави миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ дар назди ин зинаи таҳсилот вазифаҳои нав гузошта шуд. Аз ҷумла дар коллеҷҳои навтаъсис таълими ихтисосҳои нав ташкил карда, заминаи моддию техникии онҳо мустаҳкам карда шуд.

Дар солҳои 1992-1998 теъдоди донишҷӯён, қабул ва хатм кам гардида бошад ҳам, аз соли 1999 дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таълимӣ, теъдоди донишҷӯён, қабул ва хатм давра ба давра меафзояд.

**Қабул ва хатми донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар давраи солҳои 1991-2015**




Дар номгӯйи ихтисосҳо низ иловаҳо дароварда шуда, соли таҳсили 1991-1992 дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи 80 ихтисос мутахассис тайёр мекарданд, ин рақам дар соли 2016 ба 150 ихтисос расид.

Яке аз масъалаҳои муҳимми солҳои 2000 тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ ба шумор мерафт. Тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби дар бозори меҳнат рақобатпазир бе ҳалли ин масъала ғайриимкон буд.

Ҳоло маоши кормандони соҳаи маориф ҷавобгӯйи талабот нест. Бо сабаби нарасидани муаллимони соҳибихтисос ба мактабҳо шахсони бетаҷриба ва дорои сатҳи пасти касбӣ низ роҳ ёфтаанд. Дар соҳаи маориф ҳоло зиёда аз 4 ҳазор нафар шахсоне бо кори таълиму тарбия машғуланд, ки дорои ихтисос нестанд ва аз хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорӣ огоҳ надоранд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ зарурати ҳалли ин масъаларо дарк намуда, ба таълиму тарбияи муаллимон диққати махсус дод. Муаллим дар таълиму тарбияи мактаббачагон, босавод кардани аҳолӣ на танҳо шахси асосӣ, балки дар тарбияи ғояҳои сиёсии меҳнаткашон ва сафарбар намудани онҳо ба иҷрои вазифаҳои нав мубориզи фаъоли ҷамъият ба шумор мерафт.

Тибқи мониторингҳои гузаронидашуда аз тарафи таш-

килотҳои хориҷӣ 15%-и муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар деҳоти дурдасти ҷумҳурӣ таҳсилоти касбӣ надоштанд. Зарурати қабул гардидани “Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.11.2004, №425) ба миён омад.

Барои беҳбудии ин масъала созишнома байни Ҷамъияти ҳамкориҳои техникии Олмон (ҶТЗ), Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф ва коллеҷҳои омӯзгории шаҳрҳои Кӯлоб, Кӯрғонтеппа, Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ ба имзо расид.

Бо мақсади заминагузорӣ ба марҳилаи нави омодасозӣ ва такмили системаи тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ бо назардошти вазъи имрӯзаи таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, махсусан дар деҳоти дурдаст фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.12.2004, №875 ҷиҳати бо таҳсили дарозмуддат фаро гирифтани муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ки бо таҳсилоти умумӣ фаъолият мекунанд ба тасвиб расид.

Дар тӯли фаъолияти лоиҳа тайи солҳои 2005-2009 дар миқёси ҷумҳурӣ 4000 нафар хатмкунандагон соҳиби дипломи таҳсилоти миёнаи касбӣ гардиданд.

Илова бар ин дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ курсҳои таълимии тайёр намудани омӯзгорон амал мекарданд, ки дар онҳо зиёда аз 2400 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд.

Бо назардошти таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо омӯзгорони касбӣ таҷрибаи Ҷамъияти ҳамкориҳои техникии Олмон (ҶТЗ) давом дода шуд. Дар миқёси ҷумҳурӣ (соли 2012-2016) 12 гурӯҳи мақсадноки омӯзгорӣ дар заминаи Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Коллеҷи омӯзгории ДДҚ ба номи Носири Хусрав, Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, Коллеҷи омӯзгории ба номи Мирзо Турсунзодаи шаҳри Конибодом, Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Ҳисор, Коллеҷи омӯзгорӣ – техникии ноҳияи Рӯдакӣ амал мекунанд.

Шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сол то сол меафзояд. Шумораи онҳо соли 1997-91,3 ҳазор, соли 1998-94,9 ҳазор, соли 1999-96,8 ҳазор, соли 2000-98,5 ҳазор, соли 2001-100,2 ҳазор, соли ба 2002-101 ҳазор расид. Бо вуҷуди он нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ мушоҳида мешавад.

Яке аз омилҳои асосии пешрафти кори таълиму тарбия ва баланд бардоштани донишу малакаи хонандагон таъмин будани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ аст. Дар оғози соли таҳсили 2002-2003 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 7542 нафар омӯзгор намерасиданд. Тадбирҳои дар ин самт андешидашуда то андозае барои ҳалли масъала мусоидат намуданд ва ин шумора то ба 2969 нафар кам карда шуд. Норасоии омӯзгорон бештар аз фанҳои забони англисӣ, забони русӣ, математика, забону адабиёти тоҷик, физика, химия ва технологияи информатсионӣ мушоҳида мегардад.

Тибқи мушоҳидаи солҳои пеш дараҷаи ҳозиршавии мутахассисони ҷавон ҳамагӣ 60-67%-ро ташкил медод, яъне то 40% хатмкардагони ихтисосҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки аз ҳисоби буҷаи давлат таҳсил менамуданд ба ҷойи кор ҳозир намешуданд. Онҳо бо сабабҳои набудани ҷойи истиқомат, сари вақт нагирифтани маош, надидани ғамхории бевосита аз тарафи роҳбарони мақомоти маҳаллӣ кори омӯзгориро тарк менамуданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ барои беҳтар истифода бурдани мутахассисони ҷавон баъди хатми муассисаҳои миёнаи касбӣ қарори махсус бароварда, мутахассисони ҷавони аз ҳисоби буҷети давлат хатмкардаи шуъбаи рӯзонаи муассисаҳои миёнаи касбиро вазифадор кард, ки онҳо тибқи роҳхати вазорату идораҳо дар ҷойҳои муқарраршуда на камтар аз се сол кор кунанд.

Бо вуҷуди ин мутахассисони ҷавон бо сабабҳои гуногун ба ҷойи кор хозир намешуданд. Бинобар ин дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ҷумҳурӣ муаллимон намерасиданд.

Барои иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки зимни суханронииашон дар маҷлиси идона бахшида ба 60-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 24 октябри соли 2008 қайд намудаанд, Вазорати маориф қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи тасдиқи қоидаи баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассиси ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд» ба тасвиб расонд.

Дар соли таҳсили 2009-2010 ба 1258 нафар ва соли 2010-2011 981 нафар мутахассиси ҷавони ихтисосҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ роҳхат дода шуд. Тибқи маълумот соли 2009-2010 1225 нафар ва соли 2010-2011 755 нафар мутахассиси ҷавон мувофиқи роҳхат ба ҷойи кор хозир шуданд. Дар баробари ин соли 2009- 498 нафар ва соли 2010 145 нафар аз ҳисоби курсҳои 3-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сафарбар карда шуданд. Дар ҳолати ба ҷойи кор ҳозиршавии онҳо эҳтиёҷот ба кадрҳои омӯзгорӣ дар ҷумҳурӣ пурра қонеъ мегардад.

Бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 2009 маоши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба маоши омӯзгорони мактабҳои миёнаи умумӣ баробар карда, аз 67 сомонӣ ба 250-300 сомонӣ расонида шуд.

Ин ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти кормандони ҳамаи зинаҳои муассисаҳои таълимиро баланд мебардорад. Онҳо баҳри тарбияи насли наврас ва ба бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир гардонидани шогирдон кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Дар айни замон дар миқёси ҷумҳурӣ (соли 2016) 65 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷ) фаъолият менамояд, ки аз ин 53-тоаш муассисаи таълимии давлатӣ ва 12-тоаш муассисаи таълимии ғайридавлатӣ мебошад.

Дар ин муассисаҳо 67,105 донишҷӯ аз рӯйи 7 самт ва 155 ихтисос таълим мегиранд.




Ба кори таълиму тарбия 5119 нафар омӯзгор машғуланд. Дар муассисаҳои мазкур 96 нафар номзади илм, аз ҳисоби омӯзгорони асосӣ 66 нафар номзади илм, 6 нафар профессор, 19 нафар дотсент фаъолият мекунанд.

Пешрафти ҷомеаи башарӣ ва тағйироти куллии дар ҷаҳони имрӯза рӯйдиҳанда, моро водор месозад, ки барои дастовардҳои бузурги илмию техникии ҷаҳонро аз худ намудан, забонҳои хориҷиро омӯзем. Барои мукаммал омӯхтани забонҳои русию англисӣ ва фароҳам овардани шароити хуби таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ “Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014” таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2003, №508 тасдиқ шуда буд.

Барои татбиқи амалии барномаи мазкур як қатор чораҳои судманд андешида шуда, дар нақшаи таълимӣ аз ҳисоби соатҳои захиравӣ 80 соат барои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ илова карда шуд. Бо назардошти ин дар блоки якуми нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фанни забони русӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳамчун фанҳои ҳатмӣ дохил карда шудаанд. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ китобҳои дарсӣ, маводи таълимию методӣ, модулҳои таълимӣ аз фанни забони русӣ ва англисӣ таҳия намуд.

Бо мақсади ҷорӣ намудани технологияи муосири таълим дар ҷумҳурӣ бори аввал соли 2003 барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида буд. Вобаста ба ин аз ҳисоби маблағҳои дохилии таълимгоҳҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо компютерҳои замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Дар соли таҳсили 2005 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дорои ........... адад компютер дар ......... синфхонаи компютерӣ ..........адад компютер мавриди истифода қарор дошт. Компютерҳои боқимонда бошад, дар кабинетҳои фаннӣ ва кафедраҳо гузошта шудаанд. Аз шумораи умумӣ ...... адад компютер ба шабакаи интернет васл карда шудааст. Ҳоло омӯзгорони соҳибтаҷриба ва донишҷӯён онро ҳамчун воситаи аёнӣ ва муошират, василаи аз худ намудани донишҳои васеи дунявӣ ва касбӣ истифода бурда метавонанд. Вале вобаста ба ин масъала бояд таъкид кард, ки дар баъзе муассисаҳои таълимӣ бо сабаби набудани қувваи барқ омӯзиши копютер сурат намегирифт. Аз ин лиҳоз барои ба низом овардани таълими компютер муассисаҳои таълимӣ бо генератор муҷҷаҳаз гардонида шудаанд.

Бо вуҷуди тамоми кӯшишу ғамхориҳои ҳукумат ба соҳаи маориф сифати таълиму тарбия, сатҳи донишандӯзӣ ва малакаву маҳорати хонандагону донишҷӯён ҳанӯз ба талаботи замон пурра ҷавобгӯ нест.

Воқеаи фаромӯшношудание дар соли 2005 ин вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов бо кормандони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ буд, ки моҳи декабр баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ бурду бохти соҳаи маорифи кишвар тайи даврони истиқлолият мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифт.

Бо мақсади дида баромадани вазъи таълиму тарбия ва сифати тайёр намудани муатахассисон дар омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ ва гурӯҳҳои таълимии онҳо комиссия таъсис дода шуд. Комиссияи мазкур фаъолияти 11 омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, 1 филиал ва 12 гурӯҳи таълимиро, ки бо тайёр намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ машғуланд, мавриди санҷиш қарор дод. Санҷиш нишон дод, ки дар маҷмӯъ сифа-

ти таълим, пояи моддию техникӣ ва кадрии омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ паст буда, ба стандарти давлатӣ ҷавобгӯ нестанд. Бинобар ин тамоми филиал ва гурӯҳҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи омӯзгорӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ баста шуданд.

Омили асосии паст будани сатҳи дониш ба таври лозима ташкил накардану ба роҳ намондани ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад.

Пеш аз ҳама, бе омодагии касбӣ ва бе тайёрӣ ба дарс омадани муаллимони мактабҳои миёнаи касбӣ ба чашм мерасид. Аксари онҳо солҳои охир аз курсҳои такмили ихтисос нагузаштаанд, аз технологияи иттилоотиву коммуникатсионии муосир, компютеру интернет истифода намебаранд. Заминаи моддиву техникӣ коста шуда, дастурҳои методии ҷавобгӯйи талабот таҳия намегарданд.

Нарасидани китобҳои дарсӣ, барномаҳо ва дастурҳои илмӣ-методӣ низ аз ҷумлаи камбудиҳои муассисаҳои таълимии мазкур мебошанд. Омодагии муаллимон низ барои дарсгузаронӣ чандон қобили қабул набуд.

Ҳангоми дарс ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва психологияи ҷавонон ба назар гирифта намешавад. Ҷалб намудани хонандагону донишҷуён ба корҳои кишоварзӣ, таъмин набудани донишҷӯён бо хобгоҳ боиси паст шудани сатҳи дониши онҳо мегардад.

Вазорат дар самти баланд бардоштани сатҳи дониш, таъмини сифати таълиму тарбия корҳои муайянеро ба сомон расонида истодааст.

Тибқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебоист соли 2007 тамоми кормандон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз аттестатсия гузаронида шаванд. Барои амалӣ сохтани ҳамин мақсад «Низомномаи аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳайати мушовараи Вазорати маориф таҳти рақами 8/4 07.04.2007 ба тасвиб расид ва омӯзгорони тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ аз аттестатсия гузаронида шуданд.

Ҳамчунин баҳри амалӣ гардонидани моддаи 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва бо мақсади иҷрои супориши махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (апрели соли 2009), ҷиҳати истифода нагардидани меҳнати хонандагону донишҷӯён дар вақти ғунучини ҳосили пахта ва аз вазифаҳои асосии кори таълиму тарбия дур накардани кормандони соҳаи маориф қайд намуданд.

Омили дигари пастии сатҳи дониш ба талабот ҷавобгӯ набудани шароити маишиву мадании донишҷӯён аст. Вазорати маориф барои аз хобгоҳҳои муассисаҳои ҷумҳурӣ холӣ намудани оилаҳои бегона ва таъмин намудани донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ бо ҷойи хоб, дар ҳайати мушовараи ВМЧТ масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, мавриди омӯзиш қарор дод.

Барои баланд бардоштани сифати таълим ва тайёр намудани мутахассисони варзидаи ҷавобгӯйи талаботи замон ва бозори меҳнат ҳар се моҳ мониторинг ва рейтинги дониши донишҷӯён гузаронида шуданд.

Солҳои охир дар сифати таълим пешравиҳои ҷиддии умедбахш ба мушоҳида мерасанд. Бо эътимоди комил метавон гуфт, ки сатҳи донишандӯзии донишҷӯёни имрӯза нисбат ба солҳои пешин беҳтар гардидааст.

Донишҷӯёни имрӯза бо имконияту шароити бештари таълим таъмин буда, дар озмуни ҷумҳуриявӣ ширкат меварзанд. То соли 2007 толибилмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар озмунҳои фаннӣ, бахусус, даври ҷумҳуриявӣ ширкат намеварзиданд. Соли таҳсили 2007-2008 бори аввал дар таърихи маорифи кишвар озмуни ҷумҳуриявӣ дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардид, ки ин иқдом то ҳол давом ёфта истодааст.

Баҳри иҷрои “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2015”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2007, №529 тасдиқ шудааст, соли 2012 муассисаҳои таҳ-

силоти миёнаи касбӣ ба низоми кредитии таҳсилот шурӯъ карданд.

Дар давоми бисту панҷ соли охир давлати соҳибистиқлоли мо тавонист, ки ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаи маориф вусъат диҳад.

Бори аввал дар таърихи маорифи кишвари соҳибистиқлол дар асоси тафоҳумномаҳои дуҷониба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Федератсияи Россия соли 2009 59 ҷой ва соли 2010 47 ҷой ҷудо гардид. Соли 2009 дар асоси қарордоди тарафайн 29 нафар ва соли 2010 20 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Федератсияи Россия барои таҳсил фиристода шуданд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», "Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ", ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 27.02.2009, №126), "Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ" (аз 2.08.2010, №385) тасдиқ шудаанд, фаъолият менамоянд. Дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёда аз 30 ҳуҷҷати меъёри ҳуқуқӣ таҳия ва бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда, дастраси кормандони муассисаҳои миёнаи касбӣ гардонда шуданд.

Бо мақсади амалӣ гардидани консепсияи миллии тарбия ва нақшаи чорабиниҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 07.10.2006, №941 «Оид ба манъ намудани истифодаи телефонҳои мобилӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагон» ба тасвиб расида, иҷрои он зери назорати қатъӣ қарор гирифтааст. Дар марҳалаи кунунӣ яке аз масъалаҳое, ки ба рафти таълиму тарбия халал ворид месозад, истифодаи телефонҳои мобилӣ мебошад. Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди ҳал шудани масъалаи мазкур ҳоло ҳам падару модароне ёфт мешаванд, ки дар пешгирӣ намудани рафтори нодурусти фарзандонашон дар мактаб монеа эҷод мекунанд. Ин аст, ки истифодаи те-

лефонҳои мобилӣ аз ҷониби баъзе хонандагони мактабҳои шаҳри Душанбе ба миқдори кам ҳам бошад, ба чашм мерасад. Ба хотири пурра барҳам додани истифодаи телефонҳои мобилӣ дар мактабҳои пойтахт Раёсати маорифи шаҳри Душанбе нақшаи чорабиниҳои худро таҳия намуда, назорати ҷиддиро дар ҳамаи мактабҳо ба роҳ мондааст. Бепарвоии падару модарон дар масъалҳои тарбиявӣ боиси он гардидааст, ки имрӯз дар байни мактаббачагон тамокукашӣ ва дигар одатҳои бад зиёд шуда истодааст. Барои пешгирии кӯдакон аз ин амалҳои нодуруст яке аз бандҳои тарбиявии консепсия бо номи «Тарзи ҳаёти солим» номгузорӣ гардида, пешгирӣ намудани одатҳои пастро аз зинаи мактабӣ ба онҳо меомӯзад. Дар асоси ин талаботи консепсия бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши тарзи ҳаёти солим дар доираи 7 соат тавассути дарсҳои тарбиявӣ ба роҳ монда шуда, барнома ва китобҳои таълимии он таҳия ва барои нашр пешниҳод гардидаанд.

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки дар чанд соли охир мавриди гуфтугузор ва ҳар гуна мусоҳибаҳо аз тариқи расонаҳои хабарӣ гардидааст, сарулибоси мактабӣ мебошад. Ба хотири хотима бахшидан ба даъвову баҳсҳои мазкур бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.07.07, №14/3 «Дастуруламали либосҳои тавсиявии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ» ва аз 03.07.2007, №142 «Дастуруламали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ» ба тасвиб расида, дастраси ҳамаи муассисаҳои таълимӣ гардидааст. Пӯшидани либос ҳам яке аз рукнҳои тарбия буда, риояи он дар мактаб баробарии хонандагонро таъмин менамояд.

Ба хотири тарғиб намудани консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, либосҳои тавсиявии хонандагону донишҷӯён ва манъи истифодаи телефонҳои мобилӣ аз ҷониби хонандагон дар мактабҳо, Вазорати маориф дар ҳамкорӣ бо телевизони «Шабакаи аввал» телевизони «Сафина», телевизони «Баҳористон», радиои ҷумҳурӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма барномаву гузоришҳои гуногунро

ташкил кардааст, ки хонандагону омӯзгорон дар он иштирок намуда, дар атрофи ин масъалаҳо ибрози ақида менамоянд. Ҳамчунин оид ба роҳҳои амалӣ намудани ин ҳуҷҷатҳои муҳим тавассути ҳафтаномаи «Омӯзгор» чандин мақолаву гузоришҳо нашр гардидаанд.

Мактуб ва маълумотномаҳои аз раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба унвони Вазорати маориф меомадагӣ, гувоҳи онанд, ки дар иҷрои консепсияи миллии тарбия, боло бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа ва тарбияи дурусти кӯдакону наврасон ҳамаи кормандони соҳаи маориф ҳисса мегузоранд.

Бо супориши вазорат барои пурзӯр намудани корҳои таблиғотӣ дар байни ҷавонон дар масъалаи танзими оила, пешгирӣ ва аз байн бурдани расму оинҳои серхарҷ, мисли маъракаҳои гусели даъватшудагон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи занги охирини хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ғайра дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, дар ҳамкорӣ бо сохторҳои мухталифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳо ба ҷавонон ва падару модарони онҳо зарурати пешгирии расму оинҳои серхарҷу нолозим фаҳмонда дода шуд.

Барои ривоҷ додани нашр ва тарҷумаи китобҳои дарсӣ соли 2009 гурӯҳи корӣ ташкил гардид. Дар натиҷаи фаъолияти ин гурӯҳ нашр ва тарҷумаи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ барои муассисаҳои таълимӣ беҳтар гардида, рӯ ба афзоиш ниҳод. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пайваста китобҳои дарсӣ, маводи таълимию методӣ ва модулҳои таълимӣ таҳия намуда, ба онҳо дастрас мегардонад.

Аз соли 1996 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ давра ба давра аз аттестатсияи давлатӣ ва аккредитатсия гузаронида шуданд. Агар дар солҳои 1998-2002 31 муассисаи таълимӣ мавриди ташхиси аттестатсияи давлатӣ қарор гирифта бошад, соли 2016 тамоми муассисаҳои таълимӣ аз аттестатсияи давлатӣ гузаронида шуданд.

Новобаста ба ин мушкилот дар соҳаи таҳсилоти миёнаи

касбӣ бо назардошти пешравии ҷомеаи навин боқӣ мемонад. Мушкилоти асосии ин соҳа набудани заминаи моддию техникии қавӣ ва кӯҳнаю фарсуда шудани дастгоҳҳои таълимӣ, васоити техникӣ ва маводу воситаҳои методии таълим ба шумор меравад.

## § 5. ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар даврони истиқлолият шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ афзуда, аз 13 адади соли 1991 ба 28 адад дар соли 1999 ва шумораи донишҷӯён аз 63, 9 ҳазор нафар ба 79,2 ҳазор нафар расид.

Ҳамаи инро ба инобат гирифта, баъди истиқлолияти давлатӣ ҳукумат ба рушди ин зинаи таҳсилот диққати махсус дода, барои ҳалли мушкилоти он тадбирҳои иловагӣ андешид. Аввалин иқдоми давлат ва ҳукумат аз он иборат буд, ки ба хотири баланд бардоштани мақоми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар қисми зиёди донишкадаҳои омӯзгориро ба донишгоҳҳои давлатӣ табдил дод. Соли 1992 дар шаҳри Хоруғ низ донишгоҳи давлатӣ таъсис дода шуд. Ин барои васеъ шудани фаъолияти муассисаҳо шароит фароҳам овард.




Дар ин давра инчунин дар заминаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи

давлатии Қӯрғонтеппа ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб факултетҳои тиббӣ таъсис ёфтанд. Дар ҳамон давра ба хотири тайёр кардани кадрҳо чунин иқдом саривақтӣ ва зарурӣ буд. Баъдтар баъди ба эътидол омадани вазъи кишвар ва мутамарказ намудани муассисаҳои таълимӣ бинобар нарасидани омӯзгорону устодони дараҷа ва унвони илмидоштаи соҳаи тиб Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 1995, №519 «Дар бораи ташкили сохтори маълумоти олӣ» донишҷӯёни ихтисосҳои тиббии донишгоҳҳои номбаршударо ба Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино интиқол намуд. Тибқи қарори мазкур қабул аз рӯйи равия ва ихтисосҳои иқтисодӣ, ғайр аз Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ манъ гардид.

Ба хотири ба танзим даровардани муассисаҳои таълимӣ дар ин давра фаъолияти як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатию давлатӣ, аз қабили Донишгоҳи тиҷорати Конибодом, филиалҳои Донишгоҳи омӯзгорӣ дар шаҳраки Ғарм, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳри Қӯрғонтеппа қатъ гардиданд. Ин чорабиниҳои давлату ҳукумат оид ба зинаи таҳсилоти олии касбӣ барои ба низом даровардани онҳо таъсири зиёде расонид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ислоҳоти соҳа ва талабот ба мутахассисон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон таълими ихтисосҳои навро ба роҳ монда, дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд бошад, аспирантура ва шуъбаи ғоибонаро таъсис дод.

Агар дар соли таҳсили 1991-1992 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекарда бошад, пас имрӯз дар ҷумҳурӣ 38 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамоянд. Аз ин миқдор 14-тоашон донишгоҳ, 15-тоашон донишкада,

3-тоашон филиали муассисаи таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, Консерваторияи миллӣ ва 4-тоашон муассисаи таълимии мақомоти қудратӣ мебошанд. Дар ин муассисаҳои таълимӣ агар соли 1991 1835 нафар номзади илм ва 226 доктори илм фаъолият намуда бошанд, шумораи номзадҳои илм дар соли 2009 ба 1806 нафар ва докторони илм ба 409 нафар расид. Имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ ______ номзади илм ва ______ доктори илм ба донишҷӯён дарс мегӯянд.

Агар дар соли таҳсили 1991-1992 шумораи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 20,1 ҳазор, хатмкардагон 12 ҳазор, шумораи умумии донишҷӯён 84,3 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли таҳсили 2015-2016 шумораи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 40,7 ҳазор, хатмкардагон 28 4813, шумораи умумии донишҷӯён 184 401 нафарро ташкил дод.

Аз ҳисоби духтарони ноҳияҳои дурдаст тайёр намудани мутахассисонро Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 1997 дар анҷумани сеюми иттиҳодияҳои занон, созмонҳои ғайриҳукуматии занони Ҷумҳурӣ ба миён гузошта, қайд намуда буданд, ки "барои ҳар чи бештар ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва роҳбарии истеҳсолот ҷалб намудани занон бояд аз ҳисоби духтарон мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ барои ноҳияҳои дурдаст тайёр карда шаванд".

Ҳамон сол аз 352 ҷойи ҷудогардида 189 нафар духтарон ба донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурӣ қабул шуданд.

Соли 1998 аз 665 ҷойи мувофиқи квота ҷудокардашуда ба мактабҳои олӣ ҳамагӣ 219 нафар духтар бе имтиҳон, ба тариқи суҳбат қабул карда шуданд. Соли 1999 бошад, аз 802 ҷойи ҷудокардашуда 434 нафар духтарон ба мактабҳои олӣ қабул карда шуданд. Мувофиқи тақсимоти Вазорати иқтисод ва савдо вобаста ба талаботи ноҳияҳо дар соли 2000 барои духтарон 718 ҷой ҷудо карда шуд.

Ҳамкории ҳукуматҳои ноҳияҳо, шуъбаҳои маориф ва

мактабҳои олӣ натиҷаи дилхоҳ дода, соли 2000 аз 718 ҷойи ҷудогардида 519 нафар духтар ба мактабҳои олӣ қабул карда шуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон соли 1999 шароити душвори иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои минтақаи Раштро ба назар гирифта, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе барои дохилшавандагони ин минтақаҳо ҷой (квота) ҷудо карда, барои қабули онҳо комиссияи сайёр ташкил намуд. Барои иҷрои ин супориш намояндагони комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе дар шаҳри Хоруғ ва маркази ноҳияи Рашт-шаҳраки Ғарм комиссияи сайёр ташкил карда, довталабонро аз суҳбат гузаронида, ба сафи донишҷӯён қабул намуданд.

Дар ҳамон сол бо супориши ҳукумат Вазорати маориф тибқи созишномаи дутарафаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон 25 нафар қирғиззабонҳои ноҳияҳои Ҷиргатол ва Мурғобро барои таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Қирғизистон фиристод. Инчунин, 17 нафар тоҷикзабонҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд қабул шуданд.

Тайи солҳои 1997-2015 ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 16 030 нафар донишҷӯ, аз ин миқдор 9554 духтар ва 6476 писар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи суҳбат (беимтиҳон) қабул гардиданд.

Дар ин муддат зиёда аз 8349 нафар духтару писар (5923 нафар духтар ва 2426 нафар писар) тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро хатм намуда, бо роҳхат ба ҷойи истиқомати худ барои кору фаъолият фиристонида шуданд.

Дар даврони истиқлолият бо кӯмак ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмир ва ба истифода додани хобгоҳ барои духтарони тибқи квотаи президентӣ таҳсилкунанда ва унвонҷӯёну аспирантон, бунёди «Шаҳраки донишҷӯён», со-

хтмони факултети сохтмон ва меъмории Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, сохтмони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва хонаҳои истиқоматӣ барои омӯзгорони филиали донишгоҳи мазкур дар шаҳри Данғара, сохтмони филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва хобгоҳи он дар ноҳияи Рашт, сохтмони хобгоҳ дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, сохтмон ва ба истифода додани бинои таълимӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, барқарор ва таҷҳизонидани бинои Донишгоҳи давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Ибни Сино, таъмири толори варзишии Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, азнавсозии бинои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов ба анҷом расонида шуданд, ки аз дастовардҳои муҳим ба шумор меравtotal.

Тайи ин солҳо таҳия ва мавриди қабул қарор ёфтани ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ яке аз муваффақиятҳои даврони истиқлолият мебошад.

Дар даврони истиқлолият бори сеюм аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” бо тағйироту иловаҳо аз нав таҳия мешавад. Дар баробари ин барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия гардидаанд.

Барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари зинаи таҳсилоти олии касбӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд. Нақши ин санадҳо дар гузаштани бисёре аз донишкадаю донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба низоми бисёрзинагии таълим хеле бузург аст.

Ба ғайр аз ин санадҳо, дар ин давра ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбии зиёде, аз ҷумла “Ни-

зомномаи Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” (1995), “Низомномаи Шӯрои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (1995), “Низомнома дар бораи имтиҳони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (1995), “Низомнома дар бораи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (1996) низ таҳия гардиданд.

Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, пешгӯйиҳои иҷтимоӣ, банақшагирӣ ва танзими номгӯйи ихтисосҳо, микдори мутахассисон ва сифати тайёр намудани онҳо мувофиқи талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат «Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид.

Дар солҳои аввали истиқлолият нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, (ихтисосҳои омӯзгорӣ, техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, соҳибкорӣ ва ғ.) аз нав таҳия ва тасдиқ шуданд. Онҳо ба замони нав ва муҳити муосир мутобиқ гардонида шуданд, ки ин ҳам самараи истиқлолияти кишвар ба шумор меравад.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ корҳои зиёде, аз қабили таҷдиди назар кардани мазмуну мундариҷаи таълим, муайян намудани самтҳои афзалиятноки илмӣ, созмони технопаркҳо, таъсиси корхонаҳои хурди илмиву истеҳсолӣ, такмили ихтисоси кормандон ва устодон,ривоҷу равнақ додани робитаҳои байналмилалӣ дар асоси табодули донишҷӯён, кормандони илмӣ, омӯзгорон ва ғайра ба анҷом расонида шудааст.

Дар солҳои 1999-2000 вобаста ба шароити нави иқтисодӣ сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ куллан тағйир ёфт. Низомномаҳо ва оинномаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, стандартҳои давлатии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ дар сатҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф тасдиқ гардиданд.

Ба нақшаҳои таълимии равия ва ихтисосҳои марбутаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар фанҳои оиладорӣ,

экология, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, асосҳои компютерӣ, асосҳои иқтисоди бозоргонӣ ва ғайраҳо дохил карда шуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 сар карда, дар роҳи мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳалли мушкилоти онҳо, тайёр кардани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ барои соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ тадбирҳои амалӣ андешида, ба роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ дар хусуси баланд бардоштани сифати таълими забонҳои русиву англисӣ ва барои донишҷӯён омода сохтани хобгоҳҳо дастурҳои мушаххас дод. Соли 2000 бо супориши ҳукумати мамлакат ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар хобгоҳҳо барои қабули донишҷӯён 100 ҷой тайёр намуд ва ин кор солҳои минбаъда низ идома ёфт.

Барои тақвияти рафти таълиму тарбияи мутахассисони варзидаи муосир дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ коллеҷҳо ва литсейҳо таъсис дода шуданд.

Бо мақсади тақвияти заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби буҷети давлат сол аз сол маблағҳои зиёд ҷудо гардида, аз ҳисоби ин маблағҳо аксарияти биноҳои муассисаҳои таълимӣ, хобгоҳҳои онҳо таъмир гардида, биноҳои нави таълимӣ сохта шуданд.

Муассисаҳои таълимӣ аз аввали соли 2000 шурӯъ карда, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва суратҳисоби махсус муассисаҳои таълимӣ барои таъсиси синфхонаҳои компютерӣ ва харидории компютерҳои замонавӣ саъй намуданд.

Ҳукумат дар давраи соҳибистиқлолӣ кӯшиш менамуд, ки ба ҳар як мушкилоти соҳаи маориф тадбири алоҳида андешад. Бо ин мақсад дар ин самт назоратро аз рӯйи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бештар карда, барои рафъи норасоиҳо чораҳои аввалиндараҷаро амалӣ менамуд. Чунончи вай бо мақсади ҷалби мутахассисони ҷавон ба муассисаҳои таълимӣ ва дигар соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурӣ соли 1995 қарори худро «Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани истифодаи мутахассисони ҷавон баъди хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус» ба тасвиб расонид, ки он барои беҳтар гар-

дидани таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ мусоидат намуд. Апрели соли 1996 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи низомнома дар бораи бомаром тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо роҳи шартномавӣ» қабул гардид, ки зимни он мутахассисон бо роҳи шартнома ва ба мақсад мувофиқ тайёр карда шуда, ба ҷойи кори муайянгардида фиристода мешуданд.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ, мувофиқати омӯзгор ба вазифаи ишғолнамуда ва баланд бардоштани масъулияти шахсии омӯзгор барои беҳтар гардидани сифати таълим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи низомномаи тартиби гузаронидани аттестатсияи коркунони педагогии муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд. Ҳар сол дар ин замина 20%-и кормандони соҳаи маориф аз аттестатсия гузаронида мешуданд.

Ҳукумат барои муайян кардани сатҳи таълиму тарбия ва идоракунии муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ, зарурати гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии онҳо, назорат бурдан аз болои кори идораю шуъбаҳои маорифи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ оид ба кори аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии таълимӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва бо маводи илмию методӣ таъмин намудани онҳо бо қарори худ Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маорифро таъсис дод.

Хадамот дар навбати аввал тамоми ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаро ба танзим дароварда, барои аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ тадбирҳо андешид. Бо назардошти дуруст ба роҳ мондани ин масъала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 январи соли 1997 «Дар бораи гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳӣ ба муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд. Хадамот фаъолияташро

дар асоси ин қарор ба роҳ монда, муассисаҳои таълимиро аз аттестатсия ва аккредитатсия гузаронида, ба онҳо дар асоси талабот оид ба пешбурди фаъолият иҷозатнома медод.

Дар давраи истиқлолият бахусус баъди соли 2005 фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ то андозае ба танзим даромада, дар онҳо пешравиҳо ба мушоҳида мерасид. Дар ҷумҳурӣ дар ин давра 29 донишгоҳу донишкада фаъолият мекарданд, ки дар онҳо 77,7 ҳазор нафар донишҷӯ бо таҳсил фаро гирифта шуда буданд.

Тайи солҳои 2006-2011 дар ҳаёт ва фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тағйироти куллӣ ба миён омад. Маҳз дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ 6 донишкада ва 5 филиал таъсис дода шуданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, кӯҳӣ-металлургӣ, энергетикӣ, динӣ, иқтисодӣ донишкадаҳо ва филиалҳои зеринро, аз ҷумла филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон (аз 03.05.2006, №212), Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (аз 03.05.2006, №211), филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев дар ноҳияи Рашт (аз 01.11.2006 №501), Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам- Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит (аз 02.11.2007 №547), филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.05.2009 №655), Донишкадаи молияи Тоҷикистон (аз 18.06.2009 №345), Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд (аз 12.02.2010 №58), Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (аз 12.02.2010 №59), филиали Донишкадаи энергетикии Москва (Донишгоҳи техникӣ) дар шаҳри Душанбе (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.10.2010 №934) ва филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии «Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва» дар шаҳри Душанберо (фармони Президенти Ҷумҳу-

рии Тоҷикистон аз 6.10.2010 №935) таъсис дод.

Ҳамзамон, бо назардошти мустаҳкам набудани заминаи моддию техникӣ, нарасидани устодони дараҷа ва унвони илмидошта, мутобиқат накардан ба стандартҳои давлатии таҳсилот ва дар маҷмӯъ, мутобиқат накардани фаъолият ба меъёрҳои муайянкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳи муосири Тоҷикистону Россия дар шаҳри Душанбе, Донишкадаи озоди Исмоили Сомонӣ, Донишгоҳи гуманитарии муосири Россия-Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, филиали дар Осиёи Марказӣ будаи Муассисаи ғайридавлатии таълимии маълумоти олии касбии Донишгоҳи нави Россия дар шаҳри Хуҷанд, Донишкадаи технологияи инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон баста шуданд.

Дар ин давра ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илм бо кишварҳои дуру наздики хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ низ густариш ёфт. Байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои маориф (ва илм)-и кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ созишномаю тафоҳумномаҳои зиёде оид ба ҳамкорӣ ба имзо расонида шуданд. Маҳз тавассути ин ҳамкориҳо тайёр намудани кадрҳои болаёқат дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шуд.

Дар ин давра бо мақсади дастгирии ҷавонони болаёқат ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои соҳаҳои мухталифи ҷомеа бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» таъсис дода шуд. Ғайр аз ин, бо мақсади танзими қабули шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» таъсис дода шуд, ки ин ҳам аз дастовардҳои соҳаи маориф дар даврони истиқлолият маҳсуб мешавад.

Хулоса, дар замони истиқлолияти давлатӣ соҳаи таҳсилоти олии касбӣ зери парчами Ваҳдати миллӣ рушд карда, симои худро ба куллӣ тағйир дод ва низоми муайянеро ба даст

овард. Он ба дастовардҳои назаррас соҳиб гардид, ки ҳамаи ин аз баракати соҳибистиқлолӣ ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи маориф сарчашма мегирад.

## § 6. НИЗОМИ МИЛЛИИ ИМТИҲОНҲОИ ДОХИЛШАВӢ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Рушду инкишофи мактабу маориф ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи хеш низ қотеона изҳор намуданд, ки илму маориф аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати ҷумҳурӣ аст ва хоҳад монд. Ҳукумат барои амалӣ намудани ин сиёсати хеш аз тамоми имкониятҳо истифода мебарад, то ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик яке аз кишварҳои ободу сарсабзу хуррам, аз нигоҳи илму маориф пешрафта бошад ва собит созад, ки воқеан ҳам тоҷикон миллати бофарҳанг, соҳибмактабу соҳибқаламу соҳибилманд.



## НИЗОМИ МИЛЛИИ ИМТИҲОНҲОИ ДОХИЛШАВӢ БА МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ

*Падару модарон ва даҳҳо ҳазор хатмкунандагони мо бори дигар бовар ҳосил карданд, ки Маркази миллии тестӣ сатҳи ҳақиқии дониш ва маҳорату малакаи шахсии ҳар як довталабро дуруст муайян мекунад ва дар кишвар барои рақобати солим шароит фароҳам меорад.*

Эмомалӣ Раҳмон

Рушди мактабу маориф ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Президент ва ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аст. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи хеш низ изҳор намуд, ки илму маориф ҳамеша аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурӣ хоҳад буд. Ҳукумат аз тамоми имкониятҳо истифода мебарад, то ки Тоҷикистон дар ояндаи наздик ба яке аз кишварҳои ободу хуррам ва илму маорифаш пешрафта табдил ёбад ва собит созад, ки воқеан ҳам, тоҷикон миллати бофарҳанг, соҳибмактаб, соҳибқаламу соҳибилманд.

Бо ин мақсад Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори аввалин давлатҳо ба барномаи "Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва таҳсилот барои ҳама" имзо намуд ва "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020"-ро қабул кард, ки дурнамои рушди соҳаи маорифро муайян мекунад. Стратегияи мазкур барои таъмин намудани хидматрасонии таъсирбахш ва босамар дар соҳаи маориф, дастрасии ҳамагон ба таҳсилоти босифату ҷавобгӯ ба талаботи замон нигаронида шудааст. Беҳбудӣ бахшидан ба низоми идора ва натиҷаи фаъолияти соҳаи маориф, сифати таҳсилот дар ҳамаи сатҳу зинаҳо, дастрасии баробар ба таҳсилоти асосӣ, дастрасӣ ба зинаи навбатии таҳсилот дар асоси натиҷаи имтиҳонҳо, беҳтару мукаммалтар намудани заминаи моддию техникии соҳаи маориф мақсадҳои умдатарини он ба шумор меравper.

Яке аз самтҳои афзалиятнок дар стратегияи миллии рушди маориф дастрасии баробари шаҳрвандон ба таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти олист. Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, мавҷудияти мушкилоти қабул ба муассисаҳои таълимии касбӣ ва норизоиву шубҳаи аксари мардум ба низоми анъанавии имтиҳоноти дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равшан сохт, ки ин низом дар муқоиса бо низомҳои муосири ҷаҳонӣ куҳна гардида, ҷавобгӯйи талаботи замон нест.

Дар бештари кишварҳои пешрафта ҳануз аз охири асри XX имтиҳонҳо ва қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо усули мутамаркази тестӣ ба роҳ монда шуда буд. Ин боиси арзёбии объективонаву одилонаи дониши довталабон ва паст кардани сатҳи коррупсия дар соҳаи маориф буда, василаи асосии мониторинги таҳсилот ва баланд бардоштани сифати он ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи ин кишварҳо нишон медиҳад, ки чунин низом дар арзёбии объективонаю одилонаи дониш, интихоби довталабони арзанда ва умуман, баланд бардоштани сифати таҳсилот нақши муҳим мебозад. Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва Вазорати маорифи кишвар ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, аз пайи ташкил ва таъсиси низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ шуданд ва ин саъю талошҳо натиҷа доданд: Маркази миллии тестии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис гардид.

Дастоварду комёбиҳо дар замони истиқлол дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла, дар соҳаи мактабу маориф кам нестанд ва бе ҳеч шакку шубҳа, яке аз муваффақиятҳои арзанда дар ин самт таъсиси Маркази миллии тестист. Ёдрас менамоем, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 14 аз 5 уми марти соли 2008 Муассисаи давлатии "Маркази миллии тестӣ" маҳз бо ташаббус ва дастгирии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолият оғоз кард. Дар асоси ин қарор бояд мақоме ташкил мегардид, ки он дар пояи низоми миллии тестӣ қудрати роҳандозӣ намудани имтиҳонҳои муътамаду боварибахшро дошта, ҳамчун дастгоҳи боқима-

ти миллии маориф хизмат карда, дастовардҳои инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Ин низом мебоист принсипҳои адолат, шаффофӣ, баробарҳуқуқиро меҳвари фаъолияти худ қарор дода, барои камтар намудани зуҳуроти коррупсионӣ дар низоми маориф ҷаҳд мекард.

Баҳри амалӣ намудани ин ҳадафҳо 28-уми июли соли 2011 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи Лоиҳаи гранти «Барномаи ҳамкории рушди таҳсилоти Россия (READ), Марҳилаи 2-юм»-ро бо Бонки ҷаҳонӣ ба имзо расонид, ки арзиши умумии он 3,8 млн. доллари ИМА ( 3,4 млн. доллар маблағгузорӣ аз ҳисоби грант, 335 ҳазор доллар аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва 65 ҳазор доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро ташкил дод.

Бо назардошти аҳамияти баланд доштани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 138 аз 10-уми феврали соли 2014 муассиса тобеияти идориашро дигар карда, дар заминаи он Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бояд зикр кард, ки имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии касбӣ аз умдатарин масъалаи низоми маорифи кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Дар бисёр кишварҳои дунё низоми рушдкардаи интихоби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) бо корбурди дастоварду комёбиҳои навтарини санҷишу арзёбиҳои педагогӣ дар амаланд. Низом (модел)-и имтиҳонҳои дохилшавӣ дар мамлакатҳои гуногун бо ҳам умумияту тафовут дошта, аз рӯйи таҳлилҳо, дар ҷаҳон шартан ба 4 гурӯҳи моделҳои имтиҳон тақсим шудаанд:

1. Як имтиҳон. Хусусияти хоси модели якуми имтиҳон он аст, ки хатмкунандагони МТМУ имтиҳонро фақат як бор месупоранд: ҳам барои хатми МТМУ ва ҳам барои қабул ба МТОК. Натиҷаи ин имтиҳон ҳам барои МТМУ ва ҳам барои МТОК истифода мегардад. Чунин имтиҳон дар баъ-

зе мамлакатҳо марказонида ва дар миқёси тамоми кишвар аз рӯйи як маводи тасдиқкардаи Вазорати маориф гузаронида мешавад. Дар мамлакатҳои дигар имтиҳон танҳо дар минтақаҳои алоҳида ба таври мутамарказ доир мегардад. Дар бархе аз мамлакатҳо имтиҳонҳо ба таври ғайримарказонида низ баргузор карда мешаванд (маводи имтиҳон дар мактабҳо бо тавсияи Вазорати маориф интихоб ва тасдиқ мегардад). Қайд кардан бамаврид аст, ки аз рӯйи хусусият ва таъйинот чунин низоми имтиҳонҳо дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Чунин модел дар Австралия, Австрия, Булғористон, Маҷористон, Олмон, Дания, Исроил, Индонезия, Италия, Исландия, Кипр, Колумбия, Кувайт, Литва, Марокаш, Норвегия, Нидерландия, Руминия, Тунис, Франсия, Финляндия, Швейтсария, Эстония роҳандозӣ гардидааст.

2. Имтиҳонҳо ду марҳилаи мустақил доранд: имтиҳони хатм дар МТМУ ва дохилшавӣ ба МТОК. Модели дуюм баргузории имтиҳонҳоро дар ду давраи новобаста аз ҳамдигар пешбинӣ менамояд: Ҳамаи хатмкунандагони МТМУ имтиҳони хатмро дар мактаб месупоранд ва аз рӯйи натиҷаи он шаҳодатномаи хатми мактабро соҳиб мегарданд. Хатмкардагоне, ки хоҳиши ба МТОК дохил шудан доранд, имтиҳонҳои дохилшавиро месупоранд. Ин модел дар Юнон, Латвия, Македония, Ҷумҳуриҳои Чехия, Словакия ва ИМА истифода мегардад.

3. Имтиҳонҳо ба ду марҳилаи мустақил дар вақти гуногун баргузор мегарданд: имтиҳони хатм дар МТМУ ва дохилшавӣ ба МТОК. Дар асоси натиҷаҳои имтиҳони хатм ба хатмкардагони мактаб номаи камол дода мешавад. Хоҳишмандони дохилшавӣ ба МТОК дар муддати 1-3 сол аз рӯйи тахассуси донишгоҳи интихобнамудаашон омодагии махсус дида, дар МТОК имтиҳони дохилшавиро месупоранд. Модели мазкури имтиҳонҳо дар Англия, Гонконг, Эрон, Канада, Малайзия, Зеландияи Нав, Сингапур ба роҳ монда шудааст.

4. Мавҷуд набудани имтиҳонҳои ҳатмӣ. Тавре ки қайд

карда шуд, аксари низомҳои дохилшавӣ ба МТОК ин ё он намуди имтиҳонҳоро дар ҷараёни қабул истифода мекунанд. Низомҳое низ ҳастанд, ки ягон хел имтиҳонро талаб наменамоянд ва одатан ҳангоми интихоби қабулшавандаҳо ба МТОК ба дастоварду пешрафти онҳо такя мекунанд. Белгия ва Шветсия аз ҷумлаи чунин мамолике мебошанд, ки дар онҳо зимни қабул ба МТОК имтиҳони ҳатмӣ талаб карда намешавад. Дар Канада ҳадди ақалли талабот хатмкардаи МТМУ будан аст ва ягон имтиҳони миллӣ ё музофотӣ низ нест. Баъзе донишгоҳҳо натиҷаҳои SAT I ё II ро талаб менамоянд.

Аз рӯйи таҳлил ва омӯзиши низомҳои қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷаҳон, таҷрибаи 7-солаи фаъолияти Маркази миллии тестӣ ва ду соли роҳандозӣ намудани низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ қайд кардан мумкин аст, ки низоми имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, дар баробари умумияти асосӣ доштан бо низомҳои дигар, хусусиятҳои махсуси худро соҳибанд ва аз ҷиҳати қолиб ва мундариҷаи маводи имтиҳон, усули ташкил ва баргузории имтиҳонҳо, вақт ва макони баргузории имтиҳонҳо, бехатарии иттилоот, низоми баҳодиҳӣ, коркарди натиҷаҳои имтиҳонҳо, тақсимоти довталабон ва дастрасии иттилоот аз низоми куҳнаи имтиҳонҳои дохилшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомҳои дар мамлакатҳои дигари дунё амалкунанда фарқ дорад. Ин ҳама баёнгари махсусияти миллии низоми мазкур аст.

Яке аз хусусиятҳои фаркунандаи низоми миллии имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии касбӣ дар Тоҷикистон комилан мутамарказ буданаш аст, ки бартарии асосии он ба ҳисоб меравад. Тамоми рафти низомро аз оғоз то ба анҷом Маркази миллии тестӣ дар ҳамаи қаламрави кишвар ташкил ва баргузор менамояд. Ин ҷиҳати низом имкон дод, ки бори аввал дар соли 2014 – нахустин соли баргузории имтиҳонҳои марказонида ба як сохтори имтиҳонгирӣ 30 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дохил гардад, барои ин-

тихоб ба довталабон бештар аз 400 ихтисоси гуногун пешниҳод шавад ва довталабон тавонанд, ки аз ҳуқуқи то 10 комбинатсияи ихтисосҳоро интихоб кардан истифода намоянд. Дар ин муддати кӯтоҳ бинобар фаъолияти босамар ва шаффофи Маркази миллии тестӣ ҳусни таваҷҷуҳи мардуми кишвар ба Марказ афзуд ва Сарвари давлат ҳам ба он баҳои баланд дод. Соли 2015 дар қатори 33 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба низоми ИМД боз 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил карда шуд ва довталабон имкон пайдо намуданд, ки дар баробари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, филиалҳои донишгоҳҳои дар Тоҷикистон фаъолиятдоштаи Россияро низ интихоб намоянд. Шумораи комбинатсияи ихтисосҳо, ки довталаб ҳуқуқи интихоби онро дорад, аз 10 ба 12-то расонида шуд.

Бо мақсади роҳнамоии довталабон ва дигар алоқамандон дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) бори нахуст як маводи мукаммалу мушаххас – дастури иттилоотию методии “Роҳнамои довталаб” таҳия ва дастраси хонандагон гардонида шуд, ки он маълумоти муфассалро дар бораи ҳамаи равандҳои низом аз омодагию бақайдгирӣ то эълони натиҷаҳои озмуни тақсимоту ҳозиршавӣ ба муассисаҳои таълимӣ фаро мегирад. Маводи мазкур дар бораи муассисаҳои таълимии ба низоми ИМД дохилшуда ва нишонии онҳо, беш аз 500 ихтисосе, ки дар ин муассисаҳо аз рӯйи онҳо таълим дода мешавад, шакл, намуд, забон ва маблағи таҳсил аз рӯйи ҳар як ихтисос ва дигар иттилооти зарурира дар бар мегирад. Омӯзишу таҳлили таҷриба ва сохтору низоми кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки барои дастрас кардани маводи имтиҳонӣ ва иттилоотӣ ба довталаб роҳҳои гуногунро пеш гирифтаанд, аммо ҷамъ овардани ҳамаи маълумоти барои довталаб зарур дар шакли як дастури методиву иттилоотӣ (чопӣ ва электронӣ) дар мисоли «Роҳнамои довталаб»-и Маркази миллии тестӣ нахустин маротиба амалӣ гардид.

Барои роҳандозии ИМД истифодаи воситаи ягонаи арзёбии дониш– абзори муътамади санҷиши дониш ва малакаю

маҳорати довталабон, яъне тестҳо зарур буд. Таҳияи тестҳо кори заҳматталаб ва мураккаб буда, аз чандин раванду зинаҳо иборат аст: тайёр кардани мутахассисони маҳаллӣ барои таҳия ва тақризи саволу масъалаҳои тест; омода намудани шароиту воситаҳо барои таҳия ва тақризи саволу масъалаҳои тест; таҳия ва тақризи саволу масъалаҳои тест; озмоиши саволу масъалаҳои тест; истифодаи тестҳо дар имтиҳон ва таҳлилу натиҷагирӣ аз онҳо.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки дар пеши Маркази миллии тестӣ меистод, тайёр намудани мутахассисони маҳаллӣ – таҳиягарон ва муқарризони саволу масъалаҳои тест буд. Бинобар ин, дар ҳамкорӣ бо шуъбаи ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти кушода» – Бунёди мадад дар Тоҷикистон коршиносони хориҷии ташкилоти “Anglia Assessment Ltd”-ро ба кор ҷалб намуд. Нахуст коршиносони хориҷӣ дар заминаи таҷрибаи кишварҳои Қазоқистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Литва ва Арманистон барномаҳои омӯзиш ва тайёр намудани таҳиягарон ва муқарризони саволу масъалаҳои тестро тартиб доданд. Мувофиқи талабот ва бо назардошти хусусияти ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисон тайёр карда мешаванд, номгӯйи фанҳои имтиҳон муайян карда шуд. Вобаста ба ин бо ҷалби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла гимназияву литсейҳо, устодони донишгоҳҳо ва мутахассисон аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии Вазорати маориф ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф оид ба таҳияи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус, забон ва адабиёти ӯзбек, забонҳои хориҷӣ (англисӣ, франсавӣ, немисӣ ва арабӣ), таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ (ҳуқуқи инсон), математика, физика, химия, биология ва география гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳҳои кории фаннӣ (аз 5 то 7 нафар дар ҳар гурӯҳ) дар давоми солҳои 2010-2012 зери назари коршиносони хориҷӣ дар силсиласеминарҳо иштирок намуда, дар асоси назари-

яи классикӣ ва муосири тест тарзи тартиб додани барномаи (матритсаи) тест ва таҳияи саволу масъалаҳои тестро аз худ намуданд.

Аз ҳисоби аъзои гурӯҳҳои кории фаннӣ, ки дар семинарҳо иштирок намуданд, дар асоси озмун кормандони доимӣ – сармутахассисони фаннии Марказ ва кормандони муввақатӣ – аъзои гурӯҳҳои кор оид ба таҳияи саволу масъалаҳои тест интихоб карда шуданд.

Гурӯҳҳои кории фаннӣ бо таҳлили барномаҳои таҳсилот аз ҳар фанни имтиҳон мушаххасот (матритса)-и тест ва дар асоси он навъҳои гуногуни саволу масъалаҳои тестро таҳия намуданд. Аз ҳар фанни таълимӣ захираи саволу масъалаҳои тест ташкил карда шуд. Захираи саволу масъалаҳои тест ҳар сол бо ворид намудани саволҳои нав, ки аъзои гурӯҳҳои корӣ таҳия менамоянд, такмил дода мешавад.

Инчунин бо мақсади баррасӣ ва ташхиси саволномаҳои тести ҳар фанни имтиҳон аз зумраи омӯзгорони пуртаҷриба, мутахассисон ва донишмандони соҳаи маориф гурӯҳҳои муқарризон (ташхисгарон) таъсис дода шуданд. Онҳо дар доираи салоҳиятҳои худ саволномаҳои тестиро дар асоси талабот, меъёр ва нишондодҳои методӣ бо риояи талаботи махфият баррасӣ ва ташхис карда, барои беҳтар намудани сифати саволу масъалаҳои тест ба таҳиягарон ёрӣ расониданд.

Сармутахассисони фаннии Марказ саволу масъалаҳои тестро, ки аз назари муқарризон норасоӣ дошт, такмил доданд.

Натиҷаи кори гурӯҳҳои кории фаннӣ, яъне тестҳои таҳияшуда дар байни хонандагони синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ озмуда (апробатсия), коршоямии онҳо санҷида шудаанд.

Тестҳо дар давоми солҳои 2010-2011 бо иштироки 6272 нафар хонандаи синфи 11-уми 189 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 11 шаҳру ноҳия се маротиба озмуда шуданд.

Инчунин дар озмоиши саволномаҳои тест, ки соли 2012 баргузор гардид, аз 64 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии

16 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ ва шунавандагони курсҳои тайёрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 4369 нафар ва дар озмоиши калони соли 2013 бештар аз 3600 нафар иштирок намуданд. Натиҷаҳои аз озмоишҳо бадастомада бо барномаҳои махсуси компютерӣ таҳлили оморӣ ва психометрӣ карда шуданд. Саволу масъалаҳои тест аз рӯйи нишондодҳои зерин таҳлилу натиҷагирӣ шуданд:

1.нишондиҳандаи боэътимодӣ (алфа-коэффитсиент)-и тест;

2.дараҷаи душворӣ (P-value)-и саволу масъалаҳои тест;

3.қудрати тафриқавии саволу масъалаҳои тест.

Чунин тарзи таҳлил ва коркард ба Марказ имкон дод, ки тестҳоро ҳамчун абзори арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон дар низоми ИМД истифода намояд.

Ҷорӣ намудани низоми ИМД бори аввал дар таърихи маорифи кишвар шароит ба вуҷуд овард, ки тамоми довталабон, сарфи назар аз мансубияти миллӣ аз фанни забони тоҷикӣ (давлатӣ) имтиҳони дохилшавӣ супоранд ва донишу маҳорати 129138 нафар довталабони солҳои 2014 ва 2015 аз фанҳои забони тоҷикӣ, математика, таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ бо истифодаи воситаи ягонаи муътамад санҷида ва арзёбӣ шавад.

Истифодаи абзори ягонаю муътамад, дар воқеъ, боис гардид, ки шумораи пешниҳоди аризаҳои эътирозӣ нисбат ба солҳои пеш ба маротиб кам гардад, ки он боз як далелу нишондиҳандаи шаффофии фаъолияти Маркази миллии тестӣ аст. Моҳият ва зарурати ин масъаларо Сарвари давлат хеле нозукбинона зикр намуданд: “Имсол аз ҷамъи умумии довталабон ҳамагӣ 66 нафар аризаи шикоятӣ навиштаанд, ки аз ин ҳисоб 44 нафар бо сабабҳои техникӣ иштибоҳ кардаанд. Ҳол он ки солҳои пеш аз ҷоришавии низоми тестӣ аз нисф зиёди довталабон аз натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ шикоят мекарданд”.

Хусусияти фарқкунандаи низоми миллии имтиҳонҳои дохилшавӣ ҳатмӣ будани имтиҳони қисми А аст. Танҳо дар

сурати супоридани ин бахши имтиҳон, имтиҳонҳои қисмҳои дахлдор (тибқи ихтисосҳои интихобгардида) ва гирифтани бали мувофиқ довталаб метавонад (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) донишҷӯ шавад. Имтиҳони қисми А имтиҳони умумист ва барои ҳамаи довталабон, новобаста аз ихтисосҳои интихобкардаашон ҳатмӣ буда, се субтестро аз фанҳои таълимии зерин дар бар мегирад: забони тоҷикӣ, математика, таърихи халқи тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ. Тавассути ин намуди имтиҳон дониш ва малакаю маҳорати функсионалии довталаб санҷида мешавад, ки истифодаи он дар ҳаёти рӯзмарраи ӯ зарур аст.

Имтиҳони қисми Б имтиҳони ихтисос буда, вобаста ба гурӯҳи ихтисосҳо (кластерҳо) се субтестро дар бар мегирад. Фанҳои имтиҳонӣ дар доираи 5 гурӯҳи ихтисосҳо чунин аст: аз гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – табиӣ ва техникӣ, 1) математика, физика ва химия; аз гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм иқтисод ва география, 2) математика, география ва забони ҳориҷӣ; аз гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм филология, педагогика ва санъат, 3) забон ва адабиёт (тоҷик, рус, ӯзбек), таърих ва забони хориҷӣ; аз гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ, 4) таърих, ҳуқуқи инсон ва забони хориҷӣ; аз гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум тиб, биология ва варзиш, 5) химия, биология ва физика. Дар ин қисми имтиҳон донишу маҳорати довталаб аз рӯйи ҳар фанни тахассусӣ санҷида мешавад.

Хусусияти фарқкунандаи имтиҳони қисми В–имтиҳони эҷодӣ ва маҳорати махсус, ки барои довталабони соҳаи санъат, варзиш, дизайн, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ ва диниро интихобнамуда пешбинӣ шудаааст, дар он аст, ки вай дар яке аз муассисаҳои шахсан интихобнамудаи довталаб баргузор мешавад ва дар он мутахассисони варзидаи соҳаҳои дахлдор ширкат меварзанд. Холи аз ин қисм бадастовардаи довталаб барои ихтисосҳое, ки супоридани чунин имтиҳонро талаб менамояд, дар баробари холҳои имтиҳони қисми А ба ҳисоб гирифта мешавад.Тавре мебинем, ба ғайр аз абзори ягонаи санҷиши донишу малакаю маҳорати довталаб шакли маъмули санҷиши қобилияти эҷодӣ ва маҳорати махсус низ дар низоми ИМД истифода мегардад.

Низоми миллии имтиҳонҳои дохилшавӣ шароит ба вуҷуд овард, ки дар кишвар даври солонаи имтиҳонҳои мазкур тамоми соли таҳсили хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро фаро гирад. Тавре маълум аст, дар низоми пешин ҳам бақайдгирӣ ва ҳам имтиҳонот танҳо дар фасли тобистон гузаронида мешуд ва омӯзгорону масъулони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ин раванд дар канор монда, хатмкунандагон дар интихоби касб бештар такя ба падару модар ё дӯстон доштанд. Довталабон дар интихоби ихтисосу муассисаҳои таълимӣ имконияти маҳдуд доштанд. Онҳо танҳо як муассисаи таълимӣ ва як ихтисосро интихоб карда метавонистанду халос. Аз дуртарин гӯшаҳои мамлакат бо сарфи вақту хароҷоти зиёд бо мушкилиҳо ба муассисаҳои таълимие, ки ба онҳо дохил шудан мехостанд ҳозир мешуданд. Ин ва дигар мушкилот аз қабили зуҳуроти коррупсионӣ, тақаллубкорӣ, беадолатию нобаробарӣ, "таго"- бозию воситакобӣ ва ғайра зимни имтиҳонсупорӣ ва қабул ба мактабҳои олӣ бо роҳандозии ИМД аз байн рафт. Натиҷаҳои бадастовардаи хатмкунандагон одилонаю воқеӣ мавриди таҳлил қарор намегирифт. ИМД дар солҳои 2014-2015 имкон ба вуҷуд овард, ки давраи бақайдгирӣ на дар тобистон, балки барвақттар, чанд моҳ пеш аз имтиҳонҳо дар баҳор сурат гирад ва дар натиҷа, робитаи хуби мутақобилаи Маркази миллии тестӣ –хатмкунанда – муассисаи таълимӣ – (омӯзгор) падару модар – Маркази миллии тестӣ ба роҳ монда шавад ва ташвишу ранҷу азобҳои довталабону наздикони онҳо дар заминаи замонию маконӣ хотима ёбад.

Дар 68 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ аз ҷумлаи намояндагони раёсат ва шуъбаҳои маориф (мудирони кабинетҳои методӣ ва омӯзгорони бомаҳорат), директорон ва муовинони онҳо, роҳбарони синфҳои болоӣ ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тренерон омода гардиданд. Онҳо соҳиби сертификат гашта, ҳуқуқ пайдо карданд, ки дар минтақаҳояшон таблиғу ташвиқот баранд. Дар шаҳру ноҳияҳои кишвар барои омӯзгорон курсҳои омӯзишӣ ташкил карда шуданд, ки дар асоси натиҷаҳои омӯзиш ва озмун кормандони муваққатӣ – роҳбарон ва ёварони роҳбарони марказҳои имтиҳон, маъмурони

калон ва маъмурони имтиҳон ҳар сол интихоб мегарданд. Дар ду сол дар 28 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ 46 нуқтаи бақайдгирии доимӣ бо 172 истгоҳ ва дар 20 ноҳия нуқтаҳои сайёри бақайдгирӣ ташкил гардиданд, ки дар онҳо соли 2014 52408 нафар ва соли 2015 72724 нафар довталаб ба қайд гирифта шуданд.Соли 2015 барои ташкилу баргузории имтиҳонҳо дар 15 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ 41 маркази имтиҳон таъсис дода шуд, ки аз соли 2014 ду адад зиёд буд.

Марказ инчунин ба довталабоне, ки бо сабабҳои узрнок дар даври асосии имтиҳонҳо иштирок карда натавонистанд, имкон фароҳам овард, то дар имтиҳонҳои иловагӣ иштирок намоянд.

Дар Марказ барои боз ҳам мураттаб ва босамартар ташкил кардани ИМД дар соли 2016 барои ҳар як муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии кишвар як омӯзгор-таблиғгари низоми ИМД омода карда шуд ва барои ҳамкории судманд дар ҳар ноҳия кормандони муваққатӣ-таблиғгарон ҷалб карда шуданд, ки дар ин самт саҳми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсат ва шуъбаҳои маорифи минтақаҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо арзанда аст.

Бартарии дигари низоми ИМД бақайдгирии довталабон ва баргузории имтиҳонҳо ҳар чи наздиктар ба макони зисти довталаб аст. Бо чунин имконияти низоми ИМД дар соли 2015 аз шумораи умумии довталабони дар ду давраи бақайдгирӣ азқайдгузашта –73724 нафар дар имтиҳонҳо дар ду давр 66730 довталаб иштирок намуданд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2014 ҳам аз рӯйи шумораи умумӣ ва ҳам аз рӯйи ҳиссаи довталабони дар имтиҳонҳо иштироккарда хеле зиёд аст.

Ба ифодаи дигар роҳандозии низоми ИМД боиси рафъи душворӣ ва садду монеаҳои марбута ва ба таври назаррас афзудани шумораи довталабон, бахусус, духтарон гардид (дар солҳои фаъолияти низоми куҳнаи имтиҳонҳои дохилшавӣ бо сабаби дур аз макони зист будани муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии касбӣ на ҳамеша падару модарон ба духтарон – хатмкунандагоне, ки аксаран дониши хуб ҳам доштанд, иҷозат медоданд, ки дар имтиҳонҳои дохилшавӣ

иштирок намоянд). Бамаврид аст, дар ин ҷо гистограммаро, ки ҳиссаи писарон ва духтарони дар ИМД 2014-2015 ширкаткардаро пешниҳод намоем:




*Ҳиссаи (ӯ)писарон ва духтарони аз рӯйи натиҷаҳои озмунҳои тақсимот муваффақгардида (донишҷӯшуда) дар ИМД 2014 ва ИМД 2015*

Чунонки аз таҳлил аён аст, ҳиссаи духтарони аз рӯйи натиҷаҳои озмунҳои тақсимот донишҷӯшуда аз шумораи умумии довталабони дар озмунҳо муваффақгардида дар ИМД-2015 нисбат ба ИМД 2014 1,32 % зиёдтар аст. Тибқи омӯзиши маълумоти омории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлилҳои Маркази миллии тестӣ дастёбии духтарон ба таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути ИМД нисбат ба солҳои пеш аз ҷоришавии ИМД хеле беҳтар гардидааст.

Натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2014-2015 ба мо ҳуқуқ медиҳад, ки дар асоси далелҳои қотеъ бартарии низоми нави имтиҳонҳоро нишон диҳем.

Дар боло қайд намудем, ки довталаб дар низоми ИМД имкони интихоби то 12 комбинатсияи ихтисосҳоро дорад. Дар мисоли расми зерин, метавонед қиёсан ба кадом муассисаҳои таълимии минтақахои кишвар дохил шудани довталабони ин ноҳияро (н. Восеъ) аз назар гузаронида, таҳлил намоед.




**Натиҷаҳои озмуни тақсимоти ИМД-2014.**

Натиҷаи тақсимоти довталабон аз н. Восеъ ба муассисаҳои таълимӣ(ИМД-2014)

Дар низоми ИМД яке аз бахшҳои муҳим ва асосиро системаи иттилоотии “Довталаб” ташкил медиҳад, ки истифодаи воситаҳои муосири технологияи иттилоотию комуникатсиониро дар ҳамаи марҳалаҳои низоми мазкур таъмин менамояд. Системаи иттилоотии “Довталаб”, ки мутахассисони маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо кормандони Марказ таҳия намудаанд, аз маҷмӯи модулҳои барномавӣ ва пойгоҳҳои алоҳида иборат аст, ки онҳо дар ҳамбастагӣ ҳамаи марҳалаҳои низоми ИМД-ро дар бар мегиранд.

Марказ барои довталабон хизматрасонии хабарҳои кӯтоҳ (SMS)-ро ба роҳ мондааст. Дар самти технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ инчунин даромадгоҳ (портал)-и интернетӣ (Web-портал) бо мақсади ба таври динамикӣ сохтани ҳуҷраҳои инфиродӣ барои ҳамаи довталабони азқайдгузашта ва таъмини дастрасии довталабону падару модарони онҳо ба натиҷаҳои ИМД ва тақсимоти довталабон ба МТОК сохта шудааст.

Равандҳои коркард (санҷиш)-и маводи имтиҳон бо бар-

номаҳои махсуси компютерӣ ба таври худкор ва боназардошти набудани таъсири омилҳои инсонӣ амалӣ мегардад. Маводи имтиҳон, аз ҷумла, протоколҳои рафти имтиҳонҳо ва варақаҳои ҷавобҳои довталабон барои бақайдгирӣ раванди эътиборсанҷӣ (валидатсия)-ро мегузаронад. Бақайдгирии маводи имтиҳон (протоколҳои рафти имтиҳонҳо ва варақаҳои ҷавобҳои довталабон) бо истифода аз модули барномавии “Эътиборсанҷии маводи имтиҳонӣ” роҳандозӣ мегардад, ки он ҳамчун барномаи корбарии “мизоҷ□-серверӣ” (“клиент-серверӣ”) таҳия шудааст.

Нусхабардории оптикии варақаҳои ҷавобҳо бо истифода аз таҷҳизоти нусхабардории оптикӣ (сканерҳо)-и пуриқтидори истеҳсолӣ иҷро карда мешавад. Бо мақсади коркарди саривақтии маводи имтиҳонӣ дар марҳалаи нусхабардории оптикии варақаҳои ҷавобҳои довталабон сканерҳои баландсуръат истифода гардида, ҳамчун таъминоти барномавӣ дар рафти сканеркунии варақаҳои ҷавобҳо системаи универсалии коркарди муттасили маълумоти ABBYY flexicapture 10 ба кор бурда мешавад.

Барои ҳар фанни имтиҳон вобаста ба миқдор ва навъи саволу масъалаҳои тест шумораи имконпазири ҳадди аксар (максималӣ)-и балҳо муайян гардида, балҳои бадастовардаи довталабон аз ҳар субтест (фанни имтиҳон) алоҳида ҳисоб карда мешавад.

Дар асоси таҳлилҳои омории пешакии балҳои ҳар сол бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба гурӯҳҳои ихтисосҳо балҳои гузариши фаннӣ барои тамоми субтестҳои имтиҳон муқаррар мегардад.

Пас аз коркарди пурраи корҳои анҷомдодаи довталабон тибқи тартиби муқарраргардида натиҷаҳои имтиҳонҳо эълон мегардад.

Хусусияти дигари фарқкунандаи низоми ИМД Тоҷикистон тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурист. Чунонки Сарвари давлат зимни суханрониашон зикр намуданд: «Баъди супо-

ридани имтиҳонҳои тестӣ тақсимоти довталабон аз рӯйи холҳои бадастоварда ва интихобҳояшон ба мактабҳои олӣ бе иштироки омӯзгорон, тавассути компютер сурат мегирад, ки он низ аз шаффофии низом дарак медиҳад». Дар низоми миллии ИМД ин раванд танҳо ба зиммаи як мақомот – Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Дар соли 2015 шумораи умумии муассисаҳои таълимие, ки қабули донишҷӯён ба онҳо аз тариқи ИМД ба роҳ монда шуд, 41-торо ташкил дод, ки аз он 33 тоаш муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва 8-тоаш муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ буд. Дар ИМД-2014 ба низом танҳо 30 муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ дохил шуда буд.

Аз рӯйи натиҷаи 3 озмуни тақсимот (тақсимоти асосӣ, тақсимоти такрории якум ва дуюм) дар соли 2015 аз 50614 довталаби ба озмуни тақсимот роҳёфта ҳамагӣ 39672 довталаб (78,38 %) аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардаашон ба муассисаҳои таълимӣ тақсим шуданд.

Як хусусияти умдаи низоми нави имтиҳонҳо дар он аст, ки дар он завқу хоҳиш дар мадди назар меистад. Бинобар ин, корҳои тарғиботию хабаррасонӣ самти муҳимтарини фаъолият дар низом ба шумор меравад. Дар ҳар як марҳалаи раванди ИМД робитаи ногусастании Маркази миллии тестӣ бо довталаб ва ҷомеа ба назар гирифта шуда, барои тақвияти он аз воситаҳои гуногун мақсаднок истифода мешавад, то ки иттилооти муфассал оид ба сохтору моҳияти низоми ИМД ба довталаб ва аҳли ҷомеа дастрас гардад. Бо ин мақсад дар баробари васоити анъанавии ахбор воситаҳои электронии интишори иттилоот, аз ҷумла, сомонаи Маркази миллии тестӣ низ мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад.

Маркази миллии тестӣ корҳои хабаррасонӣ ва тарғиботиро вобаста ба ташкилу баргузории ИМД амалан аз моҳи ноябри соли 2013 оғоз карда, дар ин самт 13 семинару вохӯрӣ доир намуд ва дар маҷмӯъ, 19260 нусха маводи дастурӣ, иттилоотиву омӯзишӣ ва дискҳои омӯзиширо дар байни ишти-

рокдорону дигар алоқамандони ИМД тақсим намуд.

Тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи умумии фаъолият Маркази миллии тестӣ ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми ИМД пайваста аудио-видеонаворҳои омӯзиширо сабт ва пахш менамояд ва қисме аз онҳоро дар ҳамдастӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дискҳо ба ҳар як муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дастрас мегардонад. Ҳамчунин пресс-релизҳо вобаста ба чорабиниҳои гуногун аз қабили курсҳои омӯзишӣ барои кормандони соҳаи маориф, семинарҳои омӯзишӣ барои кормандони муваққатии Марказ – бақайдгирандагон ва маъмурони имтиҳон, роҳбарони нуқтаҳои бақайдгирӣ ва марказҳои имтиҳонӣ, марҳалаҳои бақайдгирӣ ва имтиҳонӣ омода ва ба ВАО-и ҷумҳурию хориҷӣ ирсол карда мешаванд. Тамоми раванди ИМД тавассути телевизион ва радиои кишвар мунтазам пахш мегардад.

Кормандон ба муроҷиатҳои шифоҳӣ, телефонӣ ва хаттии довталабон ва дигар алоқамандон, ҳамчунин ба суолҳои шаҳрвандон аз тариқи сомонаи расмии Марказ сари вақт ҷавобҳои қонеъкунанда медиҳанд. Дар бинои Марказ қабули ҳамарӯзаи шаҳрвандон ташкил карда шудааст.

Нақши сомонаи Маркази миллии тестӣ дар таъмини саривақтии алоқамандони ИМД бо иттилооти фарогири дахлдор хеле муҳим аст.

Чунонки маълум гашт, низоми ИМД аз низоми пешинаи имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии касбӣ дар кишварамон ва аз низомҳои чунин имтиҳонҳо дар мамлакатҳои ҷаҳон тафовути комил ва дар баъзе кишварҳои дигар умумиятҳои ҷузъӣ дорад. Як ҷиҳати барҷаста ва хусусияти фарқкунандаи низоми миллии ИМД–тобеияти идораи мақоми имтиҳонгирандаро дар ин ҷо махсус бояд қайд кард.

Шиносоӣ бо чанде аз низомҳои номбурдаи амалкунанда нишон дод, ки муассисаҳои масъули имтиҳонҳои марказонида аз ҷиҳати тобеияти идоравӣ низ гуногунанд ва ин омил табиист, ки ба мақом ва фаъолияти он таъсири бевосита ва назаррас дорад. Масалан, дар Гурҷистон имтиҳонҳои мар-

казонидаи дохилшавиро Маркази миллии имтиҳонҳо, ки тобеи Вазорати маориф ва илм аст, баргузор менамояд. Дар Ҷумҳурии Озарбойҷон имтиҳонҳои мутамаркази дохилшавиро дар миқёси тамоми кишвар Комиссияи давлатии қабули донишҷӯёни Озарбойҷон мегузаронад, ки ба Президенти Ҷумҳурӣ тобеъ буда, мақоми мустақил дорад. Имтиҳони умумиҷумҳуриявиро бо мақсади қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар Қирғизистон Маркази арзёбӣ дар соҳаи маориф ва методҳои омӯзиш ба роҳ мемонад, ки он муассисаи ғайридавлатии мустақили тестӣ дар бахши маориф аст. Дар Туркия имтиҳон барои интихоб ва тақсимоти довталабон ба зиммаи Маркази интихоб ва тақсимоти донишҷӯён аст. Имтиҳони ягонаи давлатиро дар Россия Хадамоти федералии назорат дар соҳаи маориф ва илми Федератсияи Россия якҷоя бо мақомоти ҳокимияти иҷроияи субъектҳои Федератсияи Россия ташкил ва баргузор менамояд, ки шакли гузаронидани аттестатсияи давлатии хаттии таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, натиҷаҳои он барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ низ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Чунонки мебинем, чанде аз мақомоти масъули имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ тобеи вазорати маорифи кишварҳо, дигаре ҷузъи таркибии Ҳукумати мамлакат ва бархе муассисаи ғайридавлатии мустақили тестӣ дар бахши маорифанд. Маркази миллии тестӣ низ дар марҳилаи таъсис ва ташаккули он соли 2008 ҳамчун муассисаи давлатии тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. Бо назардошти мақсад ва вазифаҳои дар назди ин муассиса гузошташуда, масъулият ва аҳамияти натиҷаи фаъолияти он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, махсусан, соҳаи маориф ва таъсири он ба рушди минбаъдаи кишвар Маркази миллии тестӣ дар соли 2014 баъди ба истифода додани бинои наву муосири муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти ҳозиразамони техникӣ таҳти тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт. Натиҷаҳои ин иқдоми дурбинонаи сарвари давлат дар соли 2015 ба мардуми кишвар ва масъулони соҳаи маориф возеҳу равшан гардид. Дар ин

сол маҳз бо дастури роҳбари давлат филиалҳои муассисаҳои таълими таҳсилоти олии касбии Россия, ки дар Тоҷикистон фаъолият доранд, ба низоми ИМД дохил карда шуданд. Дар баробари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ чанде аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ низ ҳамроҳ карда шуданд. Таҳияи маводи имтиҳон барои олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва баргузории онҳо ба зиммаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд ва дарвоқеъ онҳоро аҳолии кишвар ва пеш аз ҳама, хатмкунандагони синфи 11-ум ва омӯзгорону масъулони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ хуб истиқбол намуданд.

Дар ҳақиқат таъсиси Маркази миллии тестӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлати мо падидаи фараҳбахшу назаррас аст. Мардуми кишвар аз ин муассисаи навбунёд умеду орзуи зиёд доранд.

Татбиқи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои дар ду сол бадастомада далели возеҳи он аст, ки ин низом нисбат ба низому равишҳои пешинаи имтиҳонҳо афзалияту бартариҳои зиёд дорад ва қолиби карахтгашта набуда, ҳамеша дар раванди ташаккулу такомул қарор дорад. Баҳои баланди ҷомеа ва мушовирони байналмилалӣ ба ИМД дар солҳои 2014 ва 2015 гувоҳи муътамади шаффофу одилона ва бо дастрасии баробару беғаразона гузаштани онҳо буда, дастовардҳои Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад.

Умед аст, ки фаъолияти ояндаи он барои дастрасии баробари ҳама ба таҳсилот, махсусан барои духтарони илмҷӯю маърифатдӯсти кишвар, имкони бештару шароити мусоид фароҳам оварда, дар баланд бардоштани дараҷаи донишу маърифати хонандагон ва беҳтар намудани сифати таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот саҳму таъсири дилхоҳ хоҳад расонд.

## § 7. ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ ОМӮЗГОРОН

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду нумӯи соҳаи маориф, пеш аз ҳама, дар инкишофи такмили ихтисос такони ҷиддиеро ба амал овард. Дар 25 соли истиқлолият муассисаҳои давлатии такмили ихтисос аз ҷумла «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» куллан тағйир ёфт, ки ин дар ҳамаи самтҳои фаъолияти донишкада ба мушоҳида мерасад.

Фаъолияти асосии донишкада ба такмил додани маҳорати касбӣ, ба роҳ мондани бозомӯзии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, расонидани ёрии амалии методӣ ба кормандони шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таълимӣ ва филиалҳои донишкада равона гардидаст.

Дар донишкада ва филиалҳои он мунтазам омӯзгорону кормандони соҳаи маориф аз рӯйи 40 ихтисос такмили тахассус менамоянд. Агар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 12464 нафар ба курсҳо ҷалб гардида бошанд, ин нишондод дар соли 2015 ба 23760 нафар расид.

Нақша ва барномаҳои таълимӣ аз рӯйи 58 ихтисос, ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2013, №19/16 тасдиқ гардидаанд, аз 01.01.2014 дар ҳамаи филиалҳои донишкада мавриди амал қарор дода шуданд. Нақша ва барномаҳои нави таълимии КТИ ҷавобгӯйи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф буда, ба муносибатҳои нави иқтисодию иҷтимоӣ, инкишофи босуръати техникаю технология, фазои мутассил фарох гардидаистодаи иттилоотӣ, ба системаи таҳсилоту стандартҳои байналмилалии таҳсилот наздик шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, суръат бахшидан ба самтҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф мусоидат менамоянд.

Барои фаъолияти пурсамари муассисаҳои такмили ихтисос маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ шароити заруриро фароҳам овардааст. Аз ҷумла, тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноя-

бри соли 2013, №2876 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2014, №742 аз қайди давлатӣ гузаронида шудаст. Он вазифаи стандарти давлатии такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони маорифро иҷро намуда, меъёрҳои талаботи давлатиро ба барномаҳои такмили ихтисос мушаххас ифода мекунад. Барномаи давлатии рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Барнома оид ба беҳтар кардани мазмун ва мундариҷаи такмили ихтисос, гузаштан ба низоми сесолаи аз курс гузаштани омӯзгорону кормандони соҳаи маориф имконият фароҳам меорад;

– барои ба роҳ мондани бозомӯзии омӯзгорон бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон “Диплом”-и намунаи давлатӣ ва “Низомнома дар бораи тартиби бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф” 16 барномаи таълимии курсҳои озмоишии бозомӯзии тахассусҳои “ҳуқуқи инсон”, “суруд ва мусиқӣ”, “тарбияи ҷисмонӣ” ва “технологияи меҳнат” аз ҷониби мутахассисон таҳия ва аз ҷониби ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд;

– барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва баргузории курсҳои такмили ихтисос дар донишкада ва филиалҳои он дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хуҷанд ва Душанбе озмоишгоҳи илмӣ-таълимии муҷаҳҳаз бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ (химия, физика, биология, баландбардории маҳорати педагогӣ, коркарди чӯб, коркарди оҳан, коркарди пластмасса, дӯзандагӣ ва пухтупаз) мавриди истифода қарор дода шуд;

– дар доираи ҳамкориҳо бо Барномаи ислоҳоти соҳаи маориф дар давлатҳои Осиёи Марказии Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ) соли 2014 курси бозомӯзии омӯзгорони фанни технология (меҳнат) оид ба дидактика ва методикаи таълими коркарди чуб ва фулузот ташкил карда, гузаронида шуд.

Самти муҳимми фаъолияти донишкада ташкили корҳои

илмӣ- тадқиқотию инноватсионӣ мебошад. Рушди ҳамаҷонибаи тадқиқоти илмӣ вазифаи ҳатмии устодони донишкада аст, чунки бе фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси онҳо имконнопазир аст. Самт ва масоили илмии донишкада ва мавзӯъҳои илмии кафедраҳо дар қарори Шӯрои олимон аз 01.10.2013, №8/6 тасдиқ гардида дар ҳамаи кафедраҳо ва филиалҳои донишкада мавриди амал қарор дода шуданд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2014, №345 "Дар бораи муттаҳид намудани муассисаҳои давлатии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" Донишкадаҳои минтақавӣ (ВМКБ – шаҳри Хоруғ, вилояти Хатлон шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб, вилояти Суғд – шаҳри Хуҷанд) ва Маркази такмили ихтисоси раёсати маорифи шаҳри Душанбе дар заминаи Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф мутаҳид карда шуданд. Дар сохтори нави донишкада раёсат илм ва инноватсия, озмоишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Такмили маҳорати педагогӣ», парки технологӣ ва шуъбаи аспирантура ва магистратура фаъолият мекунад.

Ҳамасола дар донишкада озмунҳои минтақавии "Омӯзгори соли Тоҷикистон" ва "Мураббии соли Тоҷикистон" дар сатҳи баланди ташкилию омодагӣ ва илмию методӣ гузаронида мешавад.

Фаъолияти эҷодии кормандони донишкада хеле фарох буда, паҳлуҳои гуногуни ҷараёни таълиму тарбияро дар мактабҳо тавассути омӯзгорони хатмкардаи курсҳои такмили ихтисос ё омӯзгорони ба курсҳои минбаъда номнависшуда, роҳбарони мактабҳо, кормандони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо фаро мегирад.

Бо мақсади тақвият бахшидани раванди тадқиқотҳои илмӣ таҳқиқи мавзӯи илмӣ (фармоишӣ) дар донишкада – "Дарёфти роҳҳои баландбардории маҳорати касбӣ дар асоси истифодаи технологияи ҳозиразамон" – барои солҳои 2013-2017 (таҳти роҳбарии Кабиров Н.Г.) татбиқ шуда истодааст.

Татбиқи мавзӯи дигари фармоишӣ – «Коркард ва татбиқи моделҳои илмии такмили маҳорати касбии омӯзгорон» – барои солҳои 2015-2019 (роҳбари кори илмӣ – Назирӣ Латофт Қаҳҳор) бинобар маблағгузорӣ нашудан мавқуф гузошта шудааст.

Инчунин як мавзӯи илмӣ (фармоишӣ) – "Таҳқиқи омилҳои пастшавии маънавиёти наврасон ва роҳҳои педагогии пешгирии он" (роҳбари кори илмӣ Ғиёсиев М.И.) аз зинаҳои ташхис гузашта, барои баррасӣ ва маблағгузорӣ ба Академияи илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки он аз соли ҷорӣ мавриди амал қарор мегирад.

Бо мақсади тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогии дорои дараҷаи илмии соҳаи методикаи таълими фан дар шуъбаи магистратура ва аспирантура доир ба илмҳои педагогӣ ва методикаи таълими фанҳои мухталиф мутахассис тайёр мекунад. Ҳоло 6-нафар ба ҳайси унвонҷӯ таълимашонро идома дода, дар самтҳои мухталифи методикаи таълими фан корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бурда истодаанд.

Албатта, шумораи кормандони унвони илмидошта низ афзуд ва ҳоло шумораи онҳо ба 22 нафар мерасад. Ҳамасола 5-6 конференсияи илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, семинарҳои мақсаднок, ҷамъомадҳо ва баромадҳои кормандону омӯзгорони донишкада дар ВАО пайваста доир мегардад.

Китобхонаи донишкада дорои 14960 нусха китоби таълимӣ, бадеӣ, техникӣ ва ғайра мебошад.

Фонди китобхона бо китобҳои навчопи дарсӣ, дастурҳои илмию методии навин ва бо ёрии сарпарастони хориҷӣ пурра мегардад.

Китобхона ба кормандони донишкада ва шунавандагони курси такмили ихтисос дар тадқиқотҳои илмӣ, методӣ, таҳияи лоиҳаҳои эҷодӣ кумак мерасонад.

Кормандони китобхона доир ба санаҳои таърихӣ, ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ намоиши китоб, маҷалла, овезаҳо ташкил менамоянд. Соли 2009 китобхонаи электронӣ ба кор оғоз кард. Ҳоло дар китобхонаи донишкада 14960 адад китоби бадеӣ, дарсӣ илмию методӣ маҳфуз буда, аз онҳо омӯзгорону кормандони донишкада ва шунавандагони курсҳои так-

мили ихтисос истифода менамоянд.

Дар донишкада озмоишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “Такмили маҳорати педагогӣ” созмон дода шуда, дар пешбурди корҳои илмӣ таҳқиқотии масъалаҳои такмили ихтисос саҳмгузор аст. Пӯшида нест, ки дар замони кунунии умумибашарӣ дар миёни ҷомеаҳои умумидунё ангезаи тазодҳову ихтилофҳои қавмиву қабилагӣ ва халқиву миллӣ рӯз то рӯз густариш меёбанд. Ба ин манзур пешгирии камбудиҳои мафкуравӣ ҷиҳати умдаву асосии мактабу маорифи умумибашарӣ буда, таҳқиқи он аҳамияти махсус пайдо кардааст.

Аз ҷониби ҳайати омӯзгорону кормандони донишкада ва филилалҳои он танҳо дар соли 2015 зиёда аз 188 мақолаи илмӣ-методӣ ва оммавӣ, 5 китоб, 1 китоби дарсӣ, дар ҳаммуаллифӣ 3 китоби дарсӣ, 16 дастури методӣ, 21 конференсия, 42 мизи мудаввар ва зиёда аз 36 тақриз таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби омӯзогору кормандони донишкада ва филиалҳои он дар даврони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 627 мақолаи илмӣ-методӣ ва оммавӣ, 65-китоби дарсӣ ва тавсияҳои методӣ, 229-дастури методӣ, 233-конференсия, 98 мизи мудаввар ва зиёда аз 86 тақриз таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Донишкада бо Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Мутаҳид (ЮНИСЕФ), СОРОС, Фонди Оғохон, Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Олмон Амрико (USAID), Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (ОБСЕ), намояндагони Бонки умумиҷаҳонӣ ҳамкорӣ дорад.

Дар доираи ҳамкориҳо бо «Барномаи ислоҳоти соҳаи маориф дар давлатҳои Осиёи Марказӣ»-и Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ) дар заминаи донишкада курси бозомӯзии касбӣ оид ба дидактика ва методикаи таълими технология (меҳнат) гузаронида шуда, бо дастгирии молиявии ин Барнома 10 маркази омӯзишӣ оид ба технология (меҳнат) дӯзандагӣ, пазандагӣ, коркарди чӯб, метал ва пластмасса, математика, химия, физика, биология ва синфҳои ибтидоӣ, лабораторияҳои омӯзишӣ, дар маҷмӯъ 61

лабораторияи омӯзиши фанҳо ва 13 синфхонаи таълимӣ кушода ва ба истифода дода мешавад.

Аз тарафи Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Мутаҳид (ЮНИСЕФ) дар ҷумҳурӣ танҳо дар соли 2015 ба теъдоди умумии 46 Маркази инкишофи кӯдакон ва «Гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб» кушода ва бо таҷҳизоту бозичаҳо, мебелу маводи таълимӣ таъмин карда шуда, кормандону муррабияҳои марказҳо аз рӯйи модулҳои таҳияшуда дар доираи стандартҳои таҳсилоти томактабӣ аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуданд.

Дар доираи барномаи «Лоиҳаи хониши босифат» 8 модули таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ таҳия карда шуд ва он мавриди омӯзиши омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ қарор гирифт.

Оид ба амалӣ намудани консепсияи таҳсилоти фарогир бо дастгирии ЮНИСЕФ аввалин модули таълимӣ барои омӯзгорону кормандони муассисаҳои махсуси таҳсилоти нобиноён таҳия карда шуд ва он аз тарафи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда, барои истифода пешкаш шудааст.

Дар таҳияи стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта донишкада бо Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Мутаҳид (ЮНИСЕФ) ҳамкорӣ дошта, онро амалӣ намуда истодааст.

Бо дастгирии техникии Ассотсиатсияи Хелветас-Свисс Интеркорпорейшен ду модули таълими «Ҳуқуқи оилавӣ» таҳия карда, мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Барои амалӣ гардидани «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ» донишкада мунтазам бо Маркази илм ва фарҳанги Федератсияи Русия ва Донишкадаи славиянии русию тоҷикӣ ҳамкорӣ намуда, курсҳои такмили ихтисосро барои омӯзгорони забони русӣ ташкил менамояд.

Дар доираи ҳамкориҳо бо фонди глобалии шарики таҳсилот ГПО-4 то охири сол 900 нафар корманди муассисаҳои томактабӣ, 3600 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, 1900 нафар сарварони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз курси

такмили ихтисос гузаронида мешаванд. Дар доираи ду модули таълимӣ «Методикаи таълими стандартии фанҳои забони модарӣ ва математика» ва «Арзёбӣ дар низоми таълимии салоҳиятнок»-и омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ пурра аз такмили ихтисос гузаронида мешаванд. Ғайр аз ин дар ин лоиҳа 900 нафар кормандони муассисаҳои томактабӣ, аз ҷумла, 450 нафар аз муассисаҳои томактабӣ ва 450 нафар аз марказҳои инкишофи кӯдакон аз курси такмили ихтисос бо маводи зарурӣ таъмин гардиданд. Омӯзишӣ сарварони МТМУ дар доираи ду модули таълимӣ «Менежменти молявӣ» ва «Менежменти сарварӣ» дар соҳаи маориф пурра гузаронида мешавад.

Вазифаҳои асосии дар пеш истодаи муассисаҳои такмили ихтисос чунинанд:

– таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии замонавӣ ва ба роҳ мондани раванди бозомӯзии омӯзгорони фанни ғайритахассус фаъолияткунанда;

– бунёди пояи муосири техникӣ ва технологии такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

– коркарди механизми ба бахши такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҳарчи бештар ҷалб намудани мутахассисони варзида ва унвони илмӣ дошта;

– такмил додани пояи илмию методии раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

– гузаштан ба сикли 3-солаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф;

– бунёди инфраструктураи ба талаботи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҷавобгӯй;

– гузаштан ба маблағгузории сарикасии такмили ихтисос;

– коркард ва ҷорӣ намудани системаи музди кори ҳавасмандкунанда;

– гузаштан ба системаи супориши давлатӣ ва такмили ихтисос;

Ҷорӣ намудани шаклҳои муосири такмили ихтисос (кредитӣ, фосилавӣ ва модулӣ);

– коркард ва татбиқ намудани барномаҳои таълимии алтернативӣ (гуногун роҳ) дар такмили ихтисос;

– беҳтар намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии такмили ихтисос;

– коркарди механизми дарёфт, омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва роҳбарӣ.

## § 8. ТАЪМИНИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2006, №310 «Дар бораи таъсис додани Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва фармоиши Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2006, № 849 «Дар бораи таъсис ва фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудааст.

Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро тибқи нишондоди дастуру супоришҳои Сарвари давлат, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Шӯрои методӣ ва нақшаи корӣ ба роҳ монда, ҷиҳати дар асоси талаботи замон ба роҳ мондани раванди корҳои таълимию методӣ, таҳияи нақшаҳои таълимӣ, стандартҳои тахассусӣ, таҳия ва чопи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводи методӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва баъдидипломӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.

Дар назди Маркази номбурда аз оғози фаъолият то имрӯз шуъбаҳои хадамоти методии муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ, баътар шурӯъ аз соли 2008 шуъбаи табъу нашр

ва маҷаллаи “Масъалаҳои маориф” (аз соли 2010 маҷалла барои муассисаҳои томактабӣ ” Субҳи умед”) ва аз оғози соли 2016 бо дарназардошти тағйир ёфтани сохтори Марказ шуъбаи таҳлил, таҳияи тест ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо маводи таълимию методӣ фаъолият доранд.

Шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Марказ ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои таълимию методӣ, таҳияи нақшаҳои таълимӣ, таҳия ва чопи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводи методӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми таълиму тарбия дар давраи фаъолият як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Марказ ин такмил додани маҳорати касбии мушовирони кабинетҳои методӣ, мудир, мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, директор, муовинони директор оид ба таълиму тарбия, омӯзгорони фанҳои таълимӣ, директор, муовинони директор ва мудирони кабинет ва кафедраҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти ибтдоӣ ва миёнаи касбӣ, проректор, мудирони шуъбаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти омӯзиш, паҳнсозии таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ба роҳ мондани фаъолияти муназзами Шӯрои методӣ ва иттиҳодияҳои методӣ ва гузаронидани семинар–машваратҳои дастурдиҳии доимоамалкунанда мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола фаъолияти Марказ дар самти таҳияи нақшаҳои таълимӣ, таҳия ва чопи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводи методӣ ва гузаронидани семинарҳои дастурдиҳӣ, ҷалби мудирон ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, директорон, муовинони директор оид ба таълиму тарбия, омӯзгорони фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, директорон, муовинони директор ва мудирони кабинет ва кафедраҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, проректор, мудирони шуъбаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ беҳтар гардида истодааст.

Агар соли таҳсили 2009-2010 ҳамагӣ дар самти таҳсилоти томактабӣ танҳо 1 семинар бо иштироки 25 нафар кормандони муассисаҳои томактабӣ гузаронида шуда бошад, пас

дар соли 2014 3 семинари омӯзишӣ бо иштироки 68 нафар кормандони соҳаи таҳсилоти томактабӣ ва соли 2015 тибқи нақша 11 семинари омӯзишии ҷумҳуриявӣ ташкил ва гузаронида шуд. Дар семинарҳои омӯзишӣ 462 нафар мушовир ва мураббиёни кӯдакистонҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ширкат варзиданд.

Нишондиҳандаҳо дар ин самт дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низ назаррас буда, соли таҳсили 2009-2010 дар сатҳи ҷумҳурӣ танҳо бо иштироки 131 нафар мудир, мушовирон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 8 семинар машварати дастурдиҳӣ доир шуда бошад, пас соли 2013 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 31 семинари дастурдиҳӣ бо иштироки 813 нафар кормандони соҳаи таҳсилоти умумӣ ташкил ва гузаронида шудааст. Дар маҷмӯъ, дар соли 2015 59 семинар-машварати дастурдиҳӣ дар самти таҳсилоти умумӣ барпо гардидааст, ки дар онҳо 6468 нафар омӯзгорону кормандони соҳаи маориф иштирок намуданд.

Мавриди зикр аст, ки агар дар соли 2010 дар самти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1 семинар бо иштироки 21 нафар роҳбарону мудирони кафедраҳо ва устодон доир гардида бошад, соли 2014 дар 2 семинар 37 нафар роҳбарону мудирони кафедраҳо ва устодон саҳм гирифтанд ва ин нишондод дар соли 2015 4 семинарро бо иштироки 201 нафар дар бар гирифт, ки нисбат ба соли 2014 2 семинар ва 164 нафар иштирокчӣ зиёд аст. Теъдоди семинарҳои дастурдиҳӣ ва шумораи иштирокчиён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ низ сол то сол афзун мегардад.

Мавзӯъҳои дар семинар-машваратҳо баррасишаванда фарогири паҳлуҳои гуногуни кори таълиму тарбия буда, дар расонидани кӯмаки методӣ ба роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамоянд.

Самти афзалиятноки фаъолияти Марказ аз таҳия ва чопи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводи методӣ, нақшаҳои таълимӣ ба ҳисоб рафта, давра ба давра ин самт рӯ ба пешравӣ дорад. Лозим ба ёдоварист, ки аз оғози фаъолият то соли 2016 125 дастури методӣ таҳия ва нашр гардид, ки муҳимтарини онҳо:

Ташкили ҷараёни таълим ва талабот ба дарси муосир (соли 2007),

Мактаб сабаби наҷот (соли 2008),

Тарбияи кӯдаки солим (соли 2008),

Таъкидҳои Президент оид ба соҳаи маориф (соли 2009),

Кошинкорӣ ва кандакории рӯйи чӯб (соли 2009)

Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ (соли 2009) ва ғайра мебошанд.

Дар давоми солҳои 2007 – 2011 бо мақсадаи баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони соҳа мутахассисони Марказ зиёда аз 100 мақолаи методӣ омода ва дар матбуоти даврӣ ба чоп расонданд. Ҳамзамон дар ин давра зиёда аз 150 мақолаи мушовирони кабинетҳои методӣ, мудир ва мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, директорон, муовинони директор оид ба таълиму тарбия, омӯзгорони фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, директорон, муовинони директор, мудирони кабинет ва кафедраҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, проректор, мудирони шуъбаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро омӯхта, барои чоп ба матбуоти даврӣ тавсия намуданд. Шуъбаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар ин давра назаррас буда, зиёда аз 26 адад китобҳои дарсӣ ва 51 адад нақшаҳои таълимӣ барои ихтисосҳои коргарӣ тарҷума, нашр ва дастраси муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ гардониданд.

Кормандони Марказ агар соли 2013 дар самти таҳсилоти томактабӣ 22 номгӯй мақолаҳои кормандони соҳаро барои чоп тавсия карда бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 35 номгӯй расид.

Таҳия ва чопи дастурҳои методӣ аз тарафи кормандони Марказ давра ба давра афзуда, дастрасии кормандони соҳа ба маводи ёрирасони таълимию методӣ беҳтар гардид. Масалан, соли 2012 агар 13 дастури таълимию методӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҳия ва нашр гардида бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2015 ба 23 адад расид, ки нисбати ҳамин давраи соли 2012 10 дастур зиёд аст. Соли 2012 кормандони Марказ ба 19 адад ва соли 2015 бошад, ба 41 адад барнома, китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии аз

дигар сохторҳои зертобеи Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва шахсони алоҳида воридгардида тақриз ва тавсияҳо омода намуданд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки Марказ солҳои 2014-2015 “Маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумиро дар ду ҷилд бо фарогирии 24 асноди танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ таҳия намуда, аз чоп баровард.

Барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Марказ маводи таълимии зерин:

– журнали қайди дарсҳо (анъанавӣ ва кредитӣ);
– дафтари назорати ҳаррӯзаи омӯзгор;
– дафтарчаи имтиҳонотӣ (анъанавӣ ва кредитӣ);
– рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ;
– дафтарчаи донишҷӯӣ таҳия карда шуд.

Барои мутахассисони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ дастурҳои методии “Мактаби омӯзгори ҷавон”, “Тавсия ба мутахассисони ҷавон оид ба коргузорӣ”, “Роҳбари синф”, “Таҳлили дарс”, «Хониши ифоданок», “Раҳнамои роҳбари гурӯҳ”, “Дафтари кории мураббии таҳсилоти томактабӣ” ва дастур барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, “Ману дунёи ман”, дастурҳои таълимии «Барномаи намунавии курси махсуси омӯзишии ташаккули малакаҳои хониш дар синфҳои ибтидоӣ», “Дастури таълимӣ барои такмили маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ”, «Хониши бурро» (Модули таълимӣ барои такмили маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ), «Усули таҳлили овозӣ ва шинохтани ҳарф» (Модули таълимӣ барои такмили маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ), «Луғатомӯзӣ» (Модули таълимӣ барои такмили маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ), «Дастур барои роҳбалад», «Дастур барои мушовири роҳнамо-тренер» ва “Дастур барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ”, “Сайди маънӣ”, “Низомнома дар бораи тартиби бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф”, “Талаботи гигиенӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ” таҳия ва нашр карда шуданд.

Ҳамзамон:

– Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020;

– Дастурамали аз аттестатсия гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Дастури методии тарбиявии “Илмат ба амал чу ёр гардад” (ба ёрии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва роҳбарони синфи муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Дастури тарбиявии “Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест” дар асоси 18 самти Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Дастури тарбиявии “Меҳри фарзанд”;

– Дастури методии «Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ—пешбарандаи раванди таҳсилот»;

– Дастури методии «Ҳалли масъалаҳои геометрия дар синфи 10–ум»

– Дастури методии «Шиносномаи кабинетҳои фаннӣ»;

– Дастури методии «Дастурамали вазифавии педагог-равоншинос»;

–Дастури таълимии «Грамматикаи забони англисӣ барои донишҷӯён » (морфология);

–Дастури таълимии «Луғати омонимҳои англисӣ-тоҷикӣ»;

– Варақаи шахсии хонанда;

– Китоби қайди хонандагон аз рӯйи тартиби алифбо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

– Дафтари пешбурди корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия ва интишор гардиданд.

Инчунин мақолаҳои илмӣ-методии «Одоби педагогии директори муассисаи таълимӣ», «Масъулияти равоншинос дар муассисаи таълимӣ», мақолаҳои методии «Пешгирӣ ва ислоҳи хатоҳои имлоӣ дар таълими синфҳои ибтидоӣ» ва «Иштирок ба дарс ва таҳлили ҳадафманди он», мақолаи илмии «Низоми фаъолияти Шӯрои илмӣ-методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ба табъ расонида шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар давоми соли 2015 кормандони Марказ дар рӯзнома ва маҷалаҳои соҳавӣ 32 мақолаи илмӣ-методӣ ба табъ расониданд, ки нисбат ба соли 2014 8

адад ва соли 2012 11 адад зиёд аст.

Таҳияи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дастурҳои таълимию методӣ яке аз паҳлуҳои муҳимми фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ ба шумор рафта, дар давоми солҳои 2013-2015 ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, расонидани ёрии методӣ ба мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти умумӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастур ва мақолаҳои илмию методии зерин бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:

– Низомномаи ташкил ва гузаронидани дарси тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020;

– Дастурамали аз аттестатсия гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва нашр карда шуд.

Ҳамчунин,дар ин давра аз тарафи кормандони Марказ 21 дастури таълимию методӣ таҳия гардида, тариқи қарори Шӯрои методии Марказ барои нашр тавсия карда шуд, ки муҳимтарини онҳо:

– Дастури методию тарбиявии “Илмат ба амал чу ёр гардад” (ба ёрии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва роҳбарони синфи муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– Дастури тарбиявии “Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест” (дар асоси 18 самти Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Дастури методии «Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ –пешбарандаи раванди таҳсилот»;

– Дастури методии «Ҳалли масъалаҳои геометрия дар синфи 10-ум»

– Дастури методии « Шиносномаи кабинетҳои фаннӣ»;

– Дастури методии «Дастурамали вазифавии педагог-равоншинос» ва ғайра мебошад.

Шуъбаи хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар давраи фаъолият ҷиҳати таҳия, ташхис ва дастрас намудани стандартҳои тахассусӣ ва нақ-

шаҳои таълимӣ фаъолияти худро густариш доданд. Масалан, агар соли 2014 35 адад стандартҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пас аз ташхис бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда бошад, соли 2015 аз 18 стандартҳои тахассусии барои ташхис воридгардида 12 адад стандарт бинобар сабаби мавҷуд будани камбудиҳо барои аз нав коркард намудан баргардонида шуданд.

Дар давоми соли 2015 6 номгӯй стандартҳои тахассусӣ бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ки ин нисбат ба соли 2014 12 адад кам мебошад.

Айни замон 6 номгӯй стандартҳои ихтисоси Коллеҷи политехникии ноҳияи Зафаробод ва 6 номгӯй стандартҳои ихтисосҳои Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат омода ва барои мувофиқа ба муассисаҳои номбурда ирсол шудаанд.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисобот 200 номгӯй стандартҳои давлатии тахассусии соҳаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва зиёда аз 330 Нақшаи таълимии тахассусии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ барои шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона таҳия карда шуда, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Дар давраи солҳои 2012-2015 аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурӣ ба шуъбаи таҳсилоти олии касбии Марказ дар маҷмуъ 424 нақшаи таълимӣ ва 61 Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои ташхис пешниҳод гардид.

Шуъбаи таҳсилоти олии касбии Марказ ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз нав гурӯҳбандӣ намуда, ихтисосҳои такрориро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намуд.

Бояд қайд кард, ки дар 34 муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи 894 ихтисос мутахассисон омода карда мешаванд, ки аз ин 165 ихтисос такрор меёбад.

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ бо кӯмаку дастгирии бевоситаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дарёфт ва муайян намудани каби-

нети методии беҳтарин, баланд бардоштани мақоми кабинети методӣ ҳамчун маркази ташаккулдиҳандаи маҳорати касбии омӯзгорон, такмил додани мазмун, шакл, усул ва воситаҳои самараноки хизматрасонии методӣ, тарғиб ва мавриди истифода қарор додани натиҷаҳои озмоиш ва таҳқиқоти методӣ дар ҷараёни таълиму тарбия, дастгирии моддӣ ва маънавии мудирони кабинети методӣ дар фаъолияти инноватсионии онҳо, ба низом даровардани фаъолияти эҷодкоронаи мудир ва мушовирони кабинетҳои методӣ дар ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, дарёфт ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами кабинети методӣ, бори аввал баробари озмунҳои "Муаллими сол" ва "Мураббии сол" соли 2015 озмуни «Беҳтарин кабинети методӣ»-ро дар ду давр доир намуд.

Дар даври ниҳоии озмун ғолибони даври якум мудири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Ишкошим Давлатқадамов Акбаршо, мудири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд Қобилова Матлуба, мудири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Юсупов Ҷӯрахон, мудири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Шаҳринав Латипов Парвиз, ки рӯзҳои рузҳои 9-10.10.2015 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон гузаронида шуд, иштирок намуданд.

Дар натиҷа мудири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд Қобилова Матлуба ва мудири кабинети методии шуъбаи маорифи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Юсупов Ҷӯрахон ғолиби даври ҷумҳуриявии озмун дониста шуда, бо 2000 сомонии нақдӣ ва тухфаҳои хотиравӣ қадр карда шуданд.

Яке аз воситаҳои таблиғи фаъолияти Марказ ва расонидани ёрии методӣ ба муассисаҳои таълимӣ ва кормандони педагогӣ, нашрияҳои «Масъалаҳои маориф» ва "Субҳи умед" мебошанд ва дар ду моҳ як маротиба ба табъ мерасад. Маводи маҷалла дар мавзӯъҳои мухталиф марбут ба масъалаҳои маорифу таълиму тарбия таҳти рубрика (сарлавҳа, боб)-ҳои «Набзи маориф», «Тарбияи фарзанд», «Мушкилоти тарбия», «Усули таълим», «Соли оила», «Ислоҳоти ма-

ориф», «Пажӯҳиш», «Ёвари омӯзгор», «Бозомӯзӣ», «Технологияи маориф», «Ҳикмат», «Асноди меъёрию ҳуқуқӣ» ва ғайра ба табъ расида, дастраси муштариён гардонида мешавад.

## § 9. НАЗОРАТИ РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

Дар даврони шӯравӣ ва ибтидои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (то соли 1996) назорати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби Бозрасии (инспексияи) давлатӣ дар соҳаи маориф сурат мегирифт. Баъдан (то 23.03.1996) Идораи бозрасии давлатӣ ва шуъбаи аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Сипас бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон №3/4 аз 23.03.1996 ба ҷойи Идораи бозрасии давлатӣ ва шуъбаи аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳӣ Хадамоти давлатии аттестатсионии ташкил шуд.

Баъдан бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.10.1999, №11/8 Хадамоти давлатии аттестатсионӣ ҳамчун Идораи давлатии аттестатсионӣ табдили ном кард. Аз 29.06.200,1 №322 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи ин сохтор Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият пардохт.

Соли 2007 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №105 аз 03.03.2007 Идораи аттестатсияи муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф табдил дода шуд ва бо ҳамин қарор Низомномаи Хадамот тасдиқ гардид.

Хадамот дар тамоми давраи фаъолияти худ татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф, иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилотро дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли моли¬кият ва тобеияти идоравиашон, назорат карда, ба ҷараёни таълиму тарбия, сатҳу сифати дониши хонандагону донишҷӯён, тайёр намудани мутахасси¬сон ва дигар самтҳои фаъолияти муас-

сисаҳои таълимӣ баҳо дода, баро¬бarарзишии ҳуҷҷатҳо-ро оид ба таҳсилот ва унвонҳои илмиеро, ки дар хориҷи кишвар гирифтаанд, эътироф карда, мувофиқи тартиботи муқаррар гар¬дида шаҳодатномаҳои баробарарзишӣ пешниҳод менамояд.

Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф аз 2 раёсат, 3 шуъбаи мустақил иборат буда, дар баробари ин, шуъба ва бахшҳои он дар назди раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба соҳаи маориф назорат намуда, аттестат¬сия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии ташкилоту муассисаҳои таълимии ҷумҳуриро мегузаронанд ва сатҳу сифати таҳсилотро дар муассисаҳои таълимӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳанд.

Дар ин муддат тамоми муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба пуррагӣ аз аттестатсия гузаронида шуда, вобаста ба фаъолияти онҳо баҳо дода шудааст. Шумораи муассисаҳои аз аттестатсия гузашта чунин аст: муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ – 148. Бинобар мувофиқ набудан фаъолияти 6 муасси¬саи таҳсилоти олии касбӣ ба талаботи барномаи аттестатсия аз аттестатсия нагузашта ҳисобида, фаъолияти онҳо қатъ гардонида шуд. Ҳамзамон, тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки мақоми ҷумҳуриявӣ доранд, пурра аз аттестатсия гузаронида, ба фаъолияти онҳо баҳои муно¬сиб дода шудааст.

Аккредитатсияи муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта низ аз соли 1997 то соли 2015 дар умум 215-торо ташкил намудааст. Аз ин микдор 210 муассисаи таълимӣ аз аккредитатсия гузашта ҳисобида шуда, 5-то муассисаи таълимӣ аз аккредитатсия нагузаштааст.

Аз тарафи шуъба ва бахшҳои Хадамот дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз соли 1997 то соли 2015 6217 муассисаи таълимӣ аз аттестатсия ва 3224 муассисаи таълимӣ аз аккредитатсия гузаронида шудаанд. Тибқи маълумоти мавҷуда ҳамаи онҳоро бори дуввум ва қисман, бори сеюм аз аттестатсия гузаронидаанд.

Аз соли 2006 то соли 2015 зиёда аз 7966 ҳуҷҷат барои шаҳодатномаи баробарарзишӣ дода шуд. Ҳамчунин, 473 нафар унвони дотсентӣ ва 121 нафар унвони профессорӣ гирифтанд.

Дар баробари ин, дар даврони истиқлолияти ҷумҳурӣ аз тарафи Ха¬дамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф бо мақсади дуруст ба роҳ мон¬дани фаъолияти раёсат ва шуъбаҳо, рафти иҷозатномадиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ, сифати таҳсилот, эътирофи бароба¬рарзишии ҳуҷҷатҳои таҳсилот, сохтори Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф чунин аснодҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шуданд:

– Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (аз 17.02.2015, №3/5);

– Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 04. 03.2013, №497);

– Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3/4аз 17.02.2015);

– “Дастурамали тавсиявии ороиш ва ҷиҳозонидани даҳлез, роҳрав, кабинетҳои таълимӣ, толори варзиши ва синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”(аз 28.04.2011, №9/31);

– “Стандартҳо ва меъёрҳои аккредитатсияи институтсионалии муассисаҳои таҳсилоти олии қасбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 28.06.2011, №14/50);

– Дастурамал оид ба эътироф ва баробар арзишии (нострификатсияи) ҳуҷҷатҳои таҳсилот, унвон ва дараҷаҳои илмии давлатҳои хориҷӣ (2011);

– Тамоми барномаҳои аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозат-номадиҳии муассисаҳои таълимӣ вобаста ба талаботи замон бо тағйироту иловаҳо ва ғ.

Хадамот дар оянда низ нақша дорад, ки баҳри дар амал татбиқ намудани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода, фаъолияти худро дар асоси талаботи замон ба роҳ монад.

# БОБИ 2. ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ ИЛМ

## § 1. Такмили пажӯҳишҳои илмии соҳаи маориф ва таҳсилот

Институти давлатии илмию тадқиқотии тоҷик 10 августи соли 1933 ташкил ёфт. Институт, ҳарчанд муассисаи байниидоравӣ ба ҳисоб мерафт, тобеи Комиссариати маорифи халқи Тоҷикистон буд ва асосан супоришҳои онро иҷро мекард. Роҳбарии институтро Комиссари маорифи халқи РСС Тоҷикистон Юсуф Нисормуҳаммадов ба уҳда дошт. Дар заминаи ҳамин институт ва ду шуъбаи он ва инчунин бахши махсуси педагогию ҷамъиятӣ Институти тадқиқоти илмҳои педагогӣ ташкил меёбад, ки тӯли бисту ҳашт сол, яъне то соли 1958 бо номҳои гуногун, аз ҷумла Институти давлатии илмию тадқиқотии маорифи халқи РСС Тоҷикистон, Институти илмию тадқиқотии педагогика, Институти илмию тадқиқотии мактаб ва такмили ихтисоси муаллимон ва Бюрои илмию методӣ амал мекард. Танҳо соли 1958 номи институт нисбатан устувор гардид. Институти илмию тадқиқотии илмҳои педагогии Тоҷикистон номида шуд. Соли 1989 Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон ва ҳоло пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номгузорӣ шудааст.

Қатъи назар аз тағйири ном Пажӯҳишгоҳ дар давоми қариб 80 сол он вазифаҳоеро анҷом додааст, ки давлат ва Ҳукумат ба уҳдааш мегузоштанд. Ин вазифаҳо гуногунанд ва чанде аз онҳоро хотирнишон мекунем:

- ташкил ва ба роҳ мондани корҳои илмию таҳқиқотӣ дар робита ба талаботи замон;
- омӯзиш ва густариши таҷрибаи пешқадам;
- коркарди масъалаҳои тарбия ва таълими мактабиён ва калонсолон;
- масъалаҳои тарбияи иҷтимоӣ;
- омодасозии барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии

хоси ҷумҳурӣ, аз ҷумла забон ва адабиёти тоҷик;

- доир гардондани конференсияҳои илмию методӣ, семинарҳо, маҷлисҳои машваратӣ ва хонишҳои педагогӣ;
- такмили усули кор дар шуъбаҳои маориф;
- шаклу равишҳои корҳои тарбиявӣ;
- масъалаҳои такмили усули таълими забон ва адабиёти тоҷик ва рус;
- такмили ихтисоси муаллимон;
- тарғиби донишҳои илмию педагогӣ дар шароити ҷумҳурӣ;
- такмили мазмуни таҳсилот;
- масъалаҳои иқтисодиёти соҳаи маориф ва дурнамои он;
- татбиқи натиҷаҳои илм дар мактаб;
- омодасозии кӯдакон ба мактаб;
- ҳамоҳангсозии мавзӯъҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ;
- тарбияи кадрҳои илмию педагогӣ;
- муқаррар намудани робита бо муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олӣ ва ғайра.

Таҳлили сохтори Пажӯҳишгоҳ ва вазъи корҳои илмӣ нишон медиҳад, ки он вобаста ба шароит ва марҳилаҳои гуногун, ба тағйироти зиёде рӯ ба рӯ шудааст.

Вазифа ва мазмуни кори Пажӯҳишгоҳ баъди Эъломияи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) ба куллӣ дигар гардид. Ҷомеаи тозабунёди Тоҷикистони озоду мустақил дар назди мо вазифаҳои нав гузоштааст, ки ҳалли онҳо тафаккури нав, диди тоза ва раҳёфти хосро тақозо менамояд.

Дар шароити душвори сиёсӣ ва иқтисодии солҳои 90-уми садаи 20 таҳия ва таҷдиди Консепсияи мактаби миллӣ, нақшаҳои таълим, таҳқиқи масъалаҳои назарӣ, аз қабили таълими ҳамгиро ва тафриқа бори дигар собит сохт, ки пажӯҳишгоҳ неруи бузурги илмиро дар ихтиёр дорад. Вай ҳамеша маркази эҷоду тафаккури олимону мутахассисони зиёди риштаи омӯзишу парвариш ва манбаи тарбияи кадрҳои илмию педагогӣ буд ва ҳаст.



***Академикҳо:*** Баҳоваддинов А.М., Обидов И.О., Ниёзмуҳаммадов Б.И., Лутфуллоев М.Л., Шарифов Ф.Ш., Зубайдов У.З., Каримова И.Х., Қодиров Қ.Б.,

***доктороны илм, профессорон:*** Ҳусейнзода Ш., Мирзозода Х., Тоҷиев Д., Фолдштейн Д.И., Орифӣ М., Маҷлисов О., Афзалов Х.С., Буйдоқов Х.Б., Қодиров Б.Р., Қодиров С., Раҳимов С., Раҳимов Х.Р., Солиев Л., Ёқубов Ю., Исрофилниё Ш.Р., Ҷамшедов П., Сабзаев С.М., Сулаймонӣ С.И., Маҷидова Б., Сафаров Ш.А., Неъматов С., Зиёзода Т.Н., Иматова Л.М., Латипов Д.

***номзадҳои илм:*** Ниёзӣ Ш., Муҳаммадиев Х., Осимӣ Қ., Содиқов Қ., Безпалцев Ф., Ҳоҷимуҳаммадова Р., Искандарова Р., Каримова О.Б., Казаков Б.И, Александров И.А., Ёқубов С., Раҳмонов М., Криштул М.И., Абдуллоева В.С., Исмоилов Б., Гиимейлштейн И.П., Лазарев Д.Н., Инчина Л., Мухтаров У., Недоспасова В.Н., Мирзоев Ғ., Давлатова Р., Қурбонов М., Юнусова Я.А., Миров Т., Аминов С., Мирзоев Р., Сӯфизода А., Маҳкамов С., Раҳимов Б., Саидов Ҷ., Ҷумъаев Ш., Яҳёев М., Давлатшоев И., Носиров С., Ҷумъаев Б.Ӯ., Насруллоева Н., Кострикова М.В., Шайхов А., Алиев Б. ., Девонаев Ш., Гулматов Ф., Бойев Б., Қосимов М., Сафарова Ф.Ғ., Алиев Н.А., Маҳмадов М., ., Отахонов Т., Миров Т., Афғонов М.М., Туронов С.Ш., Котибова Ш., Байзоев А., Орлова Л.А., Раҳмонов Ш., Абилова Г., Бобо-

ев Ш., Махкамов Д., Назарова М., Камолзода С., Губанова Л. А., Хоҷаев Д., Абдулазизов А., Абдуллоев А., Сатторова Ҳ., Бобомуродов Ш., Хоҷаев Қ.Х., Исломов Ш.. Бозрикова Т.Н..

***ходимони илмӣ:*** Асадов Ҳ.А., Аҳмадова Ҷ., Раҳимов М., Довудов Р., Каримов А.К., Гудёнова Л.А., Щербакова Р.И., Ҳамидова А., Қаҳҳоров Ҳ., Журавлева А.Ф., Раҳматҷонов Н., Исрофилов М., Қоржавов К., Алламуродова М., Кастнер Е., Ҳошимов М.А., Изотова В.С., Ким Е., Мирсалимов П., Исматова Л., Каримов Б.К., Қодирова Г., Хижняк Ю.Н., Собирова Г., Собирова Д., Шукурова Ф., Иброҳимова М., Камолов Н., Асадов Ҳ. А., Гречишко С., Қаҳҳоров □., Хан В., Саидшарифов У., Юнусова Ш., Телерман Т, Юсуфова З., Меликмуродов Ф., Сафаров Г., Боронов Б., Акбаров А.,Имомназаров Д., С. Амонӣ, Зиёев Қ., Кучакшоев Д., Мирбобоева Б., Мирхонова Н., Шогунбекова Б., Бӯриев Б., Акрамова М., Ошимова М., Каримов Қ., Абдураҳмонов Г., Абдурашитов Н., Ёраҳмадов А., Ҳазратқулова Н., Сатторов А., Султонов М., Лутфуллоева П., Ҷонмаҳмадова Г., Зулфиқорбекова Ш., Шарифов М., Маҳмадалиев А. Азизқулов Ҷ., Абдураҳмонова Ш., Зайдуллоев Н., Умаров Ҷ., Лаблабонов Х., Ҳомидов Ҳ.А., Мирзоева Р., Султонмамадова М., Зиёвиддинова М., ва дигарон дар ҳамин Пажӯҳишгоҳ кор кардаанд ва ё имрӯз бомуваффақият фаъолият доранд.

Пажӯҳишгоҳ бо марказҳои бонуфузи илмии дохиливу хориҷӣ робитаи мустаҳкам дорад. Дар ин шумор пажӯҳишгоҳҳои педагогикаи умумӣ, равоншиносӣ, таълими забони русӣ дар мактабҳои миллӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Маскав, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Тошканд, Маркази илмиву таҳқиқотии Вазорати омӯзишу парвариши Ҷумҳурии исломии Эрон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории ш. Душанбе, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Хуҷанд, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа, пажӯҳишгоҳҳои Академияи улуми Тоҷикистонро метавон ёдовар гашт.

Бо назардошти талаботи кунунӣ баробари мушкилоти

мухталифи мактабу маориф, дар Пажӯҳишгоҳ чунин сохтор муқаррар гардидааст:

***Бозсозӣ ва истиқлоли миллӣ дар дигаргунсозии таҳқиқоти педагогӣ.*** Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки то солҳои 2010 бо номҳои Институти тадқиқотии илмии илмҳои педагогӣ ва Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ фаъолият кардааст, аз куҳантарин ва муҳимтарин марказҳои омӯзиш ва таҳқиқи илмҳои педагогӣ маҳсуб меёбад. Ин муассисаи илмию тадқиқотӣ аз қадамҳои аввали фаъолияти худ вазифаҳои зеринро бар дӯш дошт: таҳияи барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, ташвиқу тарғиби таҷрибаи педагогии беҳтарин омӯзгорон, таҳияи усулҳои гуногуни дарсҳо ва ғайра.

Кормандони илмӣ дар таҳияи барномаҳои фаннӣ намудаанд, таълифи китобҳои дарсӣ саҳм гирифта, ҳар гуна дастурҳои методӣ омода сохта, беҳтарин шеваҳои тадриси мавзуъҳои гуногунро пешниҳод карда, масъалаҳои умдаи таълиму тарбияро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Пажӯҳишгоҳ фаъолияти илмии хешро бар асоси талабот, дархост ва ниёзҳои мактаб ба роҳ мондааст. Агар саҳифаҳои таърихи ҳаштодсолаи Пажӯҳишгоҳро варақ занем, мебинем, ки он ҳамеша ҳамроҳ, ҳамнафас ва ҳамрози омӯзгорон буда, барои мактаб ва инкишофи таълиму тарбия хидмати беназире анҷом додааст. Барои анҷоми ин корҳо олимон, педагогҳо, методистон ва мактабшиносони машҳур барои ҳамкорӣ даъват карда шудаанд. Доктори илмҳои фалсафа А. Баҳоваддинов, докторҳои илми филология Х. Мирзозода, Д.Тоҷиев, Б.Ниёзмуҳаммедов, М.Исматуллоев, доктори илмҳои таърих И.Обидов, М.Орифӣ профессор Ш. Ҳусейнзода ва дигарон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Бисёр олимони методист, аз ҷумла Ҳ. Асадов, А. Каримов, А.Абдувалиев, Ғ.Мирзоев ва дигарон тамоми умр дар ин даргоҳ заҳмат кашида, ҷиҳати беҳбудии сифати таълим ва тарбия саҳми муносиб гузоштаанд. Масалан, Ҳ.Асадов то охири умраш мудири бахши «Таълими фанҳои физика ва математика» буд ва дар таҳия, нашри барномаҳо, дастурҳои методӣ ва китобҳои

дарсии марбут ба ин фанҳои дақиқ саҳми сазовор гузоштааст. Ё худ олим, методисти ба ҳама маълум А.Каримов то охири ҳаёташ ба яке аз калонтарин бахшҳои Пажӯҳишгоҳ – «Бахши забон ва адабиёти тоҷик» сарварӣ мекард. Олимон – методистон Ғ.Мирзоев, А.Абдувалиев ва бисёр дигарон, бо васоити таълим ва дастуру рисолаҳои сершумори илмию методии таълифнамудаи худ ба омӯзгорон дар такмили донишу маҳорати педагогиашон мадад расондаанд.

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф макони тарбияи ихлосмандони илми педагогика мебошад. Шумораи зиёди олимону донишмандони соҳа, ки имрӯз илми педагогикаи тоҷикро бидуни онҳо тасаввур кардан нашояд – М.Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, У.Зубайдов, Б.Р. Қодиров, Х.Раҳимзода, ва бисёр дигарон маҳз дар оғӯши Пажӯҳишгоҳ ба унвонҳои баланди илм ноил шудаанд. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки 10-солагиаш ҷашн гирифта шуд, дар заминаи Пажӯҳишгоҳ созмон ёфтааст.

Ду ҳодисаи бузурги таърихӣ: яке бозсозӣ, дигаре истиқлоли миллӣ дар фаъолияти илмию педагогӣ ва эҷодии Пажӯҳишгоҳ дигаргунии куллӣ ворид сохт. Дар давраи бозсозӣ олимон-педагогҳо имкон ёфтанд, ки бо шавқу рағбати беандоза ба омӯзиш ва таҳқиқи муҳимтарин масъалаҳои инкишофи мактаб пардозанд. Дар натиҷа бо ибтикори олимони Пажӯҳишгоҳ зери унвони «Бозсозӣ дар мактаб» як силсила мақолаҳои илмӣ ба табъ расид, ки дар онҳо баъзе лаҳзаҳои нозуки раванди таълим ва тарбия – симои маънавии омӯзгор, фарҳанги муносибати устод бо шогирд, арзёбии дониш ва ахлоқи иҷтимоии талаба, усулҳои муассири таълим, фарҳанги роҳбарӣ ба мактаб, омилҳои рушди тафаккури хонанда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо нашри рисолаи илмии академик М.Лутфуллоев «Эҳёи педагогикаи Аҷам» самти ҷустуҷӯҳои илмӣ комилан дигар шуда, тадқиқоти илмӣ бомазмунтар ва пурсамартар ва ҷанбаи илмии он қавитар гардид.

Таҳқиқоти академик М.Лутфуллоев собит сохт, ки афкори педагогии адибон, мутаффакирони форсу тоҷик басо

рангорангу гуногунпаҳлу буда, аз онҳо дар раванди таълим ва тарбия фаровон истифода бурдан шарт ва зарур аст. Аз ин рӯ, кормандони илмии Пажӯҳишгоҳ ҳангоми таҳлилу таҳқиқи масоили илми педагогика бештар ба анъана ва арзишҳои миллӣ рӯ оварда, онҳоро дар мавриди ҳаллу фасли масъалаҳои тарбияи ахлоқию маънавӣ, ватанпарастӣ, башардӯстӣ маҳаки асосӣ қарор додаанд. Дар натиҷа бо саъю кӯшиши олимон – педагогҳои номдор М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И.Х. Каримова, У. Зубайдов, Қ.Б. Қодиров ва дигарон як силсила асарҳои бунёдӣ таълиф гардиданд, ки дар онҳо паҳлуҳои мухталифи мероси педагогии ниёгон муфассал баррасӣ шудаанд, барои пурсамар ба роҳ мондани тарбияи маънавии талабагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни макотиби олӣ имконоти бағоят калон фароҳам хоҳанд овард.

Возеҳ аст, ки олимону донишмандони асрҳои пешини форсу тоҷик дар риштаи илмҳои дақиқ – риёзӣ, физика, нуҷум, ҳандаса, ҷуғрофия ва ғайра кашфиёту бозёфтҳои нодир дошта бошанд ҳам, бо сабабҳои маълум хонандагони мактабҳои мо аз онҳо кам хабар доштанд ё умуман огоҳ набуданд. Дар барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити тадрис аз онҳо кам сухан мегуфтанд. Ба туфайли истиқлоли миллӣ ва ҷидду ҷаҳди олимон – педагогҳои Пажӯҳишгоҳ хонандагони сершумори донишманди хешро шинохтаанд ва аз бозёфту ихтироот ва дастовардҳои илмии онон воқиф гардидаанд. Ин ҳама аз як тараф, ҷанбаҳои илмию миллии таҳқиқоти методию педагогиро қавитар сохта бошад, аз дигар тараф, дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва зебоишиносии талабагон, ташаккули фарҳангу маърифат, худогоҳию хештаншиносӣ ва ифтихори миллии онҳо нақши бориз гузошт.

Дар робита бо ин чандин бор барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ таҷдиди назар шудаанд, баъзе барномаҳои фаннӣ ва китобҳои дарсӣ, минҷумла, китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, таърихи халқи тоҷик, забони тоҷикӣ ва ғайра комилан аз нав таълиф ёфта, ба китобҳои дарсии фанҳои

дақиқ тағйироту иловаҳои муҳим дохил гардиданд, фанҳои нави таълим ба миён омаданд, дастуру рисолаҳои тозаи илмӣ таълиф шуданд.

Таҳқиқоти илмӣ дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дар ду самти асосӣ сурат гирифтааст. Самти якум, аз омӯзиш ва таҳлили хусусиятҳои таълими ҳамгиро ва тафриқа, мавқеи матн дар омӯзиши забон, даврабандии фанҳои дақиқ, масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ, маърифати оиладорӣ, консепсияи миллии тарбия, масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд, самтҳои тарбияи маънавӣ, ҷисмонӣ ва ғайра иборат мебошад. Дар ин самт академикҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, У.Зубайдов, д.и.п., узви вобастаи АТТ М. Нуъмонов, С. Шербоев, С. Неъматов, С. Сулаймонӣ, Л.Иматова, С. Аминов, номзади илмҳои педагогӣ С. Туронов, И. Давлатшоев, Д. Маҳкамов, П. Лутфуллоева ва дигарон саҳм гирифтаанд.

**Самти дуюм:**

– мутобиқгардонии мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои томактабӣ ва мактаби ибтидоӣ дар асоси дастовардҳои муосири илмҳои педагогӣ ва психологӣ;

– назария ва амалияи равандҳои инноватсионӣ дар мазмуни таҳсилот, технологияи таълими фанҳо;

– ташаккули шахсияти хонандагон тавассути варзиш, меҳнат ва санъат;

– асосҳои назариявии стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва технологияи электронии таълими фанҳои табиию риёзӣ дар шароити таҳсилоти 12-сола;

– заминаҳои психологӣ ва педагогии ташаккули шахсияти кӯдак дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилот дар заминаи дастовардҳои муосири илми психология, рушди ибтикороти педагогӣ;

– ташаккули низоми кредитӣ, роҳандозии таълими модулӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ;

– беҳдошти таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуд;

– рушди мактаб (синф)-ҳои камкомплект дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳияи стандарт ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии низоми нави таълим (таҳсилоти 12-сола) ва гузариш ба низоми таълимии мазкур;

– роҳу усулҳои таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳо, барқарор намудани муносибатҳои судманд бо созмонҳои давлативу ғайридавлатӣ ва муҳаққиқони хориҷӣ;

– татбиқи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 02.07.2008с., №308;

– ташаккул ва рушди равандҳои инноватсионӣ дар системаи демократикунони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон;

– ба тарзи тест санҷидани дониши талабагон;

– роҳҳои пешгирӣ аз нашъамандию қонуншиканӣ миёни наврасону ҷавонон ва ғайраро фаро мегирад.

Дар ин бобат ходимони илмӣ зери роҳбарии мудирони шуъбаву бахшҳо С. Туронов, Н. Абдурашитов, Д. Маҳкамов, Ш. Котибова, С. Муллоҷонов. Д. Имомназаров, С. Амонӣ, Б. Камолова, М. Султонмамадова ва дигарон ҳисса гузоранд.

Кормандони илмии Пажӯҳишгоҳ оид ба ин масъалаҳо таҳқиқоти илмӣ анҷом медиҳанд, натиҷаю хулосаҳои таҳқиқотро дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар таълимгоҳҳо месанҷанд, дар раванди таълиму тарбия татбиқ менамоянд, мизҳои мудаввар ва семинару конфронсҳо доир мекунанд, суолномаҳо тартиб медиҳанд, дар ҳаллу фасли мушкилоти ба амал омада ба омӯзгорон ёрии методӣ мерасонанд, ҳангоми ҷамъбасти хулосаю натиҷаҳо фикру мулоҳизаҳои онҳоро ба эътибор мегиранд.

**Пажӯҳиш дар оинаи истиқлолият.** Дастгирӣ ва ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди соҳаи илму маориф баланд бардоштани мақоми соҳаи маориф дар ҳалли масоили иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа,

такмили ҷаҳонбинии хонандагону донишҷӯён, бархурдор гардидани онҳо аз дастовардҳои илмию техникӣ рӯҳбахш буда, баҳри амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи маориф ва вазифаҳои муҳимме, ки дар назди кормандони соҳаи илму маориф гузошта шуданд, мусоидат мекунад.

Қобили қайд аст, ки масъалаҳои мубрами илми педагогика ва асосҳои илмию методии омӯзиши фанҳои таълимӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, олӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин масъалаҳои афкори педагогикаи миллӣ ва инноватсия мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор мегиранд.

Аз охири солҳои 90-ум вобаста ба ислоҳоти соҳаи маориф ба таълими ҳамгиро (муштарак) ва тафриқа ба роҳ монда, дар ин самт зери роҳбарии мутахассисони касбӣ ва олимони шинохта асосҳои таълиму тарбияи хонандагон дар тамоюли таълими ҳамгиро ва тафриқа таҳқиқот анҷом дода шуданд. Дар ин таҳқиқот оид ба проблемаҳои таълими тафриқа ва робитаҳои он бо принсипҳои дидактикӣ равшанӣ андохта шудааст. Рисолаҳое, ки дар ин боб таҳия шудаанд, дар ҷорӣ намудани принсипи тафриқа дар раванди таҳсилоти кишвар хизмати босазое карда, дар ҳалли мушкилоти мутобиқ сохтани мазмун ва мундариҷаи таълими фанҳо дар зинаи аввали таҳсилот мусоидат намудаанд.

Ғайр аз ин дар тӯли солҳои 1997 – 2008 барои таълифи китобҳои дарсии курси таърих ва таърихи динҳо, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, иқтисоди бозоргонӣ, маърифати оиладорӣ олимону муҳаққиқони шинохтаи ҷумҳурӣ ҷалб карда шуданд, ки дар натиҷа маводи таълимии босифате рӯйи кор омад.

Ба ин васила то имрӯз китобҳои дарсӣ оид ба ҳамаи фанҳои ҷомеашиносӣ таълиф шуда, дастраси хонандагон гардидаанд, ки онҳо принсипҳои ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва гуманизатсияи таълиму тарбияро ба миён гузоштанд.

Яке аз самти муҳими таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таҳсилот, назария ва амалияи педагогӣ мавзӯъҳои фармоишӣ мебошанд, ки онҳо аз тарафи пажӯҳишгоҳҳо донишгоҳу дониш-

кадаҳои тахассусӣ таҳқиқ карда мешаванд.

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ҳар панҷсола тибқи дастури ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқиқ мавзӯъҳои нави илмӣ интихоб карда мешаванд.

Аз соли 2001 то 2005 таҳқиқотҳои илмӣ дар доираи 8 мавзӯъ таҳқиқ ва анҷом дода шуданд. Таҳқиқоти ин мавзӯъҳо натиҷаҳои зеринро ба бор оварданд:

– истифодаи эҷодкоронаи афкори педагогии миллӣ дар навсозии мазмуни таҳсилот тавсия шуд;

– роҳҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар оила, мактаб ва омода сохтани ҷавонон ба тарзи оиладорӣ ошкор гардиданд;

– усулҳои пешгирии ҷинояти ноболиғон ва мубориза бар зидди майпарастӣ ва нашъамандӣ таҳқиқ шуданд;

– омилҳои ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, нақши анъанаҳои мардумӣ дар тарбияи маънавии насли наврас ва истифодаи мероси педагогикаи ниёгон дар тарбияи ахлоқии мактабиён ва роҳҳои такмили маърифати волидайн муайян гардиданд;

– масъалаҳои назариявӣ ва методии таълими фанҳои асосҳои давлат ва ҳуқуқ, усули таълими таърихи халқи тоҷик дар синфҳои 5 ва 7 омӯхта шуда, китоби дарсии ҳуқуқи инсон барои синфи 10 аз чоп бароварда шуд;

– масъалаҳои ташаккули зеҳнии насли наврас тавассути таълими ҳамгиро мавриди омӯзиш қарор гирифт ва ғайра.

Қобили қайд аст, ки дар доираи мазмуни таҳсилот аз фанҳои табиию риёзӣ ва техникӣ зарурияти компютерикунонии таълим, тарзҳои ҳалли пурсамари муодилаҳо ва ба касри ратсионалӣ баргардондани касри даҳии даври беохир, роҳҳои соддаи ҳалли муодилаҳои алгебравӣ, усулҳои муқоиса дар дарсҳои физика мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар мактабҳои озмоишӣ амалӣ гардонида шуданд.

Мактабҳои типи нав низ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Муҳаққиқон усули пурсамари татбиқи таълими ҳамгиро ва тафриқаро пешниҳод намуданд.

Дар бахши фанҳои ҷомеашиносӣ методологияи таълими

ин фанҳо муайян гардида, дар ин замина консепсияи омӯзиши фанни таърих пешниҳод шудааст.

Қобили зикр аст, ки соли 2003 озмоишгоҳи «Тарбияи томактабӣ» таъсис ёфт, ки кормандони илмии он масъалаҳои инкишофи нутқи кӯдакон, усулҳои омода сохтани кӯдакон ба саводомӯзӣ, таъсири омилҳои этнопедагогӣ дар тарбияю таълим, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносии кӯдакон ҳангоми шиносоӣ бо муҳити зистро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Натиҷаҳои илмӣ дар рисолаву дастурҳои таълимӣ, барномаву китобҳои дарсӣ ва дигар мавод дастраси муассисаҳои таълимӣ гардиданд.

Дар солҳои 2005-2010 таҳти мавзӯи бунёдии «Масъалаҳои рушди маориф ва ислоҳоти он» пажӯҳиш доир ба нуҳ зермавзӯъ анҷом пазируфтааст.

Омӯзиш ва таҳлили вазъи корҳои илмию таҳқиқотӣ тайи солҳои охир нишон медиҳад, ки дар соҳаи таҳсилот, масъалаҳои рушди илми педагогика ва инчунин такмили назария ва методикаи таълим натиҷаҳои чашмрас ба даст оварда шудаанд.

Натиҷагирӣ аз ҷараёни тадқиқот дар мавзӯи “Шароити педагогии муҳити мактаб ва нақши он дар ташаккули симои маънавии хонандагон” масоилеро мисли шаклҳои самарабахши меъёри баҳогузорӣ ба дараҷаи дониш, малака ва маҳорати хонандагон, равишҳои беҳтар намудани меъёри баҳогузорӣ ба дониши хонандагон, таълими ҳамгиро ҳамчун усули замонавӣ дар мактабҳои шакли нав, муносибати воқеии омӯзгорон нисбат ба меъёрҳои баҳогузорӣ, талабот ба меъёрҳои баҳогузорӣ, роҳбарӣ ва муносибати педагогии иттиҳодияи методии омӯзгорон ба меъёри баҳогузориро ошкор сохта, паҳлуҳои мухталифи онҳоро аз диди илмию методӣ ва педагогиву равоншиносӣ асоснок намуд.

Илова ба ин як қатор корҳои илмӣ ва методӣ анҷом дода шудаанд, ки ба ҳалли масъалаҳои асосҳои илмии проблемаи интихоби касб ва омодагии маънавии хонандагон ба фаъолияти ҳунарӣ дар истеҳсолот, инчунин ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа тавассути Ассотсиатсияҳои волидайн ва омӯз-

горон, истифодаи осори пурарзиши адибони муосири тоҷик дар кори тарбиявии коллективҳои педагогӣ ва ҳамзамон таъсири онҳо дар ташаккули маънавиёти хонандагон равона гардиданд.

Доир ба фаъолияти Созмонҳои талабагии мактабҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон ва роҳу воситаҳои тарбияи маърифатии хонандагон дар ҳамдастии волидону омӯзгорон, рушду таҳсилоти иловагӣ, масъалаҳои худидора, ташаккули сифатҳои ташкилотчигии хонандагон, парвариши андешаи ватандорӣ ва башардӯстии хонандагон натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд.

Корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ дар самти тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар таълими фанҳои ҷомеашиносӣ анҷом дода шуданд. Дар чаҳорчӯбаи мавзӯъ мақсаду вазифаҳои дурнамои маърифати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, аз он ҷумла дар мактабҳои таҳсилоти умумии кишвар, таҳқиқи масъалаҳои назариявии маърифати шаҳрвандӣ, тафовути мазмуни маърифати шаҳрвандӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилоти мактабӣ аз кӯдакистон, то мактаби миёна, макотиби касбӣ аз ҷиҳати назарӣ ва методологияи татбиқ мавриди таҳлилу баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Тавассути таҳқиқот исбот шудааст, ки маҳз ин методология дар мазмуну мундариҷа ва таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ба табиат ва рисолати давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқат мекунад.

Яке аз мавзӯъҳои дигаре, ки ба дарди ҷомеа ҷавобгӯ аст, масоили демократикунонии раванди таълиму тарбия дар мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ мебошад. Доир ба ин мавзӯъ асосҳои илмиву амалии ин раванд мавриди таҳқиқ қарор гирифта, камбудию норасоӣ ва проблемаҳои ҳалталаб ошкор гардиданд, ки асосан инҳоянд: ба пуррагӣ таъмин набудан бо омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолии соҳибтаҷриба; ҳалли худро наёфтани масъалаи ташкил ва гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои тахассусӣ ва устоҳои таълими истеҳсолӣ; ба пуррагӣ ҷавобгӯ набудани заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ба талаботи барномаҳои таълимӣ; номувофиқ будани таносуби теъдоди

китобҳои дарсӣ, алалхусус аз фанҳои тахассусӣ, нисбат ба теъдоди хонандагону донишҷӯён; ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набудани сатҳи дониши хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва ғайра.

Дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тибқи талаботи муосири демократикунонии таҳсилот кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки дар мазмуни таълиму тарбия ин раванд бештар ҷой дошта бошад. Ба ин мақсад вазъи татбиқи усулҳои интерактивӣ омӯхта шуда, дар ҳамбастагӣ бо омӯзгорон якчанд дарсҳои намунавие, ки ба фаъолгардонии хонандагон такя менамуданд, гузаронида шуданд.

Мавзӯи "Асосҳои дидактикии омӯзиши забон ва адабиёти тоҷик дар шароити муосир" бо назардошти ташкили корҳои методӣ дар заминаи дастовардҳои илми забоншиносӣ, адабиётшинсӣ ва педагогию равоншиносӣ ба роҳ монда шуд.

Ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи таҳсилоти ақаллиятҳои миллӣ ба хонандагони дигар халқиятҳо тарҷумаи барнома ва китобҳои дарсӣ ба забони модариашон ва инчунин истифодаи маводи фарҳанги миллӣ дар раванди таълими ақаллиятҳои миллӣ қобили қайд аст.

Натиҷаҳои муҳимтарини мавзӯи асосҳои илмию амалии тарбия ва таълими кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ чунинанд: истифодаи технологияи самараноки замонавӣ дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ, таҳқиқ ва методу усулҳои самарабахши восита-ҳои инкишофи нутқи гуфтугӯии кӯдакон ошкор гардиданд; ҷойгоҳи нутқи шифоҳӣ дар ташаккули шахсияти кӯдакон ва усулҳои омӯзиши фаҳмиши кӯдакон дар оилаю кӯдакистон ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.

Таҳқиқи мавзӯи "Асосҳои илмию методии татбиқи усулҳои самаранок дар раванди таълими ибтидоӣ" дар асоси талабот ва мазмуну муҳтавои он дарёфту татбиқи роҳу усулҳои самарабахши ташкили таълим дар синфҳои ибтидоӣ, рушди мактабу маориф, истифодаи технологияи самараноки замонавиро дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълими ибтидоӣ фаро гирифтааст. Зимни фаъолияти

таҳқиқотӣ мавзӯъ мазмунан аз чашмандози тозаи илмӣ-амалӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта, дар танзиму таснифи мафҳумҳои грамматикӣ ва шарҳу тавзеҳи луғот ҷамъбаст ва хулосагирӣ карда шудааст.

Назария ва амалияи таълими тафриқа аз фанҳои табиӣ - риёзӣ дар мактаб бо назардошти талаботи асосҳои илмию методии таълим дар замони муосир таҳқиқ гардидааст, ки роҳҳои самараноки истифодаи технологияи навин, афзалияти таълими тафриқа, беҳбуд бахшидан ба раванди омӯзишу парваришро ошкор намуда, онҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди татбиқ ва баҳрабардорӣ қарор додааст.

Таҳлили масъалаҳои муҳими педагогикаи мардумӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилот, омӯзиши ҳолати муассисаҳои таълимии татбиқ-кунандаи барномаҳои дорои хусусияти миллӣ-минтақавӣ; таҳия намудани асосҳои умумии мазмуни тарбия ва ҳамоҳанг сохтани онҳо бо усулҳои миллии самарабахши омӯзишу парвариш, ворид сохтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ба фаъолияти омӯзиш ва баланд бардоштани ҳуввият ва арзишҳои фарҳанги милливу мардумӣ аз ҷумлаи корҳои анҷомдодашуда ба ҳисоб меравand. Дар ин самт нашр шудани “Антологияи афкори педагогии мардуми тоҷик” (Душанбе, “ Матбуот” , 2009) давраҳои инкишофи афкори педагогии мардуми моро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Китоб ба забони русӣ аз чоп баромада, доираи зиёди хонандагонро фаро гирифта, имкон дорад, ки дастовардҳои педагогикаи тоҷикро дастраси халқҳои дигар низ гардонад.

Меъёрҳои асосии омодагии кӯдакон ба мактаб, аз ҷумла омодагии ҷисмонӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, эмотсионалӣ - иродавӣ, умумӣ ва махсус ва дараҷаҳои он, ки аз волидон-шахсони калони оила, мураббия ва муалли-мон вобастагӣ дорад, мавзӯи таҳқиқи масъалаҳои равоншиносӣ ва педа-гогикаи таҳсилот гардидаанд .

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша зикр менамоянд, ки Тоҷикистон ватани ҳамаи тоҷикистониён мебошад. Аз ин сабаб ба ақаллиятҳои миллӣ низ дар ин

кишвар барои ҳаматарафа таълиму тарбия гирифтан, шароити муфид фароҳам оварда шудааст.

Шукри истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ, ки алҳол ҷомеаи мо озодии интихобу ташаббускорӣ ва тадбирандеширо дорад. Ҳуқуқи озодии сухан, ифрози ақида, таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайра таъмин гардидааст. Тавассути гуногунандешӣ ва ҳамбастагӣ мароми ҷомеа ба рушду нумӯи ҷомеа мусоидат мекунад.

Олимони ПРМ ҳамасола роҷеъ ба иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаю Стратегияи давлатӣ, корҳои назаррас анҷом медиҳанд. Масалан, танҳо дар соли 2015 тадбирҳои зеринро амалӣ намуданд:

*1.Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №296)* Кор бо аспирантону унвонҷӯён дар шуъбаю бахшҳо бо маром идома дошта, айни ҳол дар шуъбаи аспирантура ва докторантураи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф 31 нафар аспирант, 7 нафар докторант, 80 нафар унвонҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар соли 2015, 36 нафар аспирантону унвонҷуёни дохиливу хориҷӣ рисолаи докторию номзадӣ дифоъ намуданд.

*2.Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017" (қарори Ҳуқумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 1.08. 2012, № 382).*

Бо мақсади татбиқи Барномаи зикршуда олимон 6 семинар, 1 конференсия доир намуда, дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» барои падару модарон чун раҳнамо китоби "Педагогикаи хонаводагӣ"-ро ба табъ расониданд.

*3.Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020"* Олимони муассиса роҷеъ ба татбиқи Барномаи мазкур дастурҳои «Современные методы обучения и их роль в развитии профессиональных навыков учителей русского языка общеобразовательных учреждений таджикским языком обучения», «Программа по инновационным образовательным технологиям в современной школе

на уроках английского языка», «Омӯзгор ва навоварӣ» -ро омода карданд.

*4. "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020".* Дар робита ба татбиқи Барномаи зикршуда олимони ПРМ вазъи иҷрои Барномаи мазкурро дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омӯхта, моҳи ноябри соли 2015 дар маҷлиси машваратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокимаю баррасӣ намуданд.

*5. Дар робита ба татбиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015"* Пажӯҳишгоҳи рушди маориф нақшаи чорабиниҳои иловагии муассисаро дар таҳрири нав тасдиқ намуда, дар ҳамкорӣ бо ходимони илмӣ рӯйи 6 мавзӯъ оид ба масоили мубрами муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ корҳои илмию таҳқиқотиро анҷом дод, ки натиҷаи таҳқиқот ба ВМ ва ИҶТ ва АИҶТ пешниҳод гардид.

Дар робита ба татбиқи *"Барномаи давлатии маҷмӯавии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020"* 2 асари илмӣ: «Равияҳои иқтисодию инсонгароии тарбияи экологии хонандагони синфҳои болоӣ» ва «Тарбияи муҳити зист (экологӣ) дар оила» ба табъ расид.

Кормандони илмии ПРМ танҳо дар соли 2015 бар асоси мулоқоту суханрониҳо ва ҳидояти Президенти кишварамон доир ба масоили мубрами мактабу маориф 18 конференсия, 19 семинар, ва 12 мизи мудаввар баргузор гардид.

Илова бар ин ходимони илмии муассиса соли гузашта дар беш аз 420 конференсияю семинар ва мизҳои мудаввари сатҳи ҷумҳуриявӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ки ба соҳаи маориф иртибот доранд, ширкат варзида, андешаҳои хешро нисбат ба ин ё он масъалаҳо баён доштанд;

Роҳбарияти муассиса ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 35 (сиву панҷ) пешниҳод манзур кар-

дааст, ки қисме аз он ба лоиҳаҳои асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа (ба мисли қонунҳо, низомномаҳо, фармоишҳо) тааллуқ дошта, қисми дигар ба беҳтар гаштани сифати таълим ё корҳо (ба мисли оид ба ташкили дурусти синфҳои камнуфус, тартиби пардохти музди меҳнати омӯзгорони мактабҳои камнуфус, оид ба бартарии низоми баргузории 10- хола) дахл мекунад.

Тазаккур медиҳем, ки фаъолияти илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ҳамчун зерсохтори муассиса назаррас аст . Масалан, танҳо дар панҷ соли охир (солҳои 2011-2015) ходимони илмии муассисаи зикршуда ба чунин дастовардҳо ноил гардиданд:

*Ҷадвали муқоисавии натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар панҷ соли охир (2011-2015)*




**I.1. Мақола**




**1.2. Дастурҳои методӣ**




**I.3.Китоб ва монография**




### I.4.Рисолаи докторӣ ва номзадӣ




### Семинарҳо:




**Мизҳои мудаввар**



**Суханронӣ дар радио ва телевизион:**




**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон** – зодаи Истиқлолият. Соли 1991 бо вуҷуди мушкилиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ақл бар эҳсос ғолиб гардиду дар Иҷлосияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, Эмомалӣ Раҳмон сарвари давлатамон интихоб гардид. Ин фарзанди асили миллат киштии наҷотбахши сарнавишти миллати тоҷикро аз шикастанҳо ва порашуданҳо наҷот дод. Ӯ аз рӯзҳои аввал дар кору фаъолияти худ соҳаи маориф ва таълиму тарбияро самти асосӣ ва стратегӣ эълон намуда, онро омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номид ва нагузошт маориф, ки дастоварди бузурги миллати мутамаддин аст, пош бихӯрад. Ӯ бо ифтихор мегӯяд: «Маҳз неъмату баракати ҳамин истиқлолият аст, ки бо вуҷуди бӯҳрони шадиди иқтисодии ҳанӯз аввали солҳои 90-ум сарзада тавонистем, ки ба тамоман фалаҷ шудани соҳаи маориф ва пароканда гардидани марказҳои илмию фарҳангиамон роҳ надиҳем». Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон дарк мекард, ки бе таҳқиқи масъалаҳои назарӣ ва омӯхтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ кори таълиму тарбияро пеш бурдан амри маҳол аст. Барои ҳамин дастур дод, ки барои таъмиру сохтмони биноҳои нави таълимӣ, таълимгоҳҳои типи нав, марказҳои илмиву тарбиявӣ, варзишгоҳҳо, таҷҳизоти компютерию таълимӣ, аз ҷумла ташкили Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тамоми чораҳо андешида

шаванд. Ин дастур тамоми ходимони илмии соҳаи таълиму тарбияро рӯҳбаланд намуда , баҳри таҳияи ҳуҷҷатҳои зарурӣ камари ҳиммат бастанд.

Бояд эътироф намуд, ки дар ин кор саҳми вазири маорифи онвақта Сафаралӣ Раҷабов кам нест.

Баъди баррасии ҳуҷҷатҳо 3-юми декабри соли 2002, таҳти рақами 482 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тасвиб расид ва дар муддати як моҳ масъалаҳои тасдиқи оиннома, сохтори дастгоҳи Академия, Раёсати он ва дигар масъалаҳои ташкилию ҳуқуқиеро, ки ба таъсис ва фаъолияти Академияи илмҳои педагогӣ ва муассисаҳои тобеи он вобастаанд, мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтанд.

Президенти академия академик Маҳмадулло Лутфуллоев интихоб гардид. Сохтори онвақтаи Академия аз шуъбаҳои арзёбии таҳсилот, илм ва татбиқи мавзӯҳои фармоишӣ, омӯзиши масъалаҳои сиёсати таҳсилот, бахшҳои аспирантураву докторантура дар назди Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ, кадрҳо, шуъбаҳои муҳосиботу хоҷагидорӣ иборат буд.

Ҳоло Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, роҳбарии илмию методии рушди тадқиқоти афзалиятноки бунёдӣ ва амалии соҳаи маориф, истифодаи самараноки дастовардҳои илм ва тарбияи кадрҳои илмии баландихтисос машғул аст. Дар назди Академия шӯрои дифоъи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ доир ба тахассуси педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (13.00.01) ва тахассуси методикаи таълимӣ забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (13.00.02) фаъолият мекунад.

Бояд зикр кард, ки ҳамаи аъзоёни Академияи таҳсилот, педагоги асил буда, мактаби бузургӣ илмӣ ва роҳбариро гузаштаанд. Барои ҳамин бисёр масъалаҳоеро, ки ҷомеа оид ба масъалаҳои илми педагогика ба миён мегузорад, бомуваффақият анҷом медиҳанд.

Аввал ин, ки баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ таҳияи тамоми ҳуҷҷатҳои мактабу маориф, аз қабили стандартҳои давлатии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, нақшаҳои таълим, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ, ки пеш аз Маскав ворид мешуданд, ба дӯши кормандони Академия гузошта шуд.

Барои ҳамин зарур омад, ки кадрҳои маҳаллиро барои таҳияи ин мавод тарбия ва пешбарӣ намоем. Нақшаю барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ, ки ба андаке тағйирот дар мактабҳо истифода мешаванд, асосашон ҳамон вақт аввал аз ҷониби кормандони илми Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ (Пажӯҳишгоҳи рушди маориф) ва баътар аз тарафи аъзои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон гузошта шудаанд.

Тамоми аъзои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи давлатии тарбияи насли наврас барои солҳои 2013 - 2017» ва ғайра саҳми сазовор гузошта, стандартҳои давлатии таҳсилоти фанҳои синфҳои ибтидоӣ, забони модарӣ, адабиёт, таърих, химия, биология, математика, география, ва ғайраро мураттаб сохтанд, ки ҳамаи ин дар китобҳои «Стандарти давлатии таҳсилоти мактаби миёнаи умумӣ» (қисмҳои 1 ва 2) дарҷ ёфтаанд.

Дуюм, дар робита ба соҳибистиқлолии ҷумҳуриамон масъалаи эҳёи педагогикаи ниёгон ба миён омад. Бояд зикр кард, ки аксарияти аъзои Академияи таҳсилот вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти хеш ин масъала дахл карданд ва имрӯз ҳар як муҳаққиқ кори худро аз афкори педагогии ниёгонамон оғоз менамояд. Оид ба ин масъала китобҳои М. Лутфуллоев «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Шарафномаи миллат», «Пандномаи Аҷам», «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия»; Х. Афзалов «Таърихи педагогикаи

халқи тоҷик» (дар ҳаммуаллифӣ); Қ. Қодиров «Ақидаҳои педагогии Фирдавсӣ», «Таърихи тарбия», «Мактаб ва афкори педагогии тоҷикон аз аҳди қадим то зуҳури ислом», «Самтҳои дидактикии истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим дар мактабҳои олӣ», «Таълимоти маорифпарварӣ дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик», «Вожаномаи истилоҳоти педагогӣ – психологӣ», «Афкори педагогии ҳамасрони Рӯдакӣ», «Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар ҳаммуаллифӣ).

Пояҳои илмию амалии таълими ҳамгиро дар чанд асари академик Ф. Шарифзода, аз ҷумла «Таълими ҳамгиро - асоси инкишоф ва тарбия», «Назария ва амалияи таълими ҳамгиро дар марҳилаи ибтидои мактаби миёна», «Таълими ҳамгиро, проблема, таҳқиқ ва андешаҳо (ду китоб)», «Педагогикаи ҳамгиро» асоснок карда шудаанд.

Барои он ки минбаъд мактаб якрангаю яктипа нашавад, Луначарский фикрашро гуфта буд: «Аз синну соли муайян иҷозат дода мешавад, ки дар мактаб шохаҳо ё гурӯҳ ё зергурӯҳҳо ташкил гарданд. Ва таълими фанҳои алоҳида бо рангу бӯйи тоза идома ёбад». Дар сурате ки вай дар мактаб гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳо пешниҳод менамояд, пеш аз ҳама, қобилият ва истеъдоди гуногуни бачаҳоро дар назар дошт ва нағз мефаҳмид, ки дар тамоми солу замонҳо «ба давлат мутахассисон лозиманд…, на онҳое, ки ҳамаи чизро каму беш мефаҳманду ягон чизро то охир намедонанд».

Зимни таҳқиқи ҳалли проблемаҳои таълими тафриқа дар замони истиқлолият академик У. Зубайдов бо интишори чанд мақолаю китобҳои худ, аз ҷумла «Тафриқа – неруи пешрави раванди таълим» исбот кард, ки таълими тафриқа танҳо дар асоси қобилият, лаёқат, дониш, пешрафт, имконият ва шавқу ҳаваси бачаҳо рушд меёбад. Бо ба назар гирифтани ҳамин ҷиҳатҳо ва нишондодҳо мо метавонем талабаҳоро ба гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳо тақсим намоем. Вале байни ин нишондодҳо имконият мавқеи алоҳидаро ишғол мекунад, зеро вай на танҳо ба шогирд, инчунин, ба падару модар, давлат, ҷомеа низ вобаста аст. Баъзан талабае ҳама

чиро (қобилият, дониш…) дорост, вале имконияти таҳсил надорад.

Азбаски таълими ҳамгиро ва тафриқа доманадоранд, олимони пуркори Академияи таҳсилот Ф. Шарифзода ва У. Зубайдов мактабҳои илмии худро таъсис доданд, ки солҳои охир чанде аз шогирдони онҳо оид ба паҳлуҳои ҷудогонаи ҳамгиро ва тафриқа рисолаҳои номзадӣ дифоъ карданд ва баъзеи дигарҳо таҳқикро идома мебахшанд.

Хушбахтона, имрӯз чанд аъзои академия муаллифи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна ва олӣ мебошанд.

Як бартарии муаллифон – аъзои Академияи таҳсилот ҳамин аст, ки онҳо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимро дар асоси назарияи коркарди худ таҳия менамоянд. Чунончи, китобҳои дарсии Саидамир Аминов «Забони модарӣ» - синфи 7, «Забони модарӣ» - синфи 8, синфи 9. Муаллифи ин китобҳо назарияи дар асоси матн (на калимаю ҷумлаҳои пароканда) омӯхтани қоида ва таърифоти грамматика ва имлоро таҳқиқ намуда, дар ҳамин асос китобҳои дарсии худро пешниҳод намуд.

Китобҳои дарсии академик Ф. Шарифзода низ дар асоси таълими ҳамгиро офарида шудаанд. «Алифбо» (дар ҳаммуаллифӣ), «Забони модарӣ» синфи 2 (дар ҳаммуаллифӣ). Ҳатто асарҳои пурарзиши «Масъалаҳои мубрами педагогикаи муосир» (ду китоб), «Муаллим – офарандаи накӯӣ ва пешравиҳо», «Педагогика» (дар ҳаммуаллифӣ бо И. Каримова) барои мактабҳои олӣ ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ғояи ҳамгироро фаро гирифтаанд.

Китобҳои дарсию таълиимии академик Убайдулло Зубайдов «Химия» (раҳнамои муаллим), «Витаминҳо ва пайвастагиҳои фаъоли биологӣ», «Таълими химияи биологӣ», «Омӯзиши химияи маводи маҳал дар курси химияи мактаби миёна», «Корҳои амалӣ аз химия дар химияи синфҳои 8 - 9», «Химия ва биохимия полимерҳои биологӣ», «Масъала ва машқҳо аз химияи органикӣ», «Инсон ва экология», «Инсон ва иқтисодиёт», «Химия» барои синфи 8, «Химия» барои синфи 10 (дар ҳаммуаллифӣ),

«Методологияи таълими химия» низ чунинанд.

Асарҳои узви вобастаи АТТ Сироҷиддин Бандаев «Методические пособия для студентов химических, фармацетических факультетов», «Дастур барои иҷрои корҳои лабораторӣ аз синтезӣ органикӣ», «Ҳалли масъалаҳо аз химияи органикӣ», «Методҳои ҷудо ва муайян кардани константҳои асосии моддаҳои органикӣ» ва ғайра дар ҳамин асос навишта шудаанд.

Китобҳои Ғуломқодир Бобизода «Методикаи таълими химия», «Таърих ва методологияи химия», «Методологияи омӯзиши химияи дақиқ», «Проблемаҳои актуалии химия», «Химияи биологӣ», «Нишондодҳои методӣ доир ба химияи органикӣ» низ бо чунин усул навишта шудаанд.

Узви вобастаи АТТ Мансур Нӯъмонов дастурҳои зиёде офаридааст, ки «Маводи дидактикӣ аз математика ва алгебра барои синфҳои 5,6,7,8,9,10,11 (ҳар кадом алоҳида дар ҳаммуаллифӣ), «Пайдарҳамии таълими математика дар мактаби таҳсилоти умумӣ», «Дарси математикаи умумӣ», «Мухтасари методикаи таълими умумӣ», «Теоретико – методологические основы методики обучения математике», «Муқаддимаи методикаи таълимӣ математика» намунаи онҳост.

Ноиби президенти АТТ Ирина Каримова самтҳои асосии гуманизатсия (башардӯстӣ) ва гуманитаризатсияро таҳлилу таҳқиқ намуда, асарҳои арзишноки «Фарҳанг – сарчашмаи гуманизм», «Некӣ бор орад некӣ»-ро манзури хонандагони сершумор гардонд. Мавсуф инчунин муаллифи китобҳои дарсии «Забони русӣ» барои мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ мебошад.

Узви вобастаи АТТ Саидбой Шербоев ба масъалаҳои забон ва таълими он машғул аст. Асарҳои «Таълими баъзе асарҳои синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои V – VIII», «Хабарҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик», «Корҳои берун аз синфӣ аз забони модарӣ дар мактабҳои миёна», «Методикаи таълими забони модарӣ дар мактаб», «Практикуми забони тоҷикӣ» ва ғайра ба қалами ӯ тааллуқ

доранд.

Дар академия доктори илми педагогика, профессор Саъдулло Неъматов масъули бахши таълими забони далатӣ дар синфу мактабҳои ғайритоҷикӣ буда, дар ин самт як қатор корҳо анҷом додааст. Масалан: «Таълими ҳамгирои русӣ дар мактабҳои тоҷикӣ», «Таълими системаи «Феъл»-и забони русӣ дар мактабҳои тоҷикӣ», «Назария ва амалияи тарҷума», «Маводи аттестатсионӣ аз забони русӣ» .

Корҳои зиёди илмию таҳқиқотиро дар Академия доктори илми педагогика, профессор Сафар Сулаймонӣ анҷом медиҳад. Ӯ машғули таҳқиқи проблемаҳои педагогикаи фарҳангшиносии Эрон мебошад. Ба қалами ин олими пуркор асарҳои зиёде тааллуқ доранд: «Фарҳангшиносӣ: назария ва амалия » (Душанбе: Ирфон, 2012. – 528с.), «Тамаддун» дар 4 китоб (Душанбе: Ирфон, 2003 – 2006), «Китобхонашиносӣ»: китоби дарсӣ барои донишҷӯён (Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012 – 147с.); «Библиотечное дело в Иране: История и современное состояние» (Душанбе: Ирфон, 2007, 392с.), «Китобхонаи электронӣ» (Душанбе: Ирфон, 2009 – 150с.), «Ориёиҳо»: суннатҳои фарҳангӣ ва таълиму тарбиявӣ (Душанбе, Ирфон, 2009, 146с.); «Донишномаи педагогикаи навин» (Душанбе, Ирфон; 2009, 800с.) ва ғайра. Бо ибтикори Сафар Сулаймонӣ маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» такмил ёфта, ахиран 4 шумораи он дастраси олимон гардид.

Фаъолияти АТТ васеъ аст. Ба ин монанд муҳити илмии он низ фарох мебошад. Академия бо Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, раёсату идораҳои (шуъбаҳои) маорифи вилояту ноҳияҳо робитаи зич дошта, бо Академияи таҳсилоти Русия, Қазоқистон, Беларус, муассисаҳои илмию фарҳангии Эрон, Афғонистон дар асоси шартномаи тарафайн ҳамкор menamoяд. Раёсати Академияи таҳсилот ҳар сол тибқи нақша 4 – 5 мизи мудаввар, конференсияҳои илмию амалӣ доир намуда, аъзои он дар конференсияҳои хориҷ аз Тоҷикистон фаъолона иштирок менамоянд. Онҳо тавассути рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ бобати беҳтар шудани сифати

дониш ва таҳсилот андеша меронанд, мунтазам аз тариқи тамоми шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ андешаҳои хешро доир ба сиёсати давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ дар соҳаи маорифу мактаб баён менамоянд.

Бо вуҷуди он ки Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва сохторҳои он, ба таҳлилу таҳқиқи проблемаҳои ин фанни инсонофар машғуланд, боз вазифаҳои муҳим дар назди олимони соҳа меистанд, ки дар нақшаи дурнамои Академия гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Ҳамин тариқ, муҳтаво таҳлилу таҳқиқи педагогикаи миллии моро бояд масъалаҳои тарбияи шахсиятӣ фаъол, созанда ва эҷодкор, ватану ватандорӣ, эҳсоси худогоҳии миллӣ, равнақ ва ташаккули андешаи миллӣ, худшиносии таърихӣ, ҳамгироии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, педагогикаи мардумӣ, сифат ва самаранокии дониш ва таҳсилот, хусусиятҳои таълиму тарбияи бачаҳои лаёқатманд, ташкили кӯдакистонҳои оилавӣ, тарбияи самараноки кадрҳои педагогӣ, нақш ва мавқеи хадамоти аттестатсионӣ, роҳҳои самараноки ҷалби падару модарон ба мактабу тарбияи фарзандон, тарбияи тафаккури эҳёгарона ва офаранда, ба назар гирифтани омилҳои ботинӣ ва зоҳирии мактаби миллӣ, методикаи таълими забони модарӣ ва забонҳои хориҷӣ, адабиёт, таърих, силсилаи фанҳои дақиқ, тарбияи сиҳатию саломатӣ ва покии инсон, инсони соҳибмаърифат, сарфаю сариштаи неъматҳои моддӣ, сабру таҳаммул ва тоқатпазирӣ, дӯстию рафоқат, сулҳу салоҳ , муқаддас донистани рамзҳои давлатӣ, чор унсури ҳаёт, далерию ҷасурӣ, дил бохтан ба касбу ҳунарҳои гуногун, сабабҳои коҳиш ёфтани шавқу рағбати талабагон ба таълим, ба мутолиаи китоб, хусусиятҳои таълим дар гимназия ва литсейҳои Тоҷикистон, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии ташкили мактабҳои махсуси бачаҳои лаёқатманд, хусусиятҳои ташкили таълиму тарбияи талабагони мактабҳои ёрирасон, роҳ ва тарзҳои самараноки такмили ихтисоси омӯзгорон ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки ба тасмим ва раҳнамои бевоситаи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саид Нуриддин Саид «Фарҳанги таҳсилоти фарогир » таҳия

ва чоп карда шуд.

Ҳоло кормандони раёсати Академия ба таҳқиқ ва омӯзиши масаъалаҳои гузариш ба баҳогузории бисёрхола ва ташкили раванди таълиму тарбия дар мактабҳои (синфҳои ) камнуфус машғуланд.

Ҳамин тариқ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба сифати яке ниҳоди аслии Вазорати маориф ва илм, дар амри таҳқиқу пажӯҳиш ва баррасии масъалаҳои муҳими соҳа, ҳиссагузор мебошад. Фаъолияти он ба баррасии дурнамо ва коркарди рушди соҳаи илми педагогика ва маориф, таъмини ҳамаҷонибаи иттилоотӣ, илмӣ ва таълимӣ равона шудааст. Муҳаққиқони Академия, ки дорои таҷрибаи бойи илмӣ мебошанд, барои тарбияи кадрҳои илмӣ ва амалисозии қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ бо назардошти тағйиротҳои нав дар сохтору мазмуни таҳсилот кӯшиш ба харҷ дода, дар оянда низ баҳри ормонҳои истиқлолияти давлатӣ ҳиссаи сазовор мегузоранд.

## § 2. РУШДИ ИЛМИ ДОНИШГОҲӢ

Қобили зикр аст, ки сиёсати давлати мо ва Сарвари хирадманди он - Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони истиқлолият ба рушди илму технология, фаъолияти инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани навгониҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвари азизамон нигаронида шудааст. Пешвои миллат зимни суханронӣ дар яке аз мулоқотҳо бо намояндагони зиёиёни мамлакат таъкид дошта буданд: “Дар кишвари мо заминаи мусоиди ташаккули фарҳанги илмию техникии ҷомеа, татбиқи технологияҳои нав мавҷуд аст, ки метавонад дар маҷмӯъ ба таҳкими иқтисоди миллии кишвар такони ҷиддӣ бахшад. Дар баробари инкишофи илмҳои дақиқ ва фарҳанги техникӣ ба арзишу аҳамияти илмҳои ҷомеашиносӣ низ бояд эътибори зарурӣ дода шавад, зеро ин илмҳо неруи мафкурасоз буда, ба тарбияву парвариши ахлоқ ва маънавиёти инсон ва ҷомеа мусоидат менамоянд”.

Суханони боло гувоҳи онанд, ки дар даврони истиқлолият ба рушди ҳам илмҳои табиӣ ва ҳам иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ, ба тамоми соҳа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳамасола, чунонки маълум аст, дар якшанбеи сеюми моҳи апрел дар кишвари мо Рӯзи илми тоҷик қайд карда мешавад. Ин падида зодаи даврони Истиқлолият буда, бо мақсади рушди илм ва қадрдонӣ аз ходимони илмӣ амалӣ мегардад. Ба муносибати ин ҷашн муассисаҳои илмию таълимии ҷумҳурӣ дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ чорабиниҳои зиёди илмӣ, ҳафтаи илм, конфронсу семинарҳо, озмунҳои корҳои илмию эҷодӣ ва навоваронаи таълимгирандагонро гузаронида, бо ин восила насли нави кишварро ба омӯхтани илму дониш ҳидоят менамоянд.

Дар ҳақиқат ҳам, нури илму дониш равшангари роҳи инсонҳост. Маҳз бо ҳамин сабаб дар даврони истиқлолият на танҳо Рӯзи илми тоҷик расман муқаррар карда шуд, балки барои рушди он бо ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат дар ҷумҳурӣ корҳои зиёде ба сомон расиданд. Барои исботи ин кофист, ки сафҳаҳои таърихи илми донишгоҳиро дар солҳои 1991-2016 мухтасаран варақ занем.

Фаъолияти илмию инноватсионӣ дар даврони истиқлолият тибқи талаботи ҷаҳони муосир ба роҳ монда шуда, зина ба зина дар кишвар як қатор комёбиҳо ба даст омаданд. Вале ин раванд дар ин давра тамоюли гуногун доштааст. Аз ҷумла, бо пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз соли 1991 то соли 2000 омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ барои соҳиб шудан унвонҳои илмии профессор ва дотсенти кафедра ба таълифи рисолаҳои илмӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Аз ин сабаб дар давоми солҳои 1991-2000 шумораи ками омӯзгорон ба ин унвонҳо мушарраф гардидаанд. Фаъолияти шӯроҳои илмӣ низ дар ин давра суст шуда, дифои рисолаҳои докториву номзадӣ кам ба мушоҳида мерасид.

Бо вуҷуди кӯшишҳои пайваста дар солҳои аввали даврони Истиқлолият хоҳишмандон барои қабул шудан ба аспирантура дар муассисаҳои олии касбӣ кам буданд ва

аксарият таҳсилро ба итмом намерасониданд. Масалан, дар соли 1991 аз миқдори умумии 315 аспирант танҳо 75 нафар таҳсилро хатм намуда, 41 нафари он рисолаҳои худро дифоъ кардаанд. Миқдори докторантҳо бошад, ҳамагӣ 2 нафарро ташкил намуда, дар ин самт умуман қабул, хатм ва ҳимоя сурат нагирифтааст.

Бо гузашти айём масъалаи рушди илм низ дар ҷумҳурӣ батадриҷ ҳалли худро пайдо кард. Ҳукумати ҷумҳурӣ дар баробари соҳаи маориф ба инкишофи илм низ таваҷҷуҳ намуда, барои ҷудо намудани маблағ қарорҳои мушаххас қабул кард. Дар натиҷа муносибат ба илм дар кишвар тағйир ёфт ва дар муддати кӯтоҳ сафи аспирантон 2 маротиба ва докторантҳо аз 2 нафар ба 44 нафар афзуд. Новобаста аз ин эҳтиёҷоти ҷумҳуриро бо олимони соҳибунвон қонеъ намудан аз имкон берун буд.

Сабабаш кам будани Шӯрои дифоъ аз рӯйи ихтисосҳо, ночиз будани стипендияи аспирантону докторантҳо, фарсудашавии заминаи моддию техникии озмоишгоҳҳои донишгоҳҳо, адабиёти нав аз рӯйи ихтисос, набудани китобхонаҳои электронӣ ва ба шабакаи интернет пайваст набудани китобхонаҳои баъзе муассисаҳои таълимӣ, нарасидани маблағ барои сафарҳои хизматӣ ва ғайра ба шумор мерафт.

Ниҳоят солҳои 1995 – 1999-ро метавон оғози барқарор кардани илм дар соҳаи маориф ҳисоб намуд. Бо мақсади раҳоӣ ёфтан аз ин бӯҳрон ва таҳким бахшидани илм дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (соли 1998) қабул гардида, Ҳукумати мамлакат як қатор созишномаҳо, аз қабили «Оид ба ҳамкории илмию техникии ҳайати иштирокчиёни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Дар бораи робитаи бевоситаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳамкории илмию техникӣ», «Оид ба истифодабарии якҷояи объектҳои илмию техникӣ аз тарафи иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Созишномаи байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва

илмию педагогии тахассуси олӣ», «Созишномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилоти умумӣ ва касбии Федератсияи Россия оид ба таҳсилот» ва ғайраро ба тасвиб расонид. Дар асоси ин ҳамкориҳо ва бо такя ба созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия аз 12 феврали соли 1997 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997, №395 Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ ташкил шуд.

Рушду нумӯи илм дар ҷумҳурӣ дар даҳсолаи дуюми Истиқлолияти давлатӣ - солҳои 2001-2011 боз ҳам беҳтар гардид. Ба пешрафти соҳа пеш аз ҳама таҳияи ҳуҷҷатҳои нави меъёри ҳуқуқӣ, аз ҷумла «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ ба кормандони муассисаҳои илмии тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони илмию педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», “Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015” (соли 2006), «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020» (соли 2010), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» (соли 2010) ва ғайра мусоидат кард.

Ҳукумати кишвар ба маблағгузории корҳои илмию тадқиқотии фармоишӣ дар ин солҳо бештар аҳамият дод. Масалан, агар дар соли 2001 - 32829 ҳазор сомонӣ ва соли 2005 - 241298 ҳазор сомонӣ барои корҳои фармоишии илмӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2010 бо ин мақсад 1611203 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.

Дар солҳои 2001 то 2010 сафи аспирантон аз 603 нафар ба 1030 нафар расида, теъдоди докторантонҳо аз 10 нафар ба 29 нафар афзуд, миқдори ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ низ то андозае боло рафт. Теъдоди шӯроҳои дифои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ низ дар ин давра афзуд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва илмии тобеи вазорат, агар дар соли 2001 - 19 Шӯрои диссертатсионӣ фаъолият менамуда бошад, пас дар соли

2010 ин теъдод ба 30-то расид (12 докторӣ ва 18 номзадӣ), ки нисбат ба соли 1991 - 28-то ё 63% зиёд буд. Дар давраи мазкур дифои рисолаҳо аз рӯйи 46 ихтисос, аз ҷумла, дар соҳаи илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ аз рӯйи 25 ихтисос, дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ аз рӯйи 21 ихтисос гузаронида мешуд.

Сафи унвондорон дар соли таҳсили 2010-2011 нисбат ба соли 1991-1992 зиёд гардид (номзади илм аз 1835 ба 2073 нафар расид, ки 88 % зиёдтар аст ва доктори илм аз 226 то 493 нафар афзуд, ки 46 % зиёд буд). Тавассути ин неруи илмии муассисаҳои соҳаи маориф рӯй ба беҳбудӣ овард.

Бо мақсади пешрафт ва такони ҷиддӣ бахшидан ба рушди илму маориф, техника ва технологияи нав, беҳтар гардидани шароити кору зиндагии муҳаққиқон ва тарбияи насли нави олимони соҳаи техника дар кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010-ро "Соли маориф ва фарҳанги техникӣ" эълон намуд, ки ҳадаф аз ин иқдом фароҳам овардани заминаи рушду такомули тафаккури техникиву технологӣ буда, таҳкурсии он дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун гузошта мешавад. Вобаста ба ин Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи "Нақшаи тадбирҳои таҷлили Соли маориф ва фарҳанги техникӣ", ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардида буд, як қатор чорабиниҳоро амалӣ намуд, ки онҳо бевосита ба ташаккули донишҳои техникӣ, тарғиби фарҳанги техникӣ, фароҳам овардани заминаи воқеӣ барои рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ ва ба ин васила муваффақ гардидан ба дастовардҳои соҳаҳои техника ва технология равона шуда буданд.

Боиси хушнудист, ки бо баракати Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон гардидани соли 2010 таъсиси марказҳои илмӣ-инноватсионӣ, баргузории семинару машварат ва конференсияҳои ҷумҳуриявӣ минтақавӣ ва байналмилалӣ, таҳия ва таҷдиди лоиҳаҳои қонунҳои соҳаи маориф ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, азнавсозӣ, таъмиру тармим, сохтмони биноҳо ва озмоишгоҳҳои иловагӣ вусъати тоза пайдо кард.

Дар асоси натиҷаи корҳои илмию тадқиқотӣ дар

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001 то 2010 монография, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, рисола ва мақолаҳои зиёде ба чоп расонида шуданд. Масалан, агар дар соли 2005 устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи корҳои илмию тадқиқотӣ 64 монография, 640 мақолаи илмӣ, 200 дастури таълимии методӣ, 48 китоби дарсӣ, 60 барномаи таълимӣ таҳия ва чоп намуда бошанд, пас дар соли 2010 теъдоди рисола ва китобҳои дарсӣ ба 1107, дастурҳои методӣ ба 1122 ва монографияҳо ба 118 адад расид.

Вазорати маориф дар солҳои 2001-2011 бо мақсади рушду нумӯи соҳаи илм конференсияҳои зиёди илмиву назарӣ, аз ҷумла, бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об-барои ҳаёт» (2005), «Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва суннатӣ» (2006), «Рушди муассисаҳои таълимии шаҳри Кӯлоб дар солҳои истиқлолият» (2006), «Забони тоҷикӣ ва нақши он дар рушди илму маориф» (2008), «Усулҳои ақлии таълим ва тарбия дар мактаби Имоми Аъзам» (2009), «Истифодаи технологияи навин дар таълими фанҳои мактабӣ ва проблемаҳои омӯзиши дастовардҳои илмӣ ва инноватсионӣ дар шароити ҷаҳоншавӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил»-ро (2010) доир намуд. Дар кори ин конференсияҳо олимон, омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ, ходимони илмии пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар, инчунин олимон аз кишварҳои хориҷӣ бо маърӯзаҳои илмӣ иштирок намуданд.

Дар солҳои 2012-2016 низ барои рушди илми донишгоҳӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин давра барои иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015”, “Дар бораи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” ва дигар қарорҳо тадбирҳои зиёд андешида шуданд.

Бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ роҳи муосири тайёр кардани

кадрҳои дорои дараҷаи илмии доктор аз рӯйи ихтисос (PhD) пешниҳод карда шуд, ки он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №127 ба тасвиб расонида шуд, ки ин барои соҳаи илму маорифи ҷумҳурӣ муваффақияти калоне буд. Дар ҳамин замина лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Тартиби таъсис ва тасдиқи Шӯроҳои диссертатсионии ҳимояи рисолаҳо барои дарёфт ва додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос" таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, №625 тасдиқ карда шуд.

Инчунин дар моҳи сентябри соли 2012 ба қарорҳои зерини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2002, № 482 «Дар бораи Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 594 «Дар бораи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Мақсад аз ворид намудани тағйирот ба қарорҳои мазкур бартарафсозии номувофиқатии байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои илмӣ буд. Аз ин рӯ, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №714 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба имзо расонида шуд.

Ҳамзамон, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм аз 31.05.2011 "Низомномаи намунавӣ оид ба ташкил ва фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф" таҳияву тасдиқ ва дастраси тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардонида шуд. Дар асоси ин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нахустин паркҳои технологӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода расман таъсис ёфтанд.

Бо вуҷуди вазъи душвор тарбияи кадрҳои илмӣ низ дар ин давра каме рушд ёфт. Масалан, агар дар давоми соли

2011 дар шӯроҳои диссертатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи Вазорати маориф ва илм 150 нафар рисолаи номзадӣ ва 18 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя карда бошанд, ин нишондод дар соли 2012 мутаносибан 175 рисолаи номзадӣ ва 34 рисолаи докториро ташкил медиҳад.

Бо назардошти талаботи кишвар ба кадрҳои баландихтисоси илмӣ, алалхусус аз рӯйи самти техникию технологӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ соли 2012 шумораи бештари қабули шаҳрвандон ба магистратура ва аспирантураи кишварҳои хориҷӣ аз рӯйи самти техникию технологӣ пешбинӣ шуда, ин тадбир қисман амалӣ шуд. Танҳо соли 2012 ба Донишгоҳи миллии таҳқиқотии иттилоотиву технологӣ, механикӣ ва оптикии Санкт-Петербурги Федератсияи Россия аз рӯйи ихтисосҳои техникаи хунуккунӣ, истифодаи роҳу нақлиёт, мошина ва таҷҳизоти технологӣ, автоматикунонии равандҳои технологӣ ва истеҳсолот, биотехнология, маводи хӯрока, менеҷмент, технологияи химиявӣ ва нефтохимия 50 нафар магистр ва 200 нафар аспирант барои таҳсил фиристода шуданд.

Дар соли 2012 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 845 нафар донишҷӯён дар зинаи магистр (263 нафарашон духтарон), 1450 нафар дар аспирантура (511 нафарашон духтарон) ва 87 нафар (24 нафарашон занон) дар докторантура таҳсил менамуданд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз теъдоди умумии 9135 нафар омӯзгорони фаъолиятдошта 2151 нафар номзадҳои илм, ки 601 нафарашонро занон ташкил медиҳанд ва аз миқдори умумии 2151 нафар номзадҳои илм 1398 нафарашон дараҷаи илмии дотсент (286 нафарашон занон) дошта, 551 нафар доктори илм (68 нафарашон занон), ки 419 нафари онҳо дараҷаи илмии профессориро (82 нафарашон занон) доранд ба таълиму тарбияи донишҷӯён машғул буданд.

Вобаста ба таҷлили 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва муассисаҳои зертобеи он як қатор иқдомҳо амалӣ гаштанд. Аз ҷумла, миёни донишҷӯён озмун дар

мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-сарчашмаи демократия дар Тоҷикистони азиз»- байни факултетҳо ва дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ гузаронида шуда, ғолибон қадршиносӣ гардиданд.

Ҳамчунин, бахшида ба 20-солагии иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи 3-юми байналмилалии илмӣ- амалӣ дар мавзӯи «Модели тайёр кардани мутахассисони замони нави омодашуда ба рушди инноватсионии соҳаҳо» рӯзҳои 2-3 ноябри соли 2012 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Конференсияи илмӣ-назариявии умумиҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Иҷлосияи 16-ум Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - омили асосии Ваҳдат ва худшиносии миллӣ», 9 ноябри соли 2012 дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Ислоҳоти соҳаи маориф ва таъминоти он бо омӯзгорони баландихтисос», 19 октябри соли 2012 дар Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ва ғайра дар дигар муассисаҳои таълимӣ оид ба мавзӯъ ва масъалаҳои мухталифи аҳамияти ин иҷлосияи таърих□ конференсия ва чорабиниҳои дигари илм□-назарияв□ баргузор гардиданд.

Дар соли 2013 низ барои татбиқи амалии қонуну қарор, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии дар самти илм қабулгардида чораҳои дахлдор андешида шуданд. Мушкилие, ки дар ин сол пешорӯйи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ қарор дошт. Аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия боз дошта шуд фаъолияти 38 Шӯроҳои диссертатсионии дифои рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаҳои номзадӣ ва докторӣ аз 50 Шӯрои қаблан амалдошта ҳисоб меёфт ва муҳаққиқони кишварамон наметавонистанд рисолаҳои илмии худро ҳимоя намоянд. Вале дар баробари ин муждаи руҳафзо он буд, ки дар анҷоми соли 2013 Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳоди Вазорати маориф ва илмро хуш пазируфта, барои таъсиси Комиссияи олии аттестатсионӣ дар назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсус қабул намуд.

Соли 2013 як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқие қабул карда шуданд, ки татбиқи амалии онҳо ба рушди самтҳои гуногуни илм такон бахшид. «Стандарти давлатии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (докторантура)» аз ҷумлаи онҳо мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013, №341 ба тасвиб расонида шуд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 8354 нафар ба фаъолияти омӯзгорӣ машғуланд, ки 2792 нафар (33,4%)-и онҳоро занон ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 2922 нафари онҳо омӯзгорони дараҷаву унвони илмидошта - 2421 нафар (28,9%), номзадҳои илм (706 нафарашон занон- 8,5%) ва 501 нафар (6,0%) докторони илм (70 нафарашон занон- 0,8%) буданд. 58 нафар узви вобаста ва пайвастаи Академияи илмҳо (0,69%) низ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ машғуланд, ки 6 нафари (0,07%) онҳо занонанд. Дар соли 2013 дар зинаи магистратура 2132 нафар (613 нафар духтарон-28,7%), дар аспирантура 1339 нафар (445 нафар занон-33,2%) ва дар докторантура 61 нафар (15 нафар занон-24,5%) таҳсил доштанд.

Дар солҳои 2013-2014 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.11.2013, №12 бо мақсади амалӣ гардонидани сиёсати илмӣ, ки ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст, лоиҳаи Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб ва ба имзо расонида шуд. Дар доираи Созишномаҳои баимзорасида минбаъд бо мақсади тавъамӣ ва ҳамгирои илмҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо илмҳои академӣ ҳамкориҳои муштараки судманд ба роҳ монда шуда, барои дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмӣ тадбирҳои амалӣ андешида шуданд.

Ҳамчунин, бо мақсади иҷрои талаботи банди 6-и Фармони Президенти кишвар дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби олимони соҳаҳои гуногуни кишвар Шӯрои илм ва инноватсия таъсис дода шуд. Ҳадаф аз чунин иқдом таҳкими ҳамгироии илмҳои академӣ, соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дастгирии таҳқиқоти илмии муштарак, баланд бардоштани сифати таҳсилот, ҳифз ва равнақ додани неруи илмию техникӣ, ҳамчунин ҳал кардани мушкилоти мавҷудаи кормандони соҳаи илм ва таҳсилоти олӣ дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва гузаронидани тадқиқоти илмӣ буд. Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи Шӯрои илм ва инноватсия (аз 28 майи соли 2014, №12/51) ба тасдиқ расонида шуд

Яке аз дастоварди муҳими Вазорати маориф ва илм дар соли 2014 таъсиси "Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба шумор меравад, ки он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2014, №255 ба имзо расидааст. Ин муваффақият имкон фароҳам меоварад, ки тайёр кардани мутахассисони дорои дараҷаи илмидор тибқи меъёрҳои байналмиллалии доктор аз рӯйи ихтисос – PhD, таъмини эҳтиёҷоти иқтисодиёти кишвар бо кадрҳои миллии унвону дараҷаи илмидошта, рушди илму маорифи кишвар ва ҳамоҳангии назария ва амалияи илм оғоз гардад.

Ҷиҳати фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илм дар ҳамкорӣ бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 корҳои назаррас ба сомон расонида шуда, пас аз ба низом даровардани ҳуҷҷатҳо фаъолияти 23 Шӯро аз рӯйи 48 ихтисос дар Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба қайд гирифта шуд. Илова бар ин ҳуҷҷатҳо барои фаъолияти 18 Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи 62 ихтисос ба баррасии комиссияи мазкур ирсол гардиданд.

Дар соли 2014 иҷрои Барномаи комплексии мақсадноки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергияи дарёҳои хурд, офтоб, шамол, биомасса ва энергияи

манбаъҳои зеризаминӣ барои солҳои 2007-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.02.2007, № 41), Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.01.2009, № 123), Барномаи рушди илмҳои табиатшинос□, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.02.2010, № 89), Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2009, № 371), Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011, № 114), Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12. 2008, № 661), Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12. 2011, № 643), Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2010, № 223) ва ғайра дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ таъмин карда шуд.

Боиси тазаккур аст, ки 4 октябри соли 2014 дар ҷумҳурӣ Форуми нахустини ихтироъкорон таҳти унвони «Аз ихтироъ ба инноватсия» гузаронида шуд. Дар кори форум вазорат корҳои илмӣ, навоварӣ ва ихтироъҳои донишҷӯён, аспирантон ва магистрантони лаёқатманди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар пешниҳод карда шуд, ки аз ҷониби иштирокчиён баҳои баланд гирифтанд.

Вобаста ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №163 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба таҷлили 20-солагии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» 17 октябри соли 2014 конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Конститутсия-кафили ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил» гузаронида, натиҷаи корҳои дар амал татбиқшудаи муассисаҳои илмӣ ва таълимии

ҷумҳуриро ҷамъбаст намуд. Дар кори он олимони варзидаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва зерсохторҳои вазорат фаъолона иштирок карда, зиёда аз 50 мақолаи илмиро баррасӣ намуданд, маводи конференсия дар шакли маҷмӯа бо номи «Конститутсия -раҳнамои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил» ба табъ расонида шуд.

Дар ин давра Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҷлили ҷашнҳои 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, 1150-солагии файласуф, табиб ва кимиёшиноси бузурги тоҷик Абӯбакри Розӣ ва 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва ғайра амалӣ гардиданд.

Дар соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», аз 18 марти соли 2015 №1197, ба имзо расид. Бо мақсади татбиқи ин қонун таҳияи як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ шурӯъ гардид. Аз ҷумла, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.07.2015 "Низомномаи намунавии озмоишгоҳҳои (лабораторияҳои) илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ карда шуд.

Ҳамчунин аз тарафи Вазорати маориф ва илм ҷиҳати иҷрои банди 7-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2014, №255 "Оид ба таъсиси Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" корҳо идома ёфта, лоиҳаи "Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504 тасдиқ карда шуд.

Ҳамзамон, ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар баробари қабул ба аспирантураи анъанавӣ ба роҳ мондани қабул ба докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2015 дастгирӣ ёфт. Ба ин васила барои аз 1 сентябри соли 2015 ба роҳ мондани қабул

ба докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо теъдоди 250 нафар ва дар муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо теъдоди 50 нафар дар доираи нақша ва маблағҳои қаблан тасдиқшудаи қабул ба аспирантураи анъанавӣ ба роҳ монда шуд.

Бо мақсади амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2015, №35 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 зикр гардидаанд» барои ҷудо кардани грантҳои хурд ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015, № 496 ба тасвиб расид. Тибқи қарори мазкур «Тартиби гузаронидани озмун ҷиҳати дарёфти грантҳои хурд аз тарафи донишҷӯён барои таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм тасдиқ гардид.

Ҳамчунин, дар соли 2015 дар асоси "Низомномаи таъин намудани стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аспирантон дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" санади нав - "Тартиби таъин намудани стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аспирантон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия гардида, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Ҳамзамон, дар маҷмӯъ дар соли 2015 иҷрои 6 барнома ва стратегияи давлатӣ ба анҷом расонида шуд.

Аз моҳи феврали соли 2015 Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд. Аз ин рӯ, бо мақсади татбиқи Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) гурӯҳи корӣ аз ҳисоби олимони варзидаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таъсис дода шуда, таҳияи ҳуҷҷатҳои зарурӣ вобаста ба низоми нав шурӯъ гардид. Дар ин давра аз тарафи Вазорати маориф ва илм дар заминаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ лоиҳаи 10 низомнома таҳия ва бо қарори

мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Ҳамчунин, барои амалӣ намудани низоми докторантура аз рӯйи ихтисос дар ҷумҳурӣ дар 23 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ҳамчун муассисаҳои таълимии такягоҳӣ аз 1 сентябри соли 2015 докторантура аз рӯйи ихтисос таъсис дода шуд. Дар ҳамин давра ба мақсади тибқи талаботи байналмилалӣ ба роҳ мондани таълим дар докторантура аз рӯйи ихтисос таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон омӯхта шуда, стандартҳои тахассусии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ – докторантура (доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисос) аз 78 ихтисос бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаҳои таълимии намунавӣ аз 118 ихтисос аз ташхис гузаронида шуда, бо фармоиши вазир ба тасвиб расиданд.

Дар самти гузаронидани конференсияҳои илмӣ низ дар соли 2015 як қатор корҳо ба анҷом расиданд. Аз ҷумла, 17 апрели соли 2015 бахшида ба Рӯзи илми тоҷик конференсияи илмӣ баргузор карда шуд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои "Нақшаи чорабиниҳо оид ба натиҷагирӣ аз татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015 ва муайян намудани талошҳои минбаъда ҷиҳати ноил гардидан ба рушди устувори захираҳои об», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми январи соли 2015, №6 тасдиқ шудааст, як қатор чораҳоро амалӣ намуд: тибқи талаботи банди 5-уми Нақшаи мазкур дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ вобаста ба масъалаҳои марбут конфронс ва семинарҳо гузаронида шуданд; дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон – ташаббускори ҳалли мушкилоти об» озмуни расмҳои беҳтарини кӯдакону бачагон, ки миқдори маводи ҷамъшуда аз 700 адад зиёд буд, гузаронид ва тахминан 150 адади он ба маърази тамошои иштирокчиёни конфронси байналмилалӣ гузошта шуд. Дар якҷоягӣ бо Бунёди СММ оид ба дастгирии кӯдакон – ЮНИСЕФ 6-10 июни соли 2015 Форуми кӯдакон оид ба обтаъминкунӣ, санитария ва гигиена дар доираи Конфронси сатҳи баланд

оид ба ба натиҷагирӣ аз татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015 гузаронида шуд.

Вобаста ба эълон гардидани соли 2015 “Соли оила» 8 июли соли 2015 Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи “Таҳкими оиладорӣ ва рушди фарҳанги хонаводагӣ” баргузор гардид. 10 июли соли 2015 бошад, Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи “Рушди неруи инсонӣ дар системаи таҳсилоти олии касбӣ: вазъ ва дурнамои он” доир карда шуд. Бо мақсади таблиғи ғояҳои истиқлолияти давлатӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ бошад, китоби «Сабақи худшиносӣ» бо 19 мақола дар ҳаҷми 10,4 ҷузъи чопӣ ба табъ расонида шуд.

Соли 2016 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷрои «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2012, №334), «Барномаи рушди илҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.04. 2010, №101), «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011. №643), «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2011, №227), «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27. 02. 2009, №123), «Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2012, №335), «Барномаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси воситаҳои ахбори омма барои солҳои 2013-2017» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2012. №686) ва ғайра саҳм гирифта, дар рушди илми донишгоҳӣ ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардид.

Ба муносибати Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм» дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии

Тоҷикистон 11 феврали соли 2016 ҷаласаи тантанавӣ бо иштироки зиёда аз 100 нафар занон ва духтарони соҳаи илм аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии маскуни пойтахти ҷумҳурӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дигар зерсохторҳои тобеи вазорат гузаронида шуд. Дар ин ҷаласа таъкид гардид, ки барои занону духтарони тамоми олам боз як иди дигаре дар мисоли «Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм" афзун гардид. Қайд карда шуд, ки дар доираи баргузории Кумитаи дуюми Маҷмааи Кулли Созмони Милали Муттаҳид аз ҷониби як қатор кишварҳои олам, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷумлаи онҳо буд, 20 ноябри соли 2015 Қатънома – меморандум оид ба таҳкими нақши занон дар соҳаи илму фановариҳо қабул шуда, 11 феврал ҳамчун «Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм» эълон гардид. Тибқи Қатъномаи мазкур аз кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид даъват ба амал оварда шудааст, ки ин идро бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои таблиғотӣ барои мусоидат ба иштироки занон дар соҳаи илму фан, маориф, таъмини шуғл, аз байн бурдани табъиз - дискриминатсия нисбат ба занон ва ҳадафҳои дигари амсоли он истифода намоянд. Ширкаткунандагони ҷаласа итминон зоҳир намуданд, ки ин ҷашн низ дар қатори иди Рӯзи модар дар Тоҷикистон ба тантанаи қадрдонии занону духтарони соҳибмаърифату донишманд аз ҷониби тамоми мардум табдил хоҳад ёфт.

Дар соли 2016 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 111 корҳои фармоишии илмӣ иҷро карда хоҳад шуд, ки маблағгузории умумии онҳо зиёда аз 3,5 миллион сомониро ташкил медиҳад. Ин рақам нисбат ба маблағгузорӣ дар соли 2001 (32829 сомонӣ) зиёда аз 9 маротиба афзунтар аст.

Бояд таъкид намуд, ки дар соли ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба анҷом расонидани иҷрои "Барномаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, № 296) ҳамчун айёнияти беҳтарин оид ба рушди илми донишгоҳӣ аст.

Таҳлили ҳолати кадрӣ нишон медиҳад, ки агар дар

муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 1991 ҳамагӣ 1835 нафар номзадҳо ва 226 нафар докторони илм кор мекарданд, шумораи онҳо имрӯз мутаносибан ба 2124 ва 501 нафар расидааст, ки дар нисбати номзадҳои илм 10 фоиз ва дар нисбати докторони илм зиёда аз ду маротиба бештар аст. Теъдоди аспирантон бошад, дар соли 1991 - 315 нафар ва докторантон ҳамагӣ 2 нафар буданд. Дар соли 2106 - 1313 аспирант ва 318 докторантон таҳсил мекунанд, ки ин бамаротиб зиёд аст. Ҳамзамон, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 115 нафар докторанти PhD таҳсил менамояд.




Маълумоти омории соҳаи илми донишгоҳӣ, ки мухтасаран дар боло оварда шуд, рушди ин соҳаро дар даврони 25 соли Истиқлолияти давлатӣ ва нақши Сарвари хирадманди мо - Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар рушди илму маориф ва маънавиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол баръало нишон медиҳад. Бешубҳа, ҳамаи ин дастовардҳо моли кулли мардум ва он насли муҳаққиқоне мебошанд, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба воя расидаанд ва неруи бузурги зеҳнии миллати моянд. Истифодаи ин неруи беназир дар корҳои созандагӣ метавонад на танҳо ба рушди илм дар Ватани азизамон мусоидат менамояд, балки

дар шукуфоии имрӯзу фардои ҳар як сокини он низ, ки ҳадафи муҳимтарини сиёсати Пешвои миллати мост, нақши беандоза бузурге мегузорад.

## § 3. ТАҲКИМИ МАТБУОТИ ДАВРӢ ВА ИЛМӢ

Баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Вазорати маориф ва илм низ ҳамкориҳои худро бо расонаҳои иттилоотии ватанию хориҷӣ ба роҳ монд. Ҳамзамон, нашрияҳои соҳавии амалкунанда фаъолияти худро вусъат бахшида, баробари ин нашрияҳои дигар низ рӯйи чоп омаданд.

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» нашрияи асосии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар давоми 84-соли фаъолияташ (соли таъсис-1932) ҳамчун инъикосгари сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва илм, тарғибгари ормонҳои миллӣ ва иҷрокунандаи нақшаву ниятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм саҳми намоён мегузорад.

Ҳадафи асосии фаъолияти ҳар як рӯзномаву маҷалла баланд бардоштани маърифати ҷомеа, рӯшанӣ андохтан ба афкори умум ва дастгирии сиёсати давлат дар соҳаи маориф мебошад. «Омӯзгор» аз оғози таъсисёбиаш (1932) роҷеъ ба пиёда сохтани сиёсати иҷтимоии давлат дар соҳаи маориф - ташкил ва таъмини таълиму тарбия ва ҳалли масъалаҳои марбути соҳа корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. «Омӯзгор», ки дар раванди таърих чандин маротиба табдили ном кардааст («Барои маорифи коммунистӣ», «Газетаи муаллимон», «Маориф ва маданият»), то имрӯз ҳамчун минбари мактабу маориф дар ҳаллу фасл ва баррасии масъалаҳои соҳа пешгом будани худро собит карда тавонистааст.

Дар соҳаҳои маориф ва табъу нашр низ фаъолият дигаргуниюислоҳоти азимеро тақозо мекард. Ҷумҳурии мустақил талаб мекард, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат созгор бо қонуну қоидаҳои мустақилият рушд ва тараққӣ

ёбанд. Ва ин кори саҳл ҳам набуд, зеро дар натиҷаи гусаста шудани робитаҳои гуногун, ба вижа, робитаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои дигари собиқ ИҶШС аксар бахшҳои ҳаёти кишварро буҳрони шадид фаро гирифт. Соҳаи табъу нашр низ аз ин лиҳоз истисно набуд. Мушкилот дар ин соҳа, пеш аз ҳама, ба камчинии маводи полиграфӣ (коғаз, плёнка, пластина...) ва нокифоягии маблағ иртиботманд буданд. Ҳаҷми «Омӯзгор» аз 16 то ба 8 саҳифа ихтисор карда шуд, чопи нашрия номунтазам ва бо таъхир ба роҳ монда мешуд. Ҳатто, масъалаи муваққатан қатъ кардани фаъолияти нашрия (чун дар замони ҶБВ) ба миён омада буд. Дар чунин вазъи басо мураккабу даҳшатбор низ кормандони «Омӯзгор», ки акнун теъдодашон хеле кам монда буд, фаъолияташонро ҳамвора идома медоданд ва аз идораи ҳафтанома дур намешуданд.

Аҳли нашрия қабули эъломияро дар бораи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизро гарму самимона пазируфтанд ва дар саҳифаҳои он инъикос намуданд. Дар саҳифаҳои нашрия пайваста дар ин мавзӯъ мақолаҳои маърифатбахшу ҷолиб ба табъ мерасиданд.

Истиқлолият ба аҳли нашрия арсаи бавусъат ва имконоти бештару озодии сухан, дастрасӣ ба мавзӯъҳои гуногун фароҳам овард. Тавассути силсиламақолаҳои ватандӯстона ҳафтанома дар тарғибу таҳкими Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳиссаи сазовор гузошт. Хонандагони хеш, ба вижа, аҳли маорифро даъват намуд, ки дар устуворсозии Истиқлолияти давлатӣ ҳиссагузор бошанд, аз душвориҳои марҳилаи аввал наҳаросанд, ноумед нагарданд ва дар таълиму тарбияи насли навраси даврони истиқлол фаъолу кӯшо бошанд. Дар қатори кормандони нашрия аз ин боб дар ҳафтанома гурӯҳе аз мухбирони фаъол, шахсиятҳои варзида, афроди дилсӯзу ҷоннисори Ватан ва зумрае аз аҳли адаб (Акбари Турсон, Худоӣ Шариф, Холмурод Шарифзода, Валӣ Самад, Ҳадиса Қурбонова ва дигарон) мақолаву нигоштаҳои хеле пурмуҳтавову таъсиргузор ва ҳидоятгарона ба табъ расондаанд...

То моҳи феврали соли 1993 дар ҳафтанома, яке аз адибони номвари тоҷик, инсони шарифу ҳалим Бобо Насриддинов сармуҳаррир буд. Кори нашрияву соҳаи маорифро хуб медонист ва тавонист, ки дар ҳафтанома муҳити созгореро ба вуҷуд ораду ҳайати бонуфузеро созмон бахшад. Дар нахустсафҳаи шумораи №10-и ҳафтанома аз 10 марти соли 1993 бо номи «Арзи сипос» нисбат ба Бобо Насриддинов мактуби миннатдорӣ аз ҷониби Вазорати маориф, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони илм ва маориф ва ҳайати кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор» низ чоп шудааст.

Кори ин марди асилро шогирди сазовори ӯ, рӯзноманигори варзида ва марди соҳибирода Самиюлло Сайфуллоев садоқатмандона идома бахшид. Аз моҳи феврали соли 1993 «Омӯзгор» бо имзои ин роҳбари нав (сармуҳаррир) ба нашр расид.

С.Сайфуллоев ҳамчун сармуҳаррир дар «Омӯзгор» 13 сол фаъолият намуд. Умуман, фаъолияти рӯзноманигории ӯ дар ин ҳафтанома, бевосита, пас аз хатми ДМТ наздик ба 40 сол идома ёфтааст. Ин қаламкаши варзида дар вазифаҳои гуногуни нашрия (мухбири қаторӣ, мудири шуъба, котиби масъул, ҷонишини сармуҳаррир) кор кардаву таҷриба андӯхтааст ва ин барояш имкон фароҳам оварда, ки солиёни зиёд ҳамчун раҳбари нашрия бомуваффақият кор кунад.

Дар солҳои душвори 90-уми садаи гузашта дар нашрияи «Омӯзгор», ҳамчунин, рӯзноманигорони собитқадаму соҳибқалам ва тозаназару ғайратманд С.Қаландаров, Т.Отахонов, М.Боқӣ, Ҳикмат Раҳмат, Ҷ.Абдулҳаев ва чанде дигарон фаъолият доштанд.

Пас аз имзои Созишномаи истиқрори сулҳи тоҷикон кормандони ҳафтаномаи Омӯзгор» низ барои тақвияти фаъолияташон имкони мусоид пайдо карданд. Ҳафтанома тадриҷан неру гирифта, чопи муназзами он ба роҳ монда шуд. Аз соли 2004 «Омӯзгор» аз нав (пас аз 11 сол)-ҳаҷми 16 саҳифаро гирифт ва паҳнои фаъолияташ низ хеле густурда гашт. Дар қатори хабару мақолаҳо дар ҳафтанома мақолаҳои илмию методӣ, нигоштаҳои публитсистӣ, тарҷумаи беҳтарин

осори маърифатбахшу тарбиявии хирадмандони ҷаҳон, шеъру ҳикояҳои баргузида ҳамвора ба нашр мерасиданд. Саҳифаҳо (рубрикаҳо)-и «Меҳрномаи омӯзгор», «Мушкилоти соҳа», «Маслиҳати методӣ», «Китобхонаи муаллим», «Номаҳои шумо», «Фарҳанги волидон», «Университети ғоибонаи омӯзгор», «Баҳс ва андеша» ва амсоли инҳо бо нигоштаҳои рангину таваҷҷуҳоварашон нуфузи нашрияро боз ҳам бештар мекарданд. Дар иртибот бо ин ҳама теъдоди нашрияи ҳафтанома пайваста меафзуд ва он аз 2100 адади соли 1999 соли 2002 ба 8000 расид. Дар соли 2006 ҳафтанома бо теъдоди беш аз 15000 адад пайваста чоп мешуд.

Самиюлло Сайфуллоев дар поёни соли 2006 аз вазифаи сармуҳаррири ҳафтаномаи «Омӯзгор» рафт ва ӯро дар ин вазифа рӯзноманигор М.Бобошоев (Муҳаммадшариф Бобошоҳзода-мушовири Президенти кишвар аз соли 2013) иваз намуд ва баҳри таҳкими фаъолияти ҳафтанома кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод. Аз моҳи октябри соли 2011 то инҷониб сармуҳарририи нашрияро Ноилшо Нуралиев ба уҳда дорад. Бо кӯшиши вай сомонаи «Омӯзгор» бо номи www.omuzgor-news.tj таъсис ёфт, ки мунтазам маводи нашрия аз тариқи электронӣ ва PDF дастраси хонандагон мегардад. Инчунин, соҳиби почтаи электронии худ omuzgor@inbox.ru гардид. Дар чор минтақаи ҷумҳурӣ –вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМБК, шаҳру навоҳии тобеи марказ мухбирони махсуси «Омӯзгор» ба фаъолияти пурвусъат пардохтанд ва ба ин васила, иртиботи ҳафтанома бо хонандагони худ қавитар гашт. Айни замон барои сари вақт дар саҳифаҳои нашрия инъикос намудани ҳодисаву воқеаҳои соҳа аз тамоми кишвар имкони мусоид фароҳам оварда шудааст. Муҳимтар аз ҳама, сатҳу сифати нашрия хеле беҳтар гардида, теъдоди нашрияи «Омӯзгор» ба 36 ҳазор нусха расидаст ва дар ҷумҳурӣ серхонандатарин ҳафтанома маҳсуб меёбад. Як сабаби он сол аз сол дигаргун ва пурмуҳтаво шудани мазмуну мундариҷа ва беҳбудии сифати чопи нашрия мебошад.

Дар ҳафтанома гӯшаҳои нав, саҳифаҳои тоза арзи ҳастӣ

карда, доираи мавзӯъҳо густариш ёфтанд, мақолаҳои таҳлилию интиқодӣ, таҳқиқоти журналистӣ бештар рӯйи сафҳа омада, ороишу бандубасти ҳафтанома низ хеле такмил ёфт.

Барои мунтазам дар сатҳи баланд ва бо сифати аъло чоп шудани ҳафтанома имрӯз ҳайати обрӯманду фидокори он пайваста кӯшишу ғайрат ба харҷ медиҳанд.

«Омӯзгор» бешубҳа ҳафтаномаи маҳбуби аҳли маорифи кишвар, оинаи фаъолияти эшон аст ва мақому манзалат, обрӯю эҳтироми он байни доираи васеи хонандагон ҳамвора боло меравад.

Хидматҳои шоистаи ҳафтаномаи «Омӯзгор» дар рушди соҳаи маориф ва фарҳангу илму маърифат соли 1982 бо Грамотаи фахрии Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ва баъдтар Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр шудааст.

Маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» ҳамчун нашрияи соҳавӣ аз соли 1927 фаъолият карда, соли 2017 90-сола мешавад. (Дар ин миён 80-солагии маҷалла бо қарори мушовараи Вазорати маориф таҷлил гардид). Маҷалла дар давоми солҳои фаъолияти худ бо мақсади рушди касбияти омӯзгорон, баланд бардоштани сатҳи маърифати касбии онҳо, мактабшиносӣ, методикаи таълими фанҳо, омилҳои рушди сифати таҳсилот як қатор тадбирҳо андешида, ҷиҳати дастгирии омӯзгорону алоқамандони соҳа хидмати босазо кардааст.

Ногуфта намонад, ки маҷалла нахустин нашрияи соҳаи маориф буда, аслан соли 1927 бо номи «Раҳбари дониш» манзури хонандагон гардид. Он маводи мазмуни сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, адабӣ, фаннӣ, илмӣ ва танқидиро дар бар мегирифт. Аввалҳо дар Самарқанду Тошканд ба табъ мерасид, соли 1928 ба шаҳри Душанбе кӯч баст ва соли 1931 ба ду маҷаллаи маърифатию фарҳангӣ – «Инқилоби маданӣ» (маҷаллаи ҳармоҳаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ, методӣ, баъдтар “Револютсияи маданӣ”) ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (ҳоло «Садои Шарқ») ҷудо

шуд. Аз соли 1938 то соли 1991 маҷалла бо номи «Мактаби советӣ», аз соли 1992 то соли 2006 бо номи «Маърифат» нашр мешуд ва аз соли 2006 инҷониб бо номи «Маърифати омӯзгор» интишор мегардад.

Ёдовар мешавем, ки маҷалла бо роҳбарии муҳаррирони аввалинаш М.Мӯсавӣ, А.Лоҳутӣ, Б.Сирус, М.Ҳасанӣ, Р.Бобоҷонов, баъдтар М.Исматуллоев, М.Шукуров, А.Афсаҳов, инчунин, О.Бозоров, М.Ансор, У.Тоиров, Ҳ.Ҳомидов ва чанд донишманди дигари маъруфи миллат дар ягон давру замон аз нашр пурра қатъ нагашта, баръакс, дар дастгирии сиёсати давлат дар соҳаи маориф, баланд бардоштани маърифати касбии омӯзгорон нақши сазовор гузоштааст.

Айни ҳол “Маърифати омӯзгор” маҷаллаи ҷумҳуриявии таълимиву методӣ ва илмиву оммавӣ буда, дар замони истиқлол барои омӯзгорон, пажӯҳишгарон, аҳли илму адаб ба забони тоҷикӣ (бо назардошти чопи баъзе мақолаҳо бо забони русӣ) вобаста ба вазъи иқтисодӣ соле 5, 6 ва 12 маротиба чоп шудааст. Аз соли 2013 бо сабабҳои молиявӣ дар ду моҳ як маротиба, вале дар ҳаҷми калон (96 саҳ.) ба табъ мерасад.

«Маърифати омӯзгор» дар даврони истиқлол тадриҷан симои худро дигар намуд: аз лиҳози шаклу мазмун рушд кард, сифати чоп беҳтар гардид. Аввалин пайки истиқлол дар маҷалла дар соли 1990 бо чопи Эъломияи истиқлолияти ҶШСТ зуҳур кард ва дар робита аз соли 1991 маҷалла тағйири ном кард: “Мактаби советӣ” бо маслиҳати аҳли илму дониш “Маърифат” шуд. Теъдоди нашр дар айни воқеоти нангин ба 12500 нусха расида буд. Вазъияти молии кишвар ҳарчанд дар коҳиш ёфтани теъдоди нашр зарбаи сахт расонид, аммо роҳбарони вақт барои пойдор мондани маҷалла тадбирҳои муҳим меандешиданд. Муҳим ин буд, ки чопи маҷалла қатъ нагардид. Дастовардҳои солҳои истиқлолро, ки асосан аз оғози солҳои 2000-ум маҷалла соҳиб шудааст, метавон чанде аз онро чунин шарҳ дод: соли 2003 «Маърифати омӯзгор» ба рӯйхати Шӯрои олии Комиссияи аттестатсионии Россия (ВАК) шомил шуд (агарчи табдили ном онро аз рӯйхат берун

кард), соли 2007 бо қарори мушовараи Вазорати маориф 80-солагии маҷалла таҷлил гардида, маҷалла аз лиҳози шаклу мазмун тағйир ёфт, шурӯъ аз соли 2011 бо баргузории мизи мудаввар ва суҳбатҳо робита бо мутахассисони соҳа ва омӯзгорон қавӣ гашт, соли 2012 сомонаи маҷалла таъсис ёфт ва дар ин сол мақоми байналмилалии ЮНЕСКО (ISNN-рақами силсилавии стандарти байналмилалӣ) -2306-4293-ро соҳиб гашт, соли 2013 ҳаҷми маҷалла калон (дар ҳаҷми 62х84) ва саҳифааш зиёд (96 с.) гардид, инчунин, дар маҷалла ба чопи мақолаҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ иҷозат дода шуд. Гузашта аз ин, ҳамкории муаллифони хориҷи кишвар ба даст омада, дар соли 2014 маҷалла аз ҳисоби шаклу мазмун ва ҷалби олимону донишмандон бештар рушд кард. Ҷанбаи миллии мақолаҳо пурқувват шуда, шаклгирии мазмуну сифати маорифи кишвар тавассути навиштаҳои донишмандони соҳа ва омӯзгорони болаёқат пешниҳод мешавад. Дар маҷалла баҳсҳои қотеонаро рӯйи чоп медиданд, барои ошкор кардани хусусиятҳои миллӣ баробари мазмун муқова тағйири шаклу мазмун мекунад.

Ёдовар мешавем, ки маҷалла дар солҳои 80-ум аз рӯйи теъдод аз 30 000 нусха гузашта буд. Дар солҳои 90-ум ибтидо 27800 буд, ки он тадриҷан коҳиш ёфта, ба 700 адад расид. Соли 2012 ин рақам ба 2000, баъдтар ба 5000 расида, соли 2016 зиёда аз 6000 муштариро ҷалб намуд.

Айни ҳол роҳбарии маҷалла ба дӯши Саида Набиева бор буда, он бо ҷалби беҳтарин донишмандон ва мутахассисони соҳа фаъолият дорад. Маҷалла дар таҷлили тамоми чорабиниҳои милливу давлатӣ, ташреҳи масоили сиёсӣ, тарғиби сиёсати давлат дар соҳаи маориф, хештаншиносӣ, ватанпарастӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, инъикоси паҳлуҳои гуногуни ислоҳоти соҳа, тавзеҳи ҳадафҳои интихобшуда, дастгирии омӯзгорони эҷодкору навовар, рушди сифати таҳсилот, иҷрои барномаҳои давлатӣ ва даҳои дигар то имрӯз хизмат кардааст ва ин амалро минбаъд фаротар ба субут расонданист.

Дар саҳифаҳои таърихи кишвари мо нашрияҳои педагогӣ, инчунин маҷаллаи илмию маърифатӣ ва таълимию методии «Русский язык и литература в школах Таджикистана» ва

«Маорифи Тоҷикистон» низ нақши хоса ва банури худро доранд. Маҷаллаҳои мазкур агар яке солҳои 60-уми асри гузашта таъсис ёфта бошад, дигаре содаи даврони Истиқлол аст.

Маҷалла “Русский язык и литература в школах Таджикистана” аз 1 январи соли 1961 рӯйи чоп омада, ҳамчун маҷаллаи илмӣ-методӣ таъсис дода шудааст. Аз соли таъсисёбӣ то ҳол маҷалла 6 шумора дар як сол чоп шуда, бештар мақолаҳои илмию методиро ба табъ мерасонад.

Аввал, маҷалла бо номи «В помощь учителям русского языка в таджикской школе» таъсис ёфта, то соли 1977 бо ин ном фаъолият намудааст. Сипас, аз соли 1977 то 1999 бо номи «Русский язык и литература в таджикской школе» нашр шудааст. Шурӯъ аз соли 2000 номи “Русский язык и литература в школах Таджикистана”-ро гирифтааст, ки то ҳол бо ин ном ба табъ мерасад.

Дар замони кунунӣ маҷалла ягона маҷаллаи русзабони соҳавӣ буда, сирф барои омӯзгорон мақолаҳо нашр менамояд.

Аз соли таъсисёбӣ маҷалла аз ҳисоби буҷа ба табъ мерасид, аммо имрӯз танҳо аз рӯйи як мода-«субсидия» маблағгузорӣ шуда, бештари хароҷот аз ҳисоби обуна роҳандозӣ карда мешавад. Айни ҳол бо теъдоди 3 ҳазор нусха ба табъ расида, дастраси омӯзгорону муассисаҳои таълимӣ мегардад.

Маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» бошад, зодаи даврони Истиқлоли давлатист. Яъне, шумораи нахустини он моҳи июли соли 1991, ду моҳ пештар аз қабули Эъломияи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Адаб» бо теъдоди 3,5 ҳазор нусха ба нашр расид. Дар ҳамон солҳои аввали таъсисаш самтҳои асосии фаъолияти маҷалла муайян шуданд. Нашрия соҳиби рубрикаҳои ҷаззобу дилнишин гардид, ки аксари онҳо то кунун арзи вуҷуд мекунанд. Маҷалла то моҳи феврали соли 2006 бо номи «Адаб» 73 шумора чоп шуд ва соли 2006 бо мақсади васеъ намудани доираи фарогирии мавзӯъот ва хонандагони он ба «Маорифи Тоҷикистон» табдили ном кард. Ба ибораи дигар, маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» натиҷаи талошу такопӯҳои зиёди рӯшанфикрони тоҷики даҳсолаи охири қарни XX буда, дар

шароити соҳибистиқлолии комили давлати Тоҷикистон ба қасди тарвиҷи илму маорифу фарҳанги ҷумҳурӣ машғули фаъолият мебошад. Муҳимтарин самтҳои фаъолияти нашрия ташвиқу тарғиби аркони истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва ягонагии давлати Тоҷикистон, ваҳдату ҳамдилии миллати тоҷик ва кулли мардуми кишвар, нашри маводе, ки сиёсати давлат ва ҳукумати кишварро роҷеъ ба амалӣ намудани рушди соҳаи маориф инъикос менамояд, расонидани кӯмаки амалӣ ба омӯзгорон ба хотири беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши фанҳои таълимӣ, инъикоси дастовардҳои навини илмҳои педагогӣ, саҳмгузорӣ дар кори мутобиқ гардонидани барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, ташвиқи таҷрибаи омӯзгорони беҳтарини муассисаҳои таълимӣ ва тарғиби рӯзгор ва осори шахсиятҳои варзидаи илму адабу маориф, нашри мавод роҷеъ ба санаҳои муҳимми дорои аҳамияти ҷаҳонӣ ва ҷумҳуриявӣ мебошанд.

Маҷалла дар солҳои аввали таъсисёбиаш аз ҷониби хонандагон бо хушнудӣ пазируфта шуд. Агар он дар соли аввали нашр бо теъдоди 3500 нусха чоп мешуд, дар соли 1992 теъдоди муштариёнаш аллакай ба 6 ҳазор нусха расид. Мутаассифона, бо оғози воқеаҳои маълуми кишвар ва касодии молиявӣ аксарияти нашрияҳо, минҷумла, маҷаллаҳои педагогӣ бо душвориҳои зиёди иқтисодӣ мувоҷеҳ гардиданд ва теъдоди обуначиён низ ба маротиб коҳиш ёфт. Вале ба мушкилиҳо нигоҳ накарда ҳамаи нашрияҳои педагогӣ фаъолияти худро идома дода, ҳамвора чароғи илму ирфонро афрӯзанда нигоҳ медоштанд.

Қобили тазаккур аст, ки аз соли 2006 инҷониб дар фаъолияти нашрияҳои педагогӣ, минҷумла, маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» дигаргуниҳои азими мусбат ба мушоҳида мерасанд. Пеш аз ҳама мо ҳаҷми маҷалла аз формати А-4 ба (А-3) табдил ёфт. Ин имконият дод, ки матолиби бештаре дар саҳифаҳои маҷалла роҳ ёбанд.

Тавре ки зикр шуд, идораи маҷалла дар кори тарғибу ташвиқи чорабиниҳои дорои аҳамияти бузурги сиёсӣ ва фарҳангии кишвар саҳми шоиста мегузорад.

Боиси хушнудист, ки солҳои охир дар хусуси муҳтаво ва мундариҷаи маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» дар

саҳифаҳои матбуоти кишварҳои мухталифи ҷаҳон хабару гузоришҳои зиёде чоп шуданд. Се маротиба дар маҷаллаи «Бухоро», ду маротиба дар маҷаллаи «Адабиёт ва фалсафа»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон муаррифиномаи шумораҳои алоҳидаи маҷалла ба нашр расиданд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир теъдоди обуначиёни нашрия ба беш аз 5 ҳазор нусха расида, ҳамчунин, шурӯъ аз соли 2016 маҷалла минбаъд ба чопи ҳармоҳа оғоз намуд.

Агар ба таърихи Муассисаи нашриявии "Маориф" назар афканем, Муассисаи нашриявии «Маориф» бори нахуст 16-уми апрели соли 1958-ум аз Нашриёти давлатии Тоҷикистон ҷудо шуда бо номи «Нашриёти давлатии адабиёти таълимиву педагогӣ» («Нашрдавтаълпедтоҷик») таъсис ёфтааст. Нахустин сарвари ин муассиса Самеъҷон Шодиев – собиқ мудири шуъбаи нашри адабиёти таълимиву педагогии Нашриёти давлатии Тоҷикистон, муовини директор Николай Сталин таъйин шуд, ки солҳои сиюми қарни гузашта аз Ленинград (Санкт-Петербург) барои ташкили корҳои нашриёт ба шаҳри Душанбе омада буд. Ҳамин тавр, нашриёти навтаъсис дорои панҷ шуъба – забон ва адабиёт, таъриху география, физикаву математика, адабиёти методӣ ва адабиёти бадеӣ ба фаъолияти табъу нашр шурӯъ намуд.

Дар як муддати кӯтоҳ нашриёт дар ҷодаи табъу нашри адабиёти таълимиву педагогӣ саҳми арзанда гузошт. «Нашрдавтаълпедтоҷик» ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ барои тамоми мактабҳои таълимоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва мактабҳои олии омӯзгорӣ дарсномаҳо ва адабиёти таълимӣ интишор менамуд. Нашриёт, инчунин, барои омӯзгорону хониши беруназсинфии хонандагон адабиёти услубӣ, дарсӣ, бадеӣ, сиёсиву ҷамъиятӣ, дастурҳои айёнӣ ба нашр мерасонд. Пас аз таъсиси нашриёти «Нашрдавтаълпедтоҷик» теъдоду ҳаҷми ин гуна китобҳо афзоиш ёфт. Дар ин кори муҳим кормандони собиқадори соҳаи нашриёти кишварамон М. Шукуров, А. Самадов, М. Искандаров, Ҳ. Раҳматуллоев, Ӯ. Ҳамроев, М. Тоҷиев, Г. Коршикова, Аҳмадҷон Ғафуров, И. Мирзоев, Р. Илёбоев, А. Бабушкин, С. Обидова ва чанде дигарон ҳиссагузор буданд.

Соли 1963-юм Нашриёти давлатии адабиёти таълимиву

педагогӣ дубора бо нашриёти давлатии Тоҷикистон муттаҳид карда шуд ва соли 1967-ум аз нав ҷудо шуда, номи нашриёти «Маориф»-ро гирифт ва моҳи сентябри ҳамон сол боз ду нашриёт ба ҳам муттаҳид гардиданд. Соли 1975-ум нашриёти давлатии «Маориф» аз нав таъсис ёфт ва нашри китобҳои таълимиву педагогии зерин: – китобҳои дарсӣ ва васоити таълим барои мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, дастурҳои методӣ барои омӯзгорон, маводди дидактикӣ, маълумотномаҳо, адабиёти илмиву оммавӣ, луғатҳои тафсирӣ ва дузабона барои донишомӯзони мактаб, китобҳои таълимӣ барои муассисаҳои томактабӣ, ҳуҷҷату санадҳои мактабӣ (рӯзнома, дафтари синф, делои шахсӣ), адабиёти бадеӣ барои бачагон, плакату варақаҳои таълимӣ ва дигар васоити аёниву дарсӣ ба зиммаи он гузошта шуд. Ғайр аз ин, таъмини мактабҳои тоҷикии Осиёи Миёна ва Қазоқистон бо китобҳои дарсиву методӣ ба зиммаи нашриёти «Маориф» гузошта шуда буд.

Дар таърихи 1-уми июни соли 2000-ум нашриёти «Маориф» ва Матбааи аввалин ба ҳам муттаҳид шуда бо номи ҶСШК «Матбуот» амал мекунад. Нашриёти «Маориф» соли 2003-юм аз ҶСШК «Матбуот» ҷудо гардида, Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг» номида шуд.

Номи Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 3-юми марти соли 2014, №145 ба Муассисаи нашриявии «Маориф» иваз карда шуд.

Муассисаи нашриявии «Маориф» аз рӯзи бақайдгирӣ тибқи қонунҳои амалкунанда ҳуқуққабулкунандаи «Нашриёти давлатии адабиёти таълимиву педагогӣ» («Нашрдавтаълпедтоҷик»), Нашриёти «Маориф» ва Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг» мебошад.

Аз соли 1986-ум нашри китобҳои дарсии нави ранга барои мактабҳои ибтидоии чаҳорсола оғоз ёфт. Соли 1989-ум нашри чунин китобҳои дарсии синфҳои 1– 4 ба анҷом расид. Барои хонандагони мактабҳои ибтидоии чорсола ба таври маҷмӯи (комплектӣ) китобҳо чоп шуд, ки ба он китобҳои дарсӣ, васоити таълим, адабиёти методӣ, маводди дидактикӣ, дафтарҳои таълими савод, дафтари математика дохиланд.

Бояд гуфт, ки чунин маҷмӯи китобҳои дарсӣ барои хонандагони мактабҳои ибтидоии чорсола дар он аём бесобиқа буда, комёбии бузург дар соҳаи маориф ва табъу нашр ба шумор мерафт. Маҷмӯи (комплекти) китобҳо дар Намоишгоҳи комёбиҳои ҳоҷагии халқи Маскав ва Намоишгоҳи китоби Рига ба намоиш гузошта шуда, соҳиби медалу ҷоиза гардиданд.

Тавассути нашриёти «Маориф» дар кишварамон китобҳои дарсии забонҳои ҳориҷӣ, аз ҷумла забонҳои англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, арабӣ ва форсӣ бо теъдоди ҳазорон нусха ба табъ расид. Бори аввал дар кишварамон бо ҳамдастии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таълифи китобҳои дарсии аслӣ озмун эълон гардид. Қайд кардан лозим аст, ки бори аввал китобҳои дарсии алтернативӣ, яъне ду китоб барои як фан барои як синф ба табъ расид. Чунончи, барои синфи якум ду китоби «Алифбо» ва ду китоби «Шиносоӣ бо табиат», барои синфи нуҳум ду китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» нашр гардид.

Ба таври ранга чоп кардани китобҳои дарсӣ яке аз вазифаҳои асосии ин нашриёт ба ҳисоб мерафт. То соли 1973-юм ҳамагӣ 4 номгӯй китоби дарсии ранга чоп шуд, соли 1980-ум шумораи онҳо ба 15 адад расид.

Аввалин китоби дарсии аслӣ барои донишҷӯён, ки соли 1966-ум аз чоп баромад, «Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик» буда, онро гурӯҳи донишмандони тоҷик бо сарварии донишманди маъруфи тоҷик Б. Ниёзмуҳаммадов таълиф карда буданд. То ин давра дар ҷумҳуриамон танҳо барномаи маводди методӣ ва чанд китоби тарҷумавӣ чоп шуда буд.

Нашриёти «Маориф», сарфи назар аз мушкилоти иқтисодӣ, камбуди коғазу маводди полиграфӣ, вазъияти душвори бuҳронии кишвар нашри китобҳои дарсиро бомуваффақият идома медиҳад. Чунончи, соли 1992 –53 номгӯй, 1993 –62 номгӯй, 1994– 45 номгӯй, 1995–47 номгӯй, 1996–15 номгӯй, 1997–28 номгӯй, 1998–29 номгӯй, 1999–31 номгӯй, 2000– 23, 2001–22 номгӯй, 2002–20 номгӯй, 2003–23 номгӯй, 2004–33 номгӯй, 2005–62 номгӯй, 2006–60 номгӯй,

2007–71 номгӯй, 2008–58 номгӯй, 2009–52 номгӯй, 2010–63 номгӯй, 2011–49 номгӯй, 2012–40 номгӯй, 2013–46 номгӯй, 2014–59 номгӯй, 2015–130 номгӯй адабиёти таълимӣ, методӣ, бадеӣ, бачагона, илмиву оммавӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои аёниро барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ омода ва нашри онро таъмин намуд.




Ҳамчунин, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти маориф, баланд бардоштани тафаккуру ҷаҳонбинии хонандагон, дар рӯҳияи одобу ахлоқи писандида, ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбия кардани онҳо мебошад. Муассисаи нашриявии «Маориф» бо ин мақсад дар пайи иҷрои пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар суханрониашон бо зиёиёни мамлакат (соли 2007) зарурати аз нав эҳё намудани чопи асарҳои намояндагони бузурги адабиёти классикии тоҷику форс ва муосирони ватаниву ҷаҳониро бо номи силсилаи «Китобхонаи мактаб» таъкид намуда буданд, фаъолият намуда, дар тӯли панҷ сол (2007-2011) аз ин силсила 51 номгӯй адабиётро аз осори классикони тоҷику

форс бо теъдоди 171500 ҳазор нусха бо ороиши зебову сифати баланд аз чоп баровард.

Боиси ифтихор аст, ки китобҳои ин силсила – «Мунтахаби осори Убайди Зоконӣ» дар Намоишгоҳи китоби шаҳри Маскав сазовори ҷойи сеюм ва китоби «Ҳикоёт ва ҳикматҳо аз «Гаршоспнома» соли 2008-ум беҳтарин китоб барои бачагон эълон шуда, сазовори Дипломи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

Дар пайи иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз вохӯриҳояшон солҳои 2006-2010 бо зиёиёни мамлакат бармеоянд, ҳамчунин иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарастии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳри ҳар чи бештар ба табъ расонидани адабиёти бадеӣ барои кӯдакону наврасон соли 2011 дар заминаи шуъбаи адабиёт барои наврасону атфоли Муассисаи нашриявии «Маориф» Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона» таъсис дода шуд, ки аз ибтидои соли 2012 фаъолияташро оғоз кард.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Муассисаи нашриявии «Маориф» низ ба нашри адабиёти бачагона нигаронида шудааст. Ба ин мақсад дар муассиса шуъбаи адабиёт барои бачагон амал мекунад. Муассиса давоми солҳои 2003-2015 барои таъмини адабиёти бачагона 456 номгӯй китобҳои бачагонаро омода ва нашри онро таъмин намудааст.

Саҳми муассисаро дар таҷлили ҷашни 80-солагии пойтахтамон- шаҳри Душанбе қайд кардан ҷоиз аст. Ба ифтихори ин ҷашни фархунда (соли 2004) китоби «Меҳрномаи Душанбе» иборат аз 14,5 ҷузъи чопӣ омода гардид, ки дар он беҳтарин шеъру таронаҳои дар васфи Душанбе бахшидаи чи шоирони тоҷик ва чи шоирони бурунмарзӣ гирд оварда шудаанд. Инчунин, плакати тасвирӣ бо номи «Душанбе – пойтахти Тоҷикистон» бо теъдоди 5000 нусха ба табъ расид.

Тазаккур бояд дод, ки аз 28-уми сентябр то 1-уми октябри соли 2005-ум Муассисаи нашриявии «Маориф» дар намоиши байнидавлатии «ИДМ: Маориф 2005» дар шаҳри Маскав ширкат варзида, 82 номгӯи маводди чопкардаашро ба намоиш гузошта, соҳиби диплом гардид. Ин комёбӣ

натиҷаи ҷустуҷӯи роҳҳову усулҳои нави кор дар шароити иқтисоди бозоргонӣ мебошад.

Бахшида ба истиқболи 60-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ плакати «Фарзандони Тоҷикистон – Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ», ба 80-солагии интишороти тоҷик китоби Раҳимҷон Шарофзода бо номи «Нашриёти Маориф ва фарҳанг» ва бахшида ба Соли тамаддуни ориёӣ китоби Т. Отахонов ва С. Сулаймониро бо номи «Тамаддун» омода намуда аз чоп баровард.

Инчунин муаасиса плакати «Аркони сухан»-ро бо акси 28 нафар шоирони тоҷику форс бо теъдоди 28 ҳазор нусха нашр намуд. Тамоми аксҳо бори аввал ба таври ранга ва ороишоти миллии точикӣ тартиб дода шуда, барои кашидани расмҳо муассиса беҳтарин рассомони ҷумҳуриро ҷалб кардааст. Дар ҳар як расми тасвирии ин силсила мухтасар аз тарҷумаи ҳол ва намунаи ашъори адибон маълумот дода шудааст, ки имрӯзҳо тамоми сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, намоишгоҳҳои ватанию хориҷӣ, мактабҳои тоҷикии бурунмарзии кишварҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистонро зеб додаанд.

Силсилаи мазкур аз тариқи муассиса чор маротиба ба теъдоди умумии 98000 нусха нашр гардида, дар Намоишгоҳои китоби «Теҳрон», «Таҳсилот – 2005 ва 2006»-и Маскав, «Книги Белоруссии, 2007, 2008, 2009 ва 2010» ва «Китоби Туркманистон» баҳои баланд гирифтааст.

Соли 2006, нахустин бор дар ҷумҳурӣ бо мақсади тарғиби намояндагони бузурги адабиёт ва фарҳанги тоҷик ва, инчунин, тарғиби худогоҳиву худшиносӣ ва ифтихори миллӣ 35-навъи дафтарҳои таълимӣ ва мактабиро бо акси шоиру нависандагони классику муосир ба чоп расонд. Инчунин, 27 навъи дафтарҳои фаннӣ ва 8 навъи дафтарҳои таълимӣ, бо теъдоди умумии 850 ҳазор нусха ба табъ расид.

Бахшида ба ҷашнҳои бузурги таърихӣ – 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, бузургдошти Соли тамаддуни ориёӣ, 15-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон муассиса адабиёти илмиву оммавӣ ва тақвиму плакатҳоро бо сифати аъло ва ороиши зебо аз чоп баровард, ки аҳамияти маърифатии онҳо

чи барои хонандагон ва чи барои тамоми сокинони ҷумҳурӣ дар равшан намудани саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик ва инъикоси дастовардҳои бузурги солҳои Истиқлолияти Тоҷикистон басо муҳим аст. Аз ҷумла «Нақши ориёиҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ»,чопи «Ориён – рӯшангари Шарқ», Дарвеши Баҳриддин «Хатлонномa», М. Мухторов «Даҳ соли якдилӣ», Д. Раҳимов «Фарзандони содиқу барӯманди Ватан», инчунин, плакатҳои «Ҳамеша бо халқ», «Кафили сулҳу дӯстӣ», ки фаъолият ва дастовардҳои бузурги Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи ободонӣ ва истиқрори сулҳ дар тӯли 15-соли истиқлолият инъикос менамоянд, бо сифати баланд нашр гардиданд.

Зарурат ва эродҳои шаҳрвандонро ба инобат гирифта, нашриёт соли 2007-ум дар ҳамкорӣ бо Раёсати бозрасии автомобилии Ҷумҳурии Точикистон плакатҳои «Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (12 навъ) ва китоби дарсӣ аз рӯйи барномаи таълимӣ барои синфҳои 1, 2, 3 ва 4-ро бо теъдоди ҳар кадоме 30 000 нусхагӣ омада ва чоп намуд.

Тибқи мурочиати Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон барои амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» нашриёт 42 номгӯй адабиёти дарсиву методии ин донишгоҳро омода гардонида, ба забони тоҷикӣ нашр намуд.

Муассиса оид ба иҷрои банди 8-ум, зербанди 6-уми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010» аз 03.06.2006, №239 амал карда, дар сохтори муассиса шуъбаи санъатро ташкил намуд. Давоми солҳои 2007-2010 аз тариқи ин шуъба 13 номгӯй асарҳои бастакорон ва арбобони санъати тоҷик, аз ҷумла китобҳо таҳти унвони «Маҳмудҷон Воҳидов»-и Низом Нурҷонов, «Ато Муҳаммадҷонов»-и Низом Нурҷонов, «Мезанад борон ба шиша»-и Муродбек Насриддинов, «Дилнавоз»-и Қудратулло Яҳёев, «Роҳнамои режиссёр»-и Нур Табаров, «Дойрадасти наврас»-и А.Акрамов, «Нолаи танбӯр»-и

М.Эшонқулов, «Суруду навоҳои дилнишин»-и Абдусалом Раҳимов, «Парвози хаёл»-и Баҳодур Неъматов ва «Тӯлқун» аз хазинаи Фазлиддин Шаҳобов»-и Алмос Абдуллоев аз чоп баромад ва пешкаши хонандагони нуктасанҷ гардонида шуд.

Муассиса вобаста ба чорабиниҳову ҷашнҳои бузурги давлатӣ ҳамеша дар тарғибу ташвиқи таъриху фарҳанги миллӣ саҳмгузорӣ мекард ва минбаъд ҳам саҳми арзандаи худро мегузорад. Чунончи, бахшида ба ҷашни 100–солагии Сотим Улуғзода китоби «Достонҳои Шоҳнома», 100-солагии Фазлиддин Шаҳобов китоби «Тӯлқун-аз хазинаи Ф.Шаҳобов», 100-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода китобҳои «Мунтахаби ашъор» ва «Ошёни баланд», 70-солагии Лоиқ Шералӣ китоби «Тоҷикистон-мазҳари ман» ва бахшида ба 20 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамғаи «20-баҳори Истиқлол» дар ду номинатсия; адабиёт барои наврасон 13 номгӯй ва адабиёт барои хонандагони синни калони мактабӣ 20 номгӯй китобҳоро бо теъдоди умумии 48500 нусха ва плакати ҷашнӣ бо номи «Шукри Истиқлоли Ватан»-ро бо теъдоди 10000 нусха аз нашр баровард. Инчунин, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диски «Матни шиорҳо бахшида ба 20-солагии Истиқлолият ва аҳамияти НБО «Роғун»-ро омада карда, ба музофотҳои кишвар фиристод.

Нақшаҳои эҷодиву истеҳсолии ин муассисаи нашриявӣ хеле зиёданд. Ҳайати кормандони нашриёти «Маориф» имрӯзҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо комёбиҳои арзандаи эҷодиву истеҳсолӣ ҷашни фархундаи 25–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сазовор истиқбол гиранд.

Дар пешбурд ва фаъолияти пурсамари муассиса роҳбари кордону тарҷибадор узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Наҷмиддин Зайниддинов ва кормандони собиқадору соҳибтаҷриба Холов Музаффар, Сатторов Қиёмидддин, Додохон Ҷалолов, Меликова Малика, Аҳмадшоҳ Комилзода, Қосимхуҷа Назаров ва Иқбол

Сатторов саҳми баланди худро мегузоранд. Маҳз ба шарофати ҳамин гуна кормандон мушкилтарин вазифаи дарпешистода софдилона ва хушсифат ба ҷо оварда мешавад.

Заҳмати кормандони Муассисаи нашриявии «Маориф» моҳи сентябри соли 2005-ум бо Дипломи Намоишгоҳи кишварҳои узви ИДМ – «Таҳсилот – 2005», солҳои 2008-ум ва 2009-ум бо Дипломи «Китоби Белорус», соли 2008 бо Дипломи «Соҳаи таъбу нашри Турманистон», соли 2010-ум бо Дипломи дараҷаи 3-и озмуни 7-уми «Санъати Китоб»-и кишварҳои узви ИДМ, солҳои 2010-ум ва 2011-ум бо Дипломи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2011-ум, 2012-ум, 2013-ум ва 2014-ум бо Дипломи Намоишгоҳи байналмилалии китоби Душанбе сарфароз гардонида шудааст.

# БОБИ 3. ЗАМИНАИ ТАЪЛИМӢ ВА МОДДИИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

## § 1. РУШДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ДОНИШГОҲӢ

Пас аз ба даст даровардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастури бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок аҳамияти махсус дода, маблағгузорӣ ба ин бахши муҳим сол аз сол афзоиш ёфта истодааст.

Агар дар соли 2000 ба соҳаи маориф 37 млн. 425 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2002 – 78 млн. 872 ҳазор, 2004 – 161 млн. 334 ҳазор, 2005 – 253 млн. 100 ҳазор, 2006 – 317 млн. 700 ҳазор, 2008 – 691 млн. 248 ҳазор, 2010 – 1 млрд. 68 млн. 300 ҳазор, 2012 – 1 млрд. 607 млн. 800 ҳазор, соли 2014 – 2 млрд. 516 млн. 965 ҳазор, соли 2015 – 2 млрд. 918 млн. 639 ҳазор ва соли 2016 3 млрд. 146 млн. 229 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи маблағгузории соҳаи маориф дар соли 2016 нисбат ба ММД – 5,5% ва нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ 17%-ро ташкил медиҳад.

Маблағгузории соҳаи маорифи кишвар дар соли 2016 нисбат ба соли 2005 12,4 маротиба ва нисбат ба соли 2010 2,9 маротиба афзиш ёфтааст ва ин нишондиҳанда дар солҳои минбаъда низ дида мешавад.

Дар даврони Истиқлолият аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва дастгирии соҳаи маориф тамоми чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки «Дастгирии соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор, дар навбати аввал, аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки аҳли

маориф дар рушди неруи инсонӣ саҳми бевосита дошта, яке аз қувваҳои пешбаранда ва фаъоли ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад ва гузашта аз ин, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба сатҳи рушди маориф вобастагии мустақим дорад.

Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он дида мешавад, ки тайи солҳои 2000-2005 андозаи номиналии музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаи маориф 6,9 маротиба афзуда, аз 11 сомонӣ дар соли 2000 ба 76,3 сомонӣ дар соли 2005 баробар шуд. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаи маориф соли 2010 ба 279 сомонӣ ва дар соли 2014 ба 699 сомонӣ баробар шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2000 63,5 маротиба ва нисбат ба соли 2005 9,1 маротиба зиёд аст.

Дар даврони Истиқлолият дар бахши иқтисод ва молияи соҳаи маориф ислоҳоти зиёде гузаронида шуд, яъне дар солҳои охир ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти умумии кишварро аз комёбиҳои ин соҳа шуморидан мумкин аст. Низоми нави маблағгузорӣ тақсимоти шаффофу боадолатонаи маблағҳои буҷетӣ ва самаранок истифода бурдани онҳоро таъмин менамояд.

Дар пайи ин ислоҳот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2004, №441 қабул карда шуд, ки тибқи он аз 1 январи соли 2005 муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрҳои Кӯлобу, Хуҷанд ва Хоруғу Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон ҳамчун шаҳрҳои ноҳияҳои таҷрибавӣ ба низоми нави маблағгузорӣ гузоштанд.

Дар тули ду соли ҷорӣ намудани низоми нави маблағгузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ натиҷаҳои назаррасе ба даст омаданд ва боиси он шуд, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №502 «Дар бораи ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронидани баъзе муассисаҳои таълимии умумӣ» ба имзо расид, ки тибқи он муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияҳои Б.Ғафуров, Шаҳринав, Шуғнон,

Шоҳмансур ва шаҳрҳои Сарбанд, Гулистон, Бӯстон аз 1 январи соли 2007 ба шаклҳои нави маблағузорӣ ва идоракунӣ гузаронида шуданд.

Аз 1 январи соли 2008 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, №350 «Дар бораи марҳилаҳои гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ» муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Нораки вилояти Хатлон, ноҳияҳои Сино, Фирдавсӣ ва Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Турсунзода ва Ҳисор ба шаклҳои нави маблағгузорӣ гузаронида шуданд.

Инчунин, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, №505 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» қабул карда шуд, ки тибқи он қоидаҳои маблағгузории меъёрии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, механизми маблағгузории меъёрӣ, меъёрҳои минималӣ барои як хонанда ва як мактаб, коэффитсиентҳои махсус барои муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ, ҷадвали гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба маблағгузории меъёрӣ тасдиқ карда шуданд ва аз соли 2010 тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба ин низоми маблағгузорӣ гузоштанд.

Мақсади асосии ба шаклҳои нави маблағгузорӣ гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар таъмини истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ мебошад, ки он бо роҳи васеъ намудани мустақилияти мактабҳо дар идораи захираҳои молию пулӣ ва инсонӣ ба даст оварда мешавад.

Низоми маблағгузории сарикасӣ ба натиҷаи фаъолияти муассисаи таълимӣ равона гардидааст ва дар алоқамандӣ бо дигар самтҳои ислоҳот, ки дар соҳаи маориф амалӣ карда мешаванд, шароити иловагиро барои баланд бардоштани сифати таҳсилот муҳайё мекунад. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонанд мустақилона роҳҳои дуруст ва самаранок истифода бурдани маблағҳои барои мактаб

ҷудошударо истифода баранд, ки барои беҳтар намудани пояи моддию техникии мактаб ва ҳавасманд намудани кормандони он равона карда мешавад.

Гузариш ба низоми нави маблағгузорӣ натиҷаҳои назаррасро ба бор оварда, аз тарафи Вазорати маориф ва илм мониторинг ва таҳлили он мунтазам гузаронида мешавад. Таҳлили нишондиҳандаҳои гузариш ба маблағгузории сарикасӣ нишон медиҳанд, ки самаранокии исти-фодабарии маблағҳои буҷетӣ беҳтар шудааст. Аз ҷумла, агар соли 2005 дар ноҳияҳои таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна таносуби хонанда ба синф 21 нафарро ташкил дода бошад, соли 2010 ин нишондиҳанда ба 22 нафар ва дар соли 2015 23 нафар баробар шуд. Таносуби хонанда ба омӯзгор низ аз 17 нафар дар соли 2005 ба 19 нафар дар соли 2015 баробар шудааст.

Дар баробари ин, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҷавонон таваҷҷуҳи хоссае зоҳир гардида, шароити хуби корӣ ва имтиёзҳои зиёде пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавони соҳаи маориф ва ҷалби онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ 3 майи соли 2006, №197 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» қабул карда шуд.

Тибқи банди 1 қарори мазкур барои се соли аввали фаъолияти омӯзгорони ҷавоне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ҳастанд ва дар намудҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ кор мекунанд имтиёзҳои зерин муайян кард ашудааст:

– бе навбат ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ;

– додани қарзҳои имтиёзнок барои хариди чорвои калони шохдори ширдеҳ ё бунёди 20 оилаи занбӯри асал.

Қарзи имтиёзнок ба омӯзгорони ҷавоне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ҳастанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумии гуногун кор мекунанд, дар ҳаҷми то 6000 (шаш ҳазор) сомонӣ ба таври накдӣ ва ғайринакдӣ бо меъёри 3

фоизи солона дода мешавад.

Агар дар соли 2008 92 омӯзгори ҷавон барои гирифтани қарзи имтиёзнок муроҷиат карда ҳамагӣ 552 ҳазор сомонӣ қарз гирифта бошад, пас дар соли 2014 ин нишондиҳанда мутаносибан ба 254 ва 1 млн. 524 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2015 ба 213 ва 1 млн. 278 ҳазор сомонӣ баробар мебошад.

Ҳамзамон, дар ин давра (соли 2010) бо мақсади ба низоми ягона даровардани санадҳои меъёрию ҳуқуқии вобаста ба пардохти музди меҳнати кормандон дар муассисаҳои таълимӣ "Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф" омода карда шуда, бо вазоратҳои молия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқҳои касабаи кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки бо ташаббуси Вазорати маориф ва илм лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи андоза ва тартиби пардохти иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд" омода карда шуд, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 июли соли 2015, №433 тасдиқ гардид. Дар асоси қарори мазкур маблағгузории иловапулӣ ба маоши омӯзгорони ҷавон, ки дар деҳот фаъолият менамоянд аз 1 сентябри соли 2015 ва дар солҳои минбаъда дар доираи маблағҳои барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешбинишуда амалӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, низоми нави маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти давлатии томактабӣ низ ҷорӣ карда шуд. Ин шакли нави маблағгузорӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет имконияти мусоид фароҳам меоварад, ба афзун гардонидани дастрасии таҳсилоти босифат барои қишрҳои мухталифи аҳолӣ мусоидат менамояд.

Ҷиҳати ҷорӣ намудани ин низом дар муассиаҳои таҳсилоти томактабии давлатӣ "Дастурамали тавсиявӣ оид ба ҷорӣ намудани механизми нави маблағгузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии давлатӣ (озмоишӣ)"-и

ноҳияҳои Ишкошими ВМКБ, шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, ноҳияҳои Фархор ва Бохтари вилояти Хатлон, шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, ноҳияҳои Ашт, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд, шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Рашт, Шаҳринав ва шаҳри Душанбе барои соли 2015 аз ҷониби вазоратҳои маориф ва илм ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мувофиқа расонида шуда, дар асоси он фармоиши якҷояи вазоратҳои маориф ва илм (№328 аз 09.02.2015) ва молия (№185 аз 09.02.2015) "Оид ба ҷорӣ намудани шаклҳои нави маблағгузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти давлатии томактабӣ дар соли 2015" ба тасвиб расид.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) гузаронидани муассисаҳои давлати таълимии томактабӣ" 2 ноябри соли 2015, №627 қабул карда шуд, ки тибқи ин қарор аз 1 январи соли 2015 бо таври озмоишӣ 14 шаҳру ноҳия ва аз 1-уми январи соли 2017 тамоми муассисаҳои давлатӣ таълимии томактабии ҷумҳурӣ ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) гузаронида мешаванд.

**Маблағгузории соҳаи маориф дар даврони Истиқлолият (млн. сомонӣ)**

| Сол | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маб-лағ | 11973 | 12845 | 78872 | 100 984 | 161 334 | 253 070 | 317 694 | 506 323 |
| Сол | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| Маб-лағ | 691 248 | 1110 208 | 1068 341 | 1363 359 | 1607 836 | 2 130 836 | 2 516 965 | 2918 639 |

## § 2. ГУСТАРИШИ ТАҲИЯ ВА НАШРИ АДАБИЁТИ ТАЪЛИМИЮ ИЛМӢ

Дар замони соҳибситиқлолӣ таҳия, нашр ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст. Барои он ки барои мактабҳои тоҷикӣ китобҳои дарсӣ ба пуррагӣ рӯйи чоп оянд,

ин раванд чанд марҳиларо паси сар намуд. Метавон онро марҳилаи тозаи таҳаввулот дар таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ арзёбӣ кард ва ин кор аз нав бо назардошти арзишҳо ва хусусиятҳои миллӣ оғоз шуд. Аммо солҳои аввали истиқлолият дар самти корҳои нашри китобҳои дарсӣ низ камбудиҳои зиёде ҷой доштанд. Иқтидори иқтисодии мамлакат имкон намедод, ки нашр ва тақсимоти китобҳои дарсӣ ба таври қаблӣ ба роҳ монда шавад. Роҳбарияти ҳамонвақтаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоии китобҳои дарсиро дарк карда, зарурати нашри адабиёти таълимиро масъалаи аввалиндараҷа ҳисобид ва ба ин кор сармояи хориҷиро ҷалб намуд. Ҳамин тариқ, соли 1994 аз ҷониби Хазинаи кӯдаконаи СММ – ЮНИСЕФ 280 тонна коғази аълосифат барои нашри адабиёти таълимӣ ба таври ройгон ҷудо гардид. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби ин коғазҳо 12 номгӯй китобҳои дарсӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо теъдоди 1 миллиону 200 000 нусха ба нашр расонида шуд. Ин амал қадами аввалин дар самти чопи китобҳои дарсӣ дар таърихи маорифи кишвар буд. Аз солҳои 1994 то соли 2001 асосан китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ, аз қабили «Алифбо», «Забони модарӣ» ва «Математика» нашр мешуданд.

Баҳри ташаккулу такомули соҳаи маориф дар як муддати кӯтоҳ корҳои муҳимме ба сомон расонида шуд. Барои нашри китобҳои дарсӣ ҷалби сармоягузорони хориҷӣ сол ба сол зиёд шуд. Соли 1998 Бонки ҷаҳонӣ барои нашри 18 номгӯй китобҳои дарсии синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 1 миллиону 800 000 доллари амрикоӣ маблағ ҷудо кард, ки ин амал маорифи кишварро то андозае аз вартаи норасоии китобҳои дарсӣ баровард. То ин давра асосан китобҳои дарсии дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, ки асосан аз русӣ тарҷума мешуданд, мавриди амал қарор доштанд. Мутассифона китобҳои дарсиеро, ки барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз соли 1995 то соли 2001 чоп шуда буданд, бо сабаби пастсифатиашон ҳатто як

сол ҳам истифода бурда наметавонистанд.

Мушкилоти дигар, ки то солҳои 2000-ум барои рушди соҳа монеа эҷод мекард, хеле кам будани маблағҳои буҷетӣ буданд. Масалан, дар соли 1999 ҳамагӣ 9 номгӯй китобҳои дарсӣ бо теъдоди 780 000 нусха чоп шудаанд. Вазъият дар солҳои 2000 – 2001 низ чандон беҳ набуд. Бо назардошти чунин вазъият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чопи китобҳои дарсӣ 16,5 млн сомонӣ маблағҳои инвеститсиониро равона кард. Ба ҳамин тартиб таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ зина ба зина вусъат ёфт.

Аз соли 2001 низоми иҷораи китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба роҳ монда шуд. Бо мақсади ба низом даровардани таълиф, тарҷума, чоп ва таъмин намудани хонандагон бо китобҳои дарсӣ соли 2002 дар Вазорати маориф шуъбаи таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ таъсис дода шуд. Бинобар васеъ шудани доираи фаъолияти шуъба он дар соли 2005 ба раёсат табдил ёфт. Барои бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта кормандони дастгоҳи Вазорати маориф фаъолияти корҳои нашрии дигар мамлакатҳои рушдёфтаро омӯхта, ба хулосае омаданд, ки барои самаранокии корҳои нашрии китобҳои дарсӣ басти вазифавии раёсатро васеъ бояд кард. Бинобар ин бо пешниҳоди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2007 раёсат ба Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ (минбаъд Марказ) табдил дода, доираи фаъолияти вай васеъ гардида, чопи китобҳои дарсӣ ва ҳама гуна маводи таълимӣ ба уҳдаи он вогузор карда шуд. Бо мақсади таъмини мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо китобҳои дарсӣ 3-юми августи соли 2007 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №391 дар бораи “Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010” қабул ва дар доираи он нашри китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон бо забони тоҷикӣ пурра ба анҷом расонида шуда, нашри такрории қисми зиёди китобҳои дарсии солҳои

2001– 2005 низ роҳандозӣ гардид.

Дар умум давоми солҳои 2000-ум то 2012 зиёда аз 160 номгӯй китобҳои дарсӣ аз ҷониби Марказ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ зина ба зина нашр ва дастрас гардонида шуд. Дар соли 2009 марҳилаи дигари чопи китобҳои дарсӣ, яъне таҳияи китобҳои дарсии насли нав шурӯъ гардид. Нахустин китобҳои дарсии насли нав «Забони модарӣ» ва «Математика» барои хонандагони синфҳои 1-4 буда, мутобиқ ба меъёр ва талаботи байналмилалӣ рӯйи чоп омадаанд. Маҳз бо ҳамин мақсад гурӯҳҳои доимоамалкунандаи муаллифону мураттибони стандартҳо, барномаву нақшаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ таъсис дода шуд.

Гузашта аз ин, аз соли 2012 инҷониб Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти чопи китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ лоиҳаи ҷадидеро рӯйи даст гирифт. Яъне чопи китобҳои дарсӣ ва маводи таълим дар дохили кишвар буд. Ин иқдом дар ҳоле роҳандозӣ гардид, ки то ин замон тамоми китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ дар хориҷи кишвар нашр шуда, маблағҳои ҳангуфт ва дар шароити имрӯза барои мактабу маориф ва умуман ҷумҳурӣ хеле зарурӣ ба берун мерафт. Ташаббуси Вазорати маориф ва илм дар самти ба роҳ мондани чопи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ дар дохили кишвар агар аз як тараф роҳи ҷилавгирӣ аз ҳама гуна бенизомиҳо шуда бошад, аз ҷониби дигар боиси рушди ширкатҳои нашрии ватанӣ ва ба вуҷуд омадани ҷойҳои кории зиёд гардид. Ҳамчунин дар соҳаи полиграфии кишвар як фазои беҳтари корӣ муҳайё шуда, аксари чопхонаҳо соҳиби дастгоҳҳои пуриқтидор гаштанд.

Дар умум давоми соҳибистиқлолии кишвар аз ҷониби Марказ бо назардошти нашри такрорӣ 472 номгӯй китобҳои дарсӣ бо теъдоди 27 993 921 нусха ба маблағи умумии 152 498 043 ба нашр расонида шудааст. Ин раванд сол аз сол афзоиш меёбад. Дар навбати худ дар давоми ин солҳо ба суратҳисоби махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 131 021 387 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои иҷораи

китобҳои дарсӣ ворид гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар Марказ чопи китобҳои дарсиро барои хонандагони ақаллиятҳои миллӣ низ бомуваффақият анҷом додааст. Аз он ҷумла, барои хонандагони русзабони ҷумҳурӣ дастурҳои методии «Права человека, 10-ый класс» ва «Права человека, 11-ый класс» бо теъдоди 5 000-нусхагӣ, китобҳои дарсии «Права человека» барои синфи 11 бо теъдоди 2 500 нусха, «История таджикского народа» барои синфи 9 бо теъдоди 15 000 нусха ба нашр расонида шуд. Ҳамзамон бо ёрмандӣ ва маблағгузории ташкилотҳои Федератсияи Русия китобҳои дарсии «Русский язык» барои синфҳои 5, 10–11, «Литература» барои синфҳои 6–11 бо теъдоди умумии 40 810 нусха (ҳар як китоб 5 830-нусхаӣ) нашр ва ба муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони русӣ дастрас гардонида шуд.

Барои мактабҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони ӯзбекӣ низ зиёда аз 33 нусха китобҳои дарсӣ бо теъдоди 1 041 370 нусха ба маблағи 5 258 924 сомонӣ ба нашр расонид. Барои мактабҳои таҳсилоти умумии таълимоташон бо забони қирғизӣ соли 2006 бо маблағҳои ҷудонамудаи Бонки ҷаҳонӣ аз Ҷумҳурии Қирғизистон 18 номгӯй китобҳои дарсӣ бо теъдоди 23 600 нусха ба маблағи 327 574 сомонӣ харидорӣ ва дастрас гардонида шуд. Дар ин самт ҳамзамон соли 2010 китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик» барои синфи 6 ба забони қирғизӣ тарҷума ва бо теъдоди 2 000 нусха чоп шуд. Барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забонҳои ғайритоҷикӣ низ китобҳои дарсии «Забони давлатӣ» аз синфҳои 2 то 10 нашр шуд, ки мавриди истифодаи хонандагони ин мактабҳо қарор доранд. Лозим ба ёдоварист, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳия ва таҷдиди назар шудани китобҳои «Забони давлатӣ» (аз синфи 2 то 10) гурӯҳи корӣ ба кор шурӯъ кардааст. Барои хонандагони туркманзабони ҷумҳурӣ соли 2011 китобҳои дарсии «Харплык», (Алифбо) (с.1) 200 нусха, «Эне дили» (с.1-4), (Забони модарӣ) ва «Математика» (с.1) бо теъдоди

200 нусхагӣ ба нашр расонида шуд.

Таҳияи якчанд санадҳои марбута, ки дар ин муддат рӯйи кор омад, барои беҳтар шудани фаъолияти соҳа мусоидат мекунад. Аз он ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» аз 26-уми июли соли 2014, таҳти №1122 қабул гардид, ки барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таҳия ва нашри адабиёти таълимӣ, инчунин кафолат ва талаботи давлатӣ ба адабиёти таълимӣ замина мегузорад. Ҳамчунин бо мақсади баланд бардоштани сатҳи мазмуну муҳтавои адабиёти таълимии дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда «Низомномаи намунавӣ оид ба таҳия, экспертиза ва нашри адабиёти таълимӣ» таҳия гардид, ки он муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти таҳия, экспертиза ва нашри адабиёти таълимӣ ба танзим медарорад.

Нуктаи дигаре, ки дар мадди назари ҳамешагии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва роҳбарияти Вазорати маориф ва илм қарор дорад, ин сифату мазмуни китобҳои дарсӣ мебошад. Барои беҳтар шудани сифати нашр ва таҳрири адабии китобҳои дарсӣ соли 2012 Муассисаи нашриявии «Маориф» ва КВД «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе» аз Вазорати фарҳанг ба тавозуни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Умеди моро дар ин самт таъкиди Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни суханронӣ бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ садо дод, қавитар масозад. «Замони муосир ва ҳазораи нав тақозо мекунад, ки вобаста ба ворид гардидани принсипи салоҳиятнокии касбӣ дар раванди таҳсилот стандартҳои нави давлатии таълим такмил дода, вобаста ба ин, барои ҳамаи зинаҳои таълим насли нави китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ таҳия карда шаванд. Яъне корро тавре ба роҳ бояд монд, ки омӯзгор ва хонанда доир ба ин, ки чаро бояд хонад, донад ва иҷро карда тавонад, тасаввур ва маълумоти амиқ дошта бошад. Илова бар ин, зарурати ба забони русӣ тарҷума кардани як қатор китобҳои

дарсии тоҷикӣ, аз ҷумла таърихи халқи тоҷик, география ва монанди инҳо, инчунин дар дохили кишвар ба теъдоди зарурӣ чоп кардани китобҳои дарсӣ барои мактабҳои забони таҳсилоташон русӣ пеш омадааст, ки иҷрои ин кор вазифаи масъулони соҳа мебошад».

Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави сиёсати хирадмандонаи Ҳукумат ва Президенти фарҳангсолори кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мудом фаъолияти худро дар самти таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ идома дода, ҳама гуна иқдому ташаббусҳои наҷибу шоистаро баҳри рушди соҳа дастгирӣ ва рушду тавсеа мебахшад.

## § 3. ТАҲКИМИ ИДОРАКУНӢ ВА ИТТИЛООТОНИИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ДОНИШГОҲӢ

Дар давраи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи иттилоотии идоракунии соҳаи маориф барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ барномаи компютерии системаи иттилоотии идоракунии маориф таҳия ва фаъолгарданда шудааст, ки маълумотҳои оморӣ тибқи барномаи компютерӣ ҷамъоварӣ ва коркард мешаванд.

Ҷорӣ намудани системаи иттилоотии идоракунӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба раванди таълим мусоидат менамояд.

Компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёна барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои ҷаҳонии таъминот бо техникаи компютерӣ, ба пуррагӣ васл намудани муассисаи таълимӣ ба шабакаи Интернет, таҳия ва ҷорӣ намудани технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар ҳамаи самтҳои маориф,

фароҳам овардани марказҳои захираҳои иттилоотии таълимӣ дар минтақаҳо ва портали таълимии вазорат, таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёна бо нашрияҳои таълимии электронӣ мутобиқи барномаҳои таълимӣ ва ҷорӣ намудани низоми иттилоотии мониторинг, таҳлил ва идоракунии муассисаҳои маориф замина мегузорад.

Татбиқи самтҳои зикргардида баланд бардоштани сифати таҳсилро аз ҳисоби ҷорӣ кардани технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ ба раванди таълим ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти саҳеҳи мониторинг ва таҳлили вазъи маориф таъмин менамояд;

Аввали асри ХХ1-ро дар Ҷумҳурии сохибистиқлоли Тоҷикистон асри компютеркунонии оммавӣ номем, хато намекунем. Зеро дар ин давра истифодаи технологияи компютерӣ тамоми табақаҳои ҷомеаро фаро гирифт. Хусусан, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи компютеркунонии соҳаи маориф» далели ин гуфтаҳои боло мебошад.

Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №594 ҳамчун муассисаи тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ кардааст.

Айни замон, дар 64 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ Марказ ва бахшҳои хизматрасонии компютерӣ, ки дар онҳо аз 0,5 то 12,5 воҳиди корӣ таъсис дода шудаанд, фаъолият менамоянд. Вазифаи асосии ин марказу бахшҳо таъмири компютерҳо ва дастгоҳҳои техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ташкили семинар ва курсҳои кӯтоҳмуддат барои омӯзгорони фанҳои мухталиф мебошад. Дар ин давра 15 Марказ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ соҳиби иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ҷиҳати ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат гардиданд ва мустақилона омӯзиши курсҳои кӯтоҳмудати компютерӣ ва забонҳои хориҷиро ба роҳ мондаанд.

Аввалан, дар назди Вазорати маориф Шӯрои ТИК бо

ҷалби масъулини вазорат, мутахассисон аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва шарикони ҳамкори вазорат-Ассотсиатсияи дастраскунандагони Интернет, Фонди ҷамъиятии Интернет, Академияи виртуалии ТИК ва Фонди ҷамъиятии ташаббуси шаҳрвандии сиёсати интернет таъсис дода шуд. Шӯрои мазкур мунтазам ҷаласаҳои худро доир намуда, масъалаҳои вобаста ба амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро назорат менамояд.

Баҳри амалишавии ин мақсад муассисаҳои таълимӣ бояд сатҳу сифати хизматрасониро баланд бардошта, истифодабарии технологияи муосирро ҳамчун омили асосӣ баҳри ноилшавӣ ба мақсад пеш гузоранд. Ин тамоюл ба хатмкунандагон барои гирифтани маълумоти замонавӣ ва дар оянда соҳиб гаштан ба касби ҷавобгӯ ба талаботи бозор имконият фароҳам меоварад.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон 53556 адад компютер, 8816 адад принтер, 2239 генератори дизелӣ мавриди истифода қарор доранд. Дар ҷумҳурӣ ба 13,5 нафар хонандагони синфҳои 7-11 як адад компютер рост меояд ва барномаи давлатии компютеркунонӣ 110,8% иҷро гардидааст.

Бинобар ин, баланд бардоштани заминаи моддӣ - техникӣ, яъне таъмин бо тахтаҳои электронӣ, проекторҳо, пайвастан ба шабакаи ҷаҳонии интернет, бо барқи озод таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, таъсиси маводи таълимии электронӣ, дар сатҳи баланд гузаронидани такмили ихтисос ва омӯзиши омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва ба ташкили низома ягонаи иттилоотии соҳа зарурати бештар ба миён омадааст.

Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва

коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илм дар самти таъмин ва дастрасии бо барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методиву китобҳои дарсӣ бо назардошти охирин дастовардҳо дар ин соҳа, китобҳои дарсӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ бо забони давлатӣ, маводҳои электронӣ ва фиттаҳои омӯзишӣ, зиёда аз 160 номгӯй китобҳои дарсӣ ба шакли электронӣ гардонида шуда, барои дар амал татбиқ кардан бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастраси муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гардонида шуданд.

Шаклҳои электронии ҳама намуди китобҳои дарсӣ аз синфи 1 то 11, филмҳои таълимӣ (ҳаёт ва фаъолияти Мирзо Турсунзода, Истиқлолият ва рушди маориф), китоби Забони тоҷикӣ бо сабти овозиаш барои синфи 1, барномаҳои компютерии Забони англисӣ, русӣ, физика, химия, астрономия ва инчунин тестҳо барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ғайра омода шудаанд. Марказ нусхаи фиттаҳои электронӣ «Забони модарӣ», «Арифметикаи ман» «Мураббии сол», «Омӯзиши барномаҳо» «english_pictures», «english_teacher», «ABC», «Alphabet», «english_pictures», «russian_words», «write_words», «Изучаем русские слова» ва барои мактабҳои олӣ аз фанни математикаи олӣ барномаи электронии «Дониш» дастрас карда, ҳамчун айёниятҳо ба муассисаҳои таълимӣ фиристода шуданд.

Таъсиси китобхонаҳои электронӣ, бо тахтаҳои электронӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ ва истифодаи фаъоли онҳо дар ҷараёни таълим, таъсиси шабакаҳои локалии муассисаҳои таълимӣ, сохтани системаи иттилоотии идоракунии маориф, таъмини додугирифт ва интиқоли ахбор тавассути почтаи электронӣ ва шабакаи интернетӣ аз иқдомҳои дигари Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия дар ин самт мебошанд.

Ҳамчунин бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои тамоми Раёсат ва шуъбаҳои маорифи

вилоят,шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ почтаи электрониро дар домени «maorif. tj» таъсис додаанд. Бояд қайд кард, ки худи Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия низ тамоми доду гирифти маълумотро тавассути почтаи электронӣ ба роҳ мондааст.

Айни замон тамоми Раёсат ва шуъбаҳои маорифи ҷумҳурӣ ба шабакаи интернет пайваст буда, почтаҳои электронии худро доранд ва истифода менамоянд. Ҳамчунин бо мақсади иҷрои консепсия дар миқёси ҷумҳурӣ 1441 муассисаи таҳсилоти умумӣ ба шабакаи байналмилали интернет пайваст карда шудаанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим ба роҳ монда шудааст.

Марказ фаъолияти худро бо ташкилотҳои ҷамъиятии татбиққунандаи сиёсати давлат дар соҳаи ТИК муштарак ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, чорабиниҳои гуногун бо «Ташкилоти ҷамъиятии Фонди Интернет», Ташкилоти ҷамъиятии Маркази ТИК, Ассотсиатсияҳои дастраскунандагони Интернет, ҶДММ «Раҳовард» ва ғайраҳо дар мавриди тайёр кардани Барномаҳои компютерӣ, пайвасти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба шабакаи интернет ва гузаронидани озмунҳо. Инчунин бо ташаббуси Марказ Шӯрои директорони марказҳо таъсис дода шуд, ки ин бевосита барои пешбурди соҳаи технологияи информатсионӣ аҳамияти хосса дорад.

## § 4. РУШДИ СОХТМОНИ ИНШООТИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР СОЛҲОИ 1991-2015

Солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгзорӣ 2254 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 474103 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 2 млрд. 316 млн. 259 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст. Дар муқоиса шумораи сохтмони мактабҳо дар соли 1992 17 адад, соли 2013 251 ададро ташкил медиҳад, ки

нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 1992 14,7 маротиба зиёд мебошад.






Аз ин шумора аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 1319 бинои муассисаи таълимӣ барои 330704 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 1 млрд. 719 млн. 732 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби сармояи хориҷӣ 397 бинои муассисаи таълимӣ барои 72913 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 419 млн. сомонӣ, аз ҳисоби соҳибкорон ва ба тариқи ҳашар 538 бинои муассисаи таълимӣ барои 70486 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 177 млн. 526 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар маҷмӯъ, 132 бинои муассисаи таълимӣ барои 31512 ҷойи нишаст бо маблағи 181 млн. 820 ҳазор сомонӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 593 бинои муассисаи таълимӣ барои 147129 ҷойи нишаст бо маблағи 488 млн. 409 ҳазор сомонӣ дар вилояти Суғд, 868 бинои муассисаи таълимӣ барои 171971 ҷойи нишаст бо маблағи 851 млн. 106 ҳазор сомонӣ дар вилояти Хатлон ва 661 бинои муассисаи таълимӣ барои 123491 ҷойи нишаст бо маблағи 794 млн. 924 ҳазор сомонӣ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сохта ба истифода дода шудаанд.

Бо дастуру супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани пояи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва муҳайё намудани шароити мусоиди таълимӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2008,№436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо ва биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ қарор доранд» қабул гардид.

Барномаи мазкур сохтмону азнавсозии 804 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 136 муассисаи таълимии дар хонаҳои шахсӣ ва 101 муассисаи таълимии дар вагонхонаҳо қарордошта, 284 муассисаи таълимии дар ҳолати садамавӣ буда, 208 муассисаи таълимии ба таъмири асосӣ ниёздошта ва сохтмони нотамоми 75 муассисаи таълимиро ба маблағи умумии зиёда аз 590 млн. сомонӣ дарбар мегирад.

Дар доираи амалигардонии барномаи мазкур давоми солҳои 2008-2015 бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои

маблағгузорӣ 136 бинои муассисаи таълимӣ барои 15744 ҷойи нишаст аз хонаҳои шахсӣ ва 101 бинои муассисаи таълимӣ барои 13693 ҷойи нишаст аз вагонхонаҳо бароварда шуда, 200 бинои муассисаи таълимӣ барои 37029 ҷойи нишаст, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дошт, азнавсозӣ карда шуданд. Илова ба ин, 192 бинои муассисаи таълимӣ аз таъмири асосӣ бароварда, сохтмони 46 муассисаи таълимӣ барои 25853 ҷойи нишаст, ки аз даврони шӯравӣ ҳамчун иншооти нотамом боқӣ монда буданд, ба анҷом расонида шуданд. Дар маҷмӯъ, дар доираи татбиқи қарори мазкур 675 бинои муассисаи таълимӣ барои 92319 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст.

Бояд зикр кард, ки дар давоми амалӣ намудани Барномаи мазкур (2009-2015) аз ҳисоби маблағҳои барои Вазорати маориф ва илм, ки аз буҷети марказонидашуда пешбинӣ гардидааст 55 млн. 783 ҳазор сомонӣ равона карда шуд; аз ҷумла:

– соли 2009 13 млн.110 ҳазор сомонӣ;
– соли 2010 12 млн. 455 ҳазор сомонӣ;
– соли 2011 4 млн. 631 ҳазор сомонӣ;
– соли 2012 5 млн. 952 ҳазор сомонӣ;
– соли 2013 5 млн. 241 ҳазор сомонӣ;
– соли 2014 6 млн. 900 ҳазор сомонӣ;
– соли 2015 7 млн. 494 ҳазор сомонӣ.

Ҳамзамон, бо назардошти имкониятҳои молиявӣ ҷиҳати иҷрои қарори мазкур сохтмони нотамоми 4 муассисаи таълимӣ барои 1380 ҷойи нишаст, бо маблағи 34 млн. 781ҳазор сомонӣ аз ҳисоби марҳилаи сеюми лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ», ки аз ҳисоби қарзи Фонди Саудии Рушд ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, идома дорад.

Ҳамчунин, дар доираи татбиқи марҳилаи сеюми лоиҳаи «Таҷдид ва идомаи сохтмони муассисаҳои таълимӣ», ки аз ҳисоби маблағгузории Бонки Исломии Рушд ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад, сохтмони 7 бинои муассисаи таълимии нотамом давом дорад. Ҳамин

тавр, иҷрои Барномаи давлатии мазкур дар ин давра, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 84 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи супориши бевоситаи Президенти мамлакат аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои сохтмон ва таҷдиду тармими мактаб-интернатҳои ҷумҳурӣ давоми солҳои 2013-2015 ба андозаи 31 млн. 709 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла барои таҷдиду барқарорсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси ноҳияи Ҳисор ба андозаи 2 млн. 600 ҳазор сомонӣ, барои таҷдиду барқарорсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобино ва сустбини ноҳияи Ҳисор ба андозаи 1 млн. 600 ҳазор сомонӣ, барои сохтмони бинои хобгоҳ барои 100 ҷой дар назди мактаб-интернати деҳаи Кангурти ноҳияи Темурмалик 3 млн. 600 ҳазор сомонӣ, сохтмони бинои таълимӣ барои 240 ҷойи нишаст дар назди Хонаи бачагони деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик ба маблағи 3 млн. 400 ҳазор сомонӣ, барқарорсозии бинои хобгоҳи мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим дар деҳаи Саричашмаи ноҳияи Шӯрообод ба маблағи 2 млн. 330 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар деҳаи Арали ноҳияи Восеъ ба маблағи 3 млн. 100 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернат барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ ба маблағи 3 млн. 425 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернати ёрирасони №1, шаҳри Кӯлоб ба маблағи 2 млн. 998 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии Хонаи бачагони ноҳияи Фархор ба маблағи 1 млн. 756 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар шаҳри Кӯлоб ба маблағи 4 млн. сомонӣ, азнавсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба маблағи 1 млн. 800 ҳазор сомон ва азнавсозии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятиму бепарастор дар ноҳияи Вахш ба маблағи 1 млн. 100 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, иншооти мазкур пурра азнавсозӣ карда шуда, шароити мусоиди таълимӣ ва зист барои хонандагони мактаб-интернатҳои

зикргардида муҳайё карда шуд.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ азнавсозии бинои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, сохтмони бинои таълимӣ дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, сохтмони навбати дуюми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва хобгоҳ, азнавсозии бинои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, сохтмони хобгоҳҳо дар назди Донишгоҳи давлатии ба номи М.Назаршоев дар шаҳри Хоруғ, сохтмони филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ дар ноҳияи Рашт, сохтмони бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ анҷом ёфта, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Илова ба ин, сохтмони навбати дуюми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сохтмони Донишгоҳ ва хонаи истиқоматӣ барои омӯзгорон дар ноҳияи Данғара, сохтмони бинои нави таълимии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия, сохтмони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа дар шаҳри Душанбе ва сохтмони бинои иловагии таълимии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода дар шаҳри Душанбе идома дорад.

Мавриди зикр аст, ки бо дарназардошти торафт беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум ва суръати афзоиши аҳолии кишвар зарурати азнавсозии мактабҳои мавҷуда ва сохтмони муассисаҳои таълимии нав ба миён омадааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли ин масъала ва таъмин намудани муассисаҳои соҳаи маориф бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода карда истодааст.

Бо ин мақсад тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Барномаи давлатии сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025" омодаю ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Ба

барномаи мазкур сохтмону азнавсозии 800 бинои муассисаи таълимӣ барои 179658 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 1 млрд. 708 млн. сомонӣ ворид карда шудааст. Дар назар аст, ки барномаи мазкур дар ин давра пурра амалӣ гашта, шароити мусоиди таълимӣ барои хонандагони муассисаҳои таълимии кишвар фароҳам оварда мешавад.

# БОБИ 4. ГУСТАРИШИ РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА ИЛМӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## § 1. РУШДИ РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИЮ ИЛМӢ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муносибатҳои байналмилалии маориф ва илм зиёда аз 50 созишномаи байниҳукумативу идориро оид ба ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ба имзо расонидааст. Аз ҷумла, бо Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус, Озарбойҷон, Украина, Полша, Туркманистон, Арманистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Латвия, Туркия, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Италия, Арабистони Саудӣ Малайзия ва ғайраҳо.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар самтҳои ба иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ зарур бо 28 кишвари хориҷӣ Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба тиҷорат, фарҳанг, иқтисодиёт, илм ва маориф таъсис додааст, ки дар кори он намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат намуда, ҷиҳати рушди соҳаи маориф ва илм пешниҳодҳои муҳимро ироа менамоянд.

Ҳоло ҷиҳати боз ҳам васеъ намудани доираи ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар самти маориф ва илм Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба имзо расонидани созишномаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Кувайт, Бразилия, Туркия, Чехия, Аморати Мутаҳҳидаи Араб, Фаронса, Қатар, Озарбойҷон, Салтанати Умон, Баҳрайн ва ғайраҳоро ба нақша гирифтааст.

Дар тӯли 25 соли истиқлолият Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар (зиёда аз 28 кишвар) 30 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси

бурсияҳои таҳсилии давлатӣ фиристодааст.

Дар баробари ин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, Хазинаи Оғохон, Ҳамкории техникии Олмон, Бонки умумиҷаҳонӣ, Хазинаи Кувайт, Бонки рушди Осиё, Агентии байналмилалии Иёлоти Мутаҳҳидаи Амрико оид ба инкишофи байналхалқӣ (ЮСАИД), Бонки рушди Саудӣ, ЮНИСЕФ, Намояндагии САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сафоратҳои муқими кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зичро ба роҳ монд.

Инчунин ҳамкориҳои байналмилалӣ дар бахши ислоҳоти соҳаи маориф дар зинаҳои гуногуни таҳсилот идома дорад. Бояд тазаккур дод, ки лоиҳаҳои ТЕМПУС ва Эрасмус-Мундус дар ислоҳоти таҳсилоти олии касбӣ саҳми муҳим доранд.

## §2. ГУСТАРИШИ ТАҲСИЛИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

Бо мақсади интихоб ва тайёр намудани мутахассисони лаёқатманд дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри 2009 таҳти №671 Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байнамилалӣ» таъсис дода шудааст.

Инчунин, бо мақсади тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар барои хонандагони лаёқатманд бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 таҳти №208 Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дурахшандагон» таъсис дода шудааст, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ” танзим мегардад.

Ҳамчунин аз рӯзи таъсисёбӣ то ба имрӯз Марказ тавонист бо зиёда аз 20 давлатҳои хориҷӣ ба мисли Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Озарбойҷон,

Латвия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Шимолии Туркии Кипр, Ҷумҳурии Македонея, Литва, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Индонезия, Ҷумҳурии Туркия, ИМА, Ҷумҳурии Малайзия, Украина, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Лаҳистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Белорус ва Федератсияи Россия шартномаи ҳамкорӣ бандад ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби Стипендияи байналмилаии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – "Дурахшандагон" барои таҳсил фиристад. Аз ҳисоби Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дурахшандагон» дар асоси дархост ва пешниҳодҳои мақомотҳои давлатӣ мутахассисон дар зинаҳои бакалавр, мутахассис, магистратура, аспирантура, докторантура, коромузӣ ва дигар зинаҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои олӣ ва илмии бонуфузи хориҷӣ кишвар



тайёр карда мешаванд.

Дар давоми 7-соли таъсисёбии Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – "Дурахшандагон" то ба имрӯз дар зинаҳои гуногуни таҳсил (бакалавр, мутахассис, магистратура, аспирантура, докторантура ва коромӯзӣ) 407 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ ба таҳсил фаро

гирифта шудаанд, аз ҷумла соли 2008 32 нафар, соли 2009 50 нафар, соли 2010 56 нафар, соли 2011 37 нафар, соли 2012 54 нафар, соли 2013 53 нафар, соли 2014 71 нафар ва соли 2015 бошад 54 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристонида шуданд.

Ногуфта намонад, ки тибқи муқаррарот шаҳрвандоне барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, ки иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба он эҳтиёҷ дорад ва тайёр намудани онҳо дар дохили кишвар ғайри имкон аст. Тибқи банди 13-и Низомномаи Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дурахшандагон» ва қарордоди баимзорасида стипендиатҳои “Дурахшандагон” пас аз хатми муассисаи таълимӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашта, аз рӯйи ихтисосаш дар муассисаҳои давлатӣ бояд на кам аз 5 сол фаъолият намоянд.

Ин аст, ки ҳамасола маблағгузорӣ ҷиҳати тайёр кардани кадрҳо дар хориҷи кишвар аз ҳисоби Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дурахшандагон» афзуда, соли 2010 ин маблағ 4 529 403 сомониро ташкил медод. Соли 2011 ин маблағ ба 5 500 000 сомонӣ, 2012 6 200 000 сомонӣ, 2013 6 722 579 сомонӣ, 2014 6 800 000 сомонӣ расид, дар соли 2015 ба андозаи 7 000 000 сомонӣ зиёд карда шуд. Дар соли 2016 бошад, ба андозаи 7 200 000 сомонӣ  ҷудо карда мешавад, ки он барои таҳсил, истиқомат, стипендия, суғуртаи тиббӣ ва роҳкирои донишҷӯён карда мешавад.

Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» ҷиҳати боз ҳам мустаҳкам намудани ҳамкориҳо дар самти маориф ва илм ва ба ин васила ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар ҷодаи тайёр намудани кадрҳои ба иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ зарур кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки шумораи зиёди шаҳрварндони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба муассисаҳои таълимии бонуфузи ҷаҳонӣ дар давлатҳои мутамаддин фиристад. Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ” то ба имрӯз тавонист бевосита бо 104 муассисаи таълимии хориҷӣ кишвар

шартномаи ҳамкорӣ бандад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки қабули довталабон, агар дар соли таҳсили 2011-2012 ба муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар 1211 нафарро ташкил диҳад, пас ин шумора дар соли таҳсили 2012-2013 1269 нафар, соли таҳсили 2013-2014 2397 нафар, соли таҳсили 2014-2015 3685 нафар ва дар соли таҳсили 2015-2016 ба 4512 нафар расид.

Бояд қайд намуд, ки тибқи банди 3 ва сархати 11-и Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2015 №659 тасдиқ шуда, мутахассисони ҷавони тибқи квотаҳои давлатӣ ва ё роҳхати мақомоти давлатӣ мактабҳои олиро хатмкарда, ҳангоми маротибаи аввал таъин намудан ба мансабҳои категорияи ҳафтум бе озмун сурат мегирад.

Аз ин лиҳоз, бо дастгирии бевоситаи Вазорати маориф ва илм ва заҳмату кӯшишҳои кормандони Марказ аз 128 нафар хатмкунандагони Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – "Дурахшандагон" дар давоми 3 соли охир 124 нафар дар муассисаҳои давлатӣ ба ҷойи кор таъмин карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи гуногуни ҳаёти иҷтимоии кишвари азизамон Марказ мутахасиссони баландихтисосро низ ҷиҳати омӯхтани таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои ҷаҳонро сафарбар кардааст.

Яке аз хатмкунандагон Фирдавс Ғаниев, ки аз ҳисоби Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – "Дурахшандагон" дар хориҷи кишвар таҳсил намудааст, бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарроҳии ивази ҷигарро бо муваффақият гузаронид. Инчунин Оқилҷон Одинаев, ки бо ихтисоси пайвандсоз (Транспанталогия) аз ҳисоби стипендияи мазкур муассисаи тадқиқотии Федератсияи Россияро хатм кардааст, бори нахуст дар ҷумҳурӣ ҷарроҳии ивази гурдаро бомуваффақият ба ҷо овард.

Номзади илмҳои тиб Муъмин Элтаназаровро номбар

кардан меарзад, ки тибқи Стипендияи – “Дурахшандагон” дар зинаи аспирантура ва коромӯзӣ аз рӯйи ихтисоси “ҷарроҳии дилу рагҳо” Донишгоҳи давлатии тиббии шимолу ғарбии ба номи И.И. Мечниковаи шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россияро хатм намудааст. Айни замон номбурда бо даъвати беморхонаҳои марказии шаҳру навоҳии кишварамон дар саросари ҷумҳурӣ беш аз 3754 ҷарроҳии дилу рагҳоро гузаронидааст.Ин муваффақияти мо дар соҳаи тайёр намудани кадрҳо мебошад.

Инчунин духтури дараҷаи якум ва Аълочии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифҷон Олимбоев аз рӯйи ихтисоси “пайвандҳо ва муҳраҳо” дар Федератсияи Россия бозомӯзӣ намуда, дар фаъолияти худ 350 ҷарроҳии пайвандҳо ва муҳраҳоро гузаронидааст.

# ОХИРСУХАН

Баёни мухтасари таърихи рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, ки дар ин китоб омад, шаҳодат аз он медиҳад, ки мардуми тоҷик дар даврони навин ҳам анъанаҳои қадимаи ниёгонро ҳамчун халқи соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор будан, идома додаанд ва ҷиҳати рушду равнақи ҳамаҷонибаи таълиму тарбияи шаҳрвандони ватандӯсту инсонпарвар, соҳибилму соҳибмаърифат таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд. Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари он – Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва калидӣ эълон гардида, дар натиҷаи чунин ғамхориҳо сол аз сол сохтмони муассисаҳои таълимӣ дар сар то сари ҷумҳурӣ зиёд гардида, сифати таълим ҳам рӯ ба беҳбудӣ овард, илму маърифат боло рафт.

Соҳаи маориф дар кишвари мо дар давраи Истиқлолияти давлатӣ бурду бохти зиёдро паси сар кард ва бо таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти давлат маорифро дар сиёсати кишвар аввалмақом ва нигоҳи ҷомеа ва давлатро ба мактабу муаллим ва таҳсили насли наврас зиёд гардонд. Ин аст, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ваколатдор дар соҳаи маориф ва илм минбаъд низ кӯшиш мекунад, ки тамоми дастуру супоришоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Сарвари он – Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро саривақт ва бо сифати баланд ба иҷро расонад.

Албатта, новобаста аз корҳою фаъолияти ба сомонрасонида ҳоло ҳам камбудию мушкилот дар соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ ба назар мерасад, бо вуҷуди ин Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон боварӣ дорад, ки проблемаҳои ҷойдошта тадриҷан ҳал гардида,

ислоҳоти соҳаи маориф ва илм дар солҳои минбаъда дар ҳамаи самтҳо давра ба давра амалӣ хоҳад шуд.

Афзалиятнок, калидӣ ва омили амнияти миллӣ номбар шудани маориф аз нигоҳи Роҳбари давлат дар замони имрӯза ҳар яки моро водор месозад, ки дар иҷрои вазифаҳои худ боз ҳам масъулияти бештар эҳсос намоем. Чунин баҳогузорӣ далели он аст, ки маориф ва илм ҳақиқатан дар ташаккули ҳаёти ҷомеа ва истиқлолияти кишвар нақши муҳим мебозад.

Даврони истиқлолияти давлатӣ собит намуд, ки маориф ва илм неруи азим аст. Истифодаи ин неруи беназир дар корҳои созандагӣ метавонад на танҳо ба рушди соҳа мусоидат намояд, балки дар шукуфоии имрӯзу фардои ҳар диёр ва мафкураи ҳар як сокини он низ, ки ҳадафи муҳимтарини сиёсати Пешвои миллати мост, саҳми беандоза бузурге гузорад.

# РУШДИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ


Муҳаррир Наҷмиддин Зайниддинов
Муҳаррири техникӣ Қобилҷон Саъдуллоев
Тарроҳ Иқбол Сатторов

Ба матбаа 00.00.2016 супорида шуд.
Ба чоп 00.00.2016 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x90 1/16. Ҷузъи чопӣ 12,5.
Адади нашр 1000 нусха.
Супориши № 53/2016.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66, +992-958-52-89-89
E-mail: najmiddin64@mail.ru